9(584)
Н29

АБУБАКР МУҲАММАД БИННИ ҶАЪФАР НАРШАХӢ

# ТАЪРИХИ БУХОРО



Равшанфикр

9(584)
Н29
АКАДЕМИЯИ ФАНҲОИ РСС ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ТАЪРИХИ БА НОМИ А. ДОНИШ

АБУБАКР МУҲАММАД БИННИ
ҶАЪФАР НАРШАХӢ

# ТАЪРИХИ БУХОРО

только в чз

*Ҳозиркунандаи чоп, муқаддима, тартибдиҳандаи тавзеҳот, луғат, рӯйхати исмҳои хос, номҳои ҷуғрофӣ*
*Н. ҚОСИМОВ*

Муҳаррири масъул
*А. МУХТОРОВ*

609973
КИТОБХОНАИ Академияи Фанҳои РСС Тоҷикистон
БИБЛИОТЕКА Академии Наук Таджикской ССР
всего 1 экз

НАШРИЁТИ «ДОНИШ»
ДУШАНБЕ — 1979

# САРСУХАН

«Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ яке аз асарҳои пурқимати таърихӣ ба шумор меравад. Ин асар борҳо аз тарафи котибон рӯйбардор шудааст. Муаллифи он Абӯбакр Муҳаммад бинни Ҷаъфар ан-Наршахӣ дар Наршах ном деҳи назди Бухоро ба дунъё омада, дар асри X дар дарбори Сомониён ҳаёт ба сар бурдааст. Назар ба маълумоте, ки дар сарсухани китоб оварда шудааст, Наршахи онро дар солҳои 943—944 навишта ба амири замон, Абумухаммад Нӯҳ бинни Наср бинни Аҳмад бинни Исмоил ус-Сомони пешкаш намудааст.

Дар бораи муаллифи асар маълумоти кофи нест. Дар «Китоб ул-ансоб»-и Самъонӣ навишта шудааст, ки номи пурраи ӯ Абӯбакр Муҳаммад бинни Ҷаъфар бинни Зикриё бинни Хаттоб бинни Шарик буда, аз аҳли Бухорост ва соли 286 ҳиҷрӣ (899) таваллуд ёфта, соли 348 ҳиҷрӣ (959—960) вафот кардааст. Маълум аст, ки «Таърихи Бухоро» аслан ба забони арабӣ навишта шуда, вале он то замони мо омада нарасидааст.

Нусхаи ҳоло ба чоп тайёр кардаи мо тарҷумаи тоҷикии соли 1128 мебошад, ки ба қалами Абунаср Аҳмад бинни Муҳаммад бинни Наср ал-Қубовӣ[1] тааллуқ дорад. Сабаби ба тоҷикӣ гардониданӣ китобро ӯ дар сарсуханаш чунин баён намудааст: «Ва бештари мардум ба хондани китоби арабӣ рағбат нонамоянд, дӯстон аз ман дархост карданд, ки ин китобро ба порсӣ тарҷума кун».[2]

Тарҷумаи ал-Қубовӣ аз дигарҳо бо он фарқ мекунад, ки тарҷумон баъзе ҷойҳои асари Наршахиро гирифта партофтааст ва дар ин бора худи ӯ дар сарсухан чунин мегуяд: «Ва чун дар нусхаи араби зикри чизҳое буд, ки даркор набуд ва низ табиатро аз хондани он маломате мсафзуд, зикри он чизҳо карда нашуд».[3] Шояд ал-Қубовӣ матнеро ихтисор карда бошад, ки бештари он

---

[1] Қувва номи шаҳрест дар водии Фарғона.
[2] Нигаред ба китоби мазкур саҳ. 8.

бо урфу одат ва муносибатҳои пеш аз исломӣ дахл дошта, барои мустаҳкам шудани дини ислом дар Осиёи Миёна халал мерасониданд. Дар баробари ин мутарҷим ба матни асосӣ иловагиҳо дохил намудааст, ки онҳо дар рӯзгори муаллифи китоб ба вуқуъ наомада буданд. Ба ғайр аз ин ал-Қубовӣ аз баъзе китобҳое истифода бурдааст, ки онҳо баъд аз «Таърихи Бухоро» навишта шудаанд. Яке аз онҳо асари Абулҳасан Абдураҳмон бинни Муҳаммад Нишопурӣ (асри XI) «Хазоин ул-улум» мебошад. Ин китоб то ба замони мо омада нарасида бошад ҳам, вале аз рӯи иқтибосҳои овардашуда маълум мегардад, ки асари мазкур яке аз манбаъҳои пурқимати таърихӣ будааст. Дар бораи исьёни Муқаннаъ бошад маълумотҳоро аз китоби «Аҳбори Муқаннаъ»-и Иброҳим ном шахсе[4] мегирад, ки он ҳам то замони мо омада нарасидааст. Дар вақтҳои охир муайян намудаанд, ки ал-Қубовӣ дар қисми ҳадисҳо аз асари ба мо номаълуми Шамсиддин Абубакри Заранҷарӣ низ истифода кардааст.[5]

«Таърихи Бухоро»-ро баъд аз ал-Қубовӣ Муҳаммад бинни Зуфар бинни Умар ном шахс дар солҳои 1178—1179 бори дигар кӯтоҳ мекунад. Ҳангоми мутолиаи китоб маълум мегардад, ки дар он ба ғайр аз воқеаҳои солҳои 1178—1179, воқеаҳое ҳам дучор мегарданд, ки онҳо дертар ҷараён доштанд. Масалан, ба Бухоро дохил шудани Хоразмшоҳ Муҳаммад ва бо амри ӯ аз нав обод карда шудани ҳисори шаҳр, ҳуҷуми тотор-муғулҳо ба Осиёи Миёна ва ғайра. Бояд қайд намуд, ки таҳрири он дар асрҳои баъдина (XIV—XV) ҳам давом карда омадааст.[6]

Ҳамингуна «Таърихи Бухоро» якчанд маротиба кӯтоҳ ва таҳрир шуда, то замони мо нусхаи аслии он омада нарасидааст. Бо вуҷуди ҳамаи ин тағьиротҳо номи Наршахӣ ҳамчун мусаннифи китоб аз тарафи муаррихони баъдина нигоҳ дошта мешуд.

Муҳаммад Наршахӣ ба асари худ чӣ хел ном гузоштааст маълум нест. Бинобар он тарҷумон ва нусхабардорони оянда ин китобро ҳар хел номбар кардаанд: «Таърихи Наршахӣ», «Таърихи Вухоро», «Таърихи мазороти Бухоро», «Таҳқиқи вилояти Бухоро», «Таҳқиқ ул-вилоят», «Ахбори Бухоро» ва ғайраҳо. Ҳа-

---

[3] Ҳамон ҷо.

[4] Эҳтимол ин ҳамон Абуиброҳим бинни ал-Аббос ус-Суламӣ (ваф. 243/857—858) шоир бошад, ки асарҳои таърихӣ ҳам навиштааст (Бартольд В. В. Соч., т. I. М., 1963, стр. 60).

[5] Смирнова О. И. Некоторые вопросы критики текста, — Письменные памятники Востока. Историко-филологические исследования. М., 1970, стр. 165.

[6] Смирнова О. И. Некоторые вопросы критики текста, — Письменные памятники Востока. Историко-филологические исследования. М., 1970, стр. 165.

ман онҳо ба мазмуни кор мувофиқ бошанд ҳам, вале он бо ду номи аввал бештар машҳур гаштааст. Дар вактҳои охир олимон асосан «Таърихи Бухоро»-ро истифода бурда истодаанд, ки ин ба мазмуни кор наздиктар мебошад ва мо ҳам онро қабул намудем.

Бояд қайд намуд, ки муаллифи китоб, Муҳаммад бинни Чаъфар Наршахи, мутарҷим Абунаср Аҳмад бинни Муҳаммад бинни Наср ал-Қубовӣ ва Муҳаммад бинни Зуфар, ки дар асрҳои X—XII зиндагӣ кардаанд, фарзандони синфи худ — ҳамии сохти иқтисодӣ, сиёсӣ ва ичтимоиву маънавии замони феодали буданд. Аз ин рӯ ҳаман ҳаракатҳои халқи, ки ба муқобили синфи ҳукмрон ва идеологияи ӯ равон шуда буданд барои онҳо нофаҳмо мондааст. Онҳо ба чунин ҳаракатҳо аз нуқтаи назари синфи худ баҳо медоданд. Маҳдудияти ақидаи онҳо дар тасвири исьёни Муқаннаъ равшан мушоҳида карда мешавад. Маълум, ки исьёни Муқаннаъ дар таърихи муборизаи халқҳои Осиёи Миёна ба муқобили ачнабиёни истилогар, идеологияи онҳо — дини ислом ва ашрофони истисморгари маҳаллӣ яке аз саҳифаҳои дурахшон буд. Вале дар «Таърихи Бухоро», нисбат ба Муқаннаъ иборақои: «хокаш ба даҳон», «алайҳи лаънат» («лаънати худо бар ӯ») ва амсоли онҳо зиёд истифода шудааст.

Қатъи назар аз ин камбудиҳо асар бо забони содда навишта шуда, аксар ҳодисаҳо объективона тасвир ёфтааст. Ин буд, ки вай дар як муддати кутоҳ диққати олимони бештар мамлакатҳоро ба худ чалб намудааст.[7]

Аз солҳои дастраси илм гардидани худ (аввалин дастхатҳои «Таърихи Бухоро» дар Россия ва дар Ғарб дар нимаи якуми асри XIX пайдо гардидаанд, ки онҳоро Бернс 1832 ва Ханыков соли 1841 дар Осиёи Миёна дарьёфт карда буданд), то алҳол якчанд маротиба нашр ва ба дигар забонҳои гуногун тарҷума шудааст. Охири асри XIX, соли 1883, олими француз Ч. Шефер пор-

[7] Аввалин шахсе, ки аз «Таърихи Бухоро» васеъ истифода бурдааст ин Н. В. Ханыков мебошад. Ханыков Н. В. Описание Бухарского ханства. Спб., 1843; Вамбери А. История Бухары или Трансоксании с древнейших времен до настоящего времени, т. 1—2, Спб., 1873; Ситняковский Н. Ф. Заметки о Бухарской части долины Зеравшана. — ИТОРГО, т. 1. Ташкент, 1900, вып. 2; Бартольд В. В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. Ч 2. Спб., 1900 (Соч., т. 1., М., 1963); Лерх П. И. Монеты бухархудатов. — ТВОРАО, ч. 18. Спб., 1909; Шишкин В. А. Археологические памятники Бухары. Ташкент, 1936; Археологические работы 1937, в зап. части Бухарского оазиса. Ташкент, 1940; Сухарева О. А. К истории городов Бухарского ханства (историко-этнографические очерки). Ташкент, 1958 ва дигарон васеъ истифода бурдаанд.

чаҳосро аз ин китоб ба хрестоматияаш дохил намуда, соли 1892 матни пурраи онро дар асоси ду дастхат аз чоп мебарорад.[8] Дере нагузашта чопи сангии он ду маротиба дар Қогон (Бухоро), солҳои 1894 ва 1904 дастраси умум мегардад.[9] Ниҳоят Мударрис Ризави дар асоси дастхатҳои дар Эрон маҳфуз буда ва нашри Парижи, соли 1939 дар Теҳрон манзури хонандагон мепамояд.[10]

Бори аввал «Таърихи Бухоро» ба забони руси дар охири асри XIX тарҷума шудааст.[11] Тарҷумаи англисии он бо шарҳу эзоҳотҳои муфассал, соли 1954 дар Кембриҷ[12] ва ба забони узбеки соли 1966 дар Тошкент[13] аз нашр баромадааст.

Вале ба хатти имрузаи тоҷики ин асар то ҳол ба табъ нарасидааст. Бинобар он сектори таърихи асрҳои миёнаи Институти таърихи ба номи А. Дониши АФ РСС Тоҷикистон зарур донист, ки «Таърихи Бухоро»-ро ба чоп ҳозир намояд.

Дастнависҳои зиёди «Таърихи Бухоро» дар китобхонаҳои гуногуни дуньё маҳфуз мебошанд. Куҳнатарин дастнависи дар мамлакати мо мавҷуд буда дар асри XVI — ибтидои асри XVII руйнавис шуда, дар китобхонаи Институти халқҳои Осиё нигоҳ дошта мешавад. Нусхаи дар Институти шарқшиносии АФ РСС Тоҷикистон маҳфуз буда 28 моҳи Раҷаби соли 1060 (27 июли соли 1650) китобат шудааст.[14]

Чопи Теҳрон аз тарафи шарқшиносон яке аз беҳтаринҳо ҳисобида шудааст. Бинобар ин матни интиқодии Мударрис Ризавиро мо асоси ин нашр гирифта дар мавриди зарури аз чопи

---

[8] Description topographique et historique de Boukhara par Mohammed Necshakhy, texte persan, public par Charles Schefer. Paris, 1892.
тифода бурдаанд.

[9] Смирнова И. О. «История Бухары» Наршахи. — «Краткое сообщения Института народов Азии», 69, М., 1965, стр. 156.

[10] تاریخ بخارا تألیف ابو بکر محمد بن جعفر النرشخی (٢٨٦—٣٤٨٢) ترجمه ابو نصر احمد بن محمد بن نصر القوباوی تلخیص محمد بن زفر بن عمر عر و تصحیح مدرس رضوی تهران ١٣١٧.

[11] Мухаммад Наршахи. История Бухары. Под редакцией В. В. Бартольда. Перевод с персидского Н. Лыкошина. Ташкент, 1897.

[12] The history of Bukhara. Translated from a Persian Abridgment of the Arabic original by Nershekhi Richard N. Frye. Cambrige — Massachusetts, 1954.

[13] Абубакр Муҳаммад ибн Жаъфир Наршахий. Бухоро таърихи. Форс-тожик тилида таржима филология фанлар кандидати А. Расулевники, масъул муҳаррир таърих фанлар кандидати А. Уринбоев. Тошкент, 1966.

[14] Каталог восточных рукописей АН Таджикской ССР, т. 1, Сталинабад, 1960, стр. 97—98.

Парижи соли 1892, Бухороии соли 1904 ва аз тарҷумаҳои англисӣ ва ӯзбекӣ низ истифода кардаем.

Бояд қайд намуд, ки ҳангоми ба чоп тайёр намудани «Таърихи Бухоро» ба талаботи забони имрузаи тоҷик риоя карда шуд, ки аз ин хусус нашри мазкур аз нашри Теҳрон фарқияте дорад.

Он қавсайнҳое, ки аз тарафи Мударрис Ризавӣ гузошта шуда буданд ва онҳо аз кадом дастхатҳо илова шудани калимаҳои дохили онро нишон медоданд партофта шуда ба ивази он калимаҳое дар қавсайн аз худ илова намудем, ки онҳо барои муайян намудани мазмун аҳамият доранд. Масалан, дар байни номҳои Амр ва Лайс калимаи «бинни»-ро гузоштем; инчунин он ҳамду саноҳое, ки дар васфи худо ва пайғамбарони ӯ ҷой доштанд, ба ғайр аз калимаҳои «Раҳматуллоҳи алайҳи» ва «валлоҳу аъ-лам» ва онҳо ба мазмуни матн аҳамияте надоштанд, ҳама партофта шуда ба ҷояшон сенуқтаҳо гузошта шуд ва ниҳоят дар дохили матн баъди солҳои ҳиҷрӣ, ки бештаринашон ба арабӣ оварда шудаанд мутобиқи мелодии онҳоро дар қавсайн овардем. Масалан, баъди соли самона ва миатайн — 208ҳ. — 823/824-ро гузоштем, ки ба фикри мо ин кори хонандагонро як қадар осон мекунад.

Дар охир тавзеҳот, руйхати исмҳои хос, номҳои ҷуғрофӣ ва топонимикӣ маънои калимаҳои мушкилфаҳм аз «фарҳанги забони тоҷикӣ»[15] маънидод карда шудаанд.

---

[15] Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX), ҷилдҳои I ва 2. М., 1969. (барои ба ҳисоб гирифтани фикру мулоҳизаҳои хонандагон пеш аз чопи ин асар, ба хоҳиши редакция моҳи июли соли 1973 дар 10 номери газетаи «Маориф ва маданият» порчаҳо аз ин китоб чоп карда шуда будаанд).

1 //...

Чунин гуяд Абунаср Аҳмад бинни Муҳаммад бинни
Наср ал-Қубовӣ,[1] ки Абубакр Муҳаммад бинни Ҷаъфар ан-
Наршахӣ[2] китобе таълиф кардааст, ба номи амири Ҳамид
Абумуҳаммад Нӯҳ бинни Наср бинни Аҳмад бинни Исмоил
ус-Сомонӣ, раҳматуллоҳи таоло, дар зикри Бухоро ва мано-
қиб ва фазоили ӯ ва он чӣ дар вай аст ва дар рустоҳои
вай, аз марофиқ ва манофеъ ва он чи бо вай нисбат дорад.
Ва зикри аҳодисе, ки дар фазилати Бухоро омадааст аз ра-
2 сул, . . . ва аз асҳоб//ва тобеин ва уламои дини ризвон . . . .
Ва таълифи ин китоб ба арабӣ буда ба иборати балиғ, дар
шуҳури санаи иснайни ва салосуна ва сулсамия (332ҳ—
943—944). Ва бештар мардум ба хондани китоби арабӣ
рағбат нанамоянд, дӯстон аз ман дархост карданд, ки ин
китобро ба порсӣ тарҷума кун. Фақир иҷобат карда тарҷу-
ма кардам дар Ҷумодиюлаввали санаи иснайни ва ишруна
ва хамсамия (522 ҳ—1128). Ва чун дар нусхаи арабӣ зикри
чизҳое буд, ки даркор набуд ва низ табиатро аз хондани он
маломате меафзуд, зикри он чизҳо карда нашуд. Ва дар
шуҳури санаи арбаа ва сабъайни ва хамсамия (574ҳ—
1178—1179) камтарини бандагон Муҳаммад бинни Зуфар
бинни Умар[3] ба тариқи ихтисор зикр кард, ба ҷиҳати маҷ-
лиси олӣ, садри судури[4] ҷаҳон хоҷа . . ., Абдулазиз бинни
ус-садр ал-имом, ал-ҳамид Бурҳониддин Абдулазиз...

## ДАР ЗИКРИ ҶАМОАТЕ, КИ ДАР БУХОРО ҚОЗӢ БУДАНД

Себавайҳ ибни Абдулазиз ал-Бухори ан-Нахви[5] буд, ва Муҳаммад бинни Аъян гуфт: «Аз Абдуллоҳ Муборак шунидам, ки Себавайҳ қазои Бухоро кард ва ба ду дирам ҷавр

накард». Боз гуфт: «Ду дирам бисьёр бошад ба заррае ҷавр накард».

Ва боз Мухаллад бинни Умар қозӣ шуд ба солҳои дароз чандон, ки охири кор шаҳид шуд. Ва дигар Абудаим Ҳозими Садуси, ки вайро аз халифа фармони қазо расид. Ва дигар
3 Исо бинни Мӯсо//ат-Таймӣ ал-маъруф ба Ғанҷор[6] буд, ки раҳматуллоҳ, ӯро қазо доданд қабул накард ва султон фармуд:

«Агар қазо накунӣ касеро ихтиёр кун, ки ба вай диҳем»
Ин ҳам қабул накард.

Султон фармуд, ки аҳли қазоро пеши ӯ ёд кунед. Ҳамчунон карданд. Ва номи ҳар касе, ки пеши ӯ ёд карданди, гуфтӣ: «Нашояд». Чун Ҳасан бинни Усмони Ҳамадониро пеши ӯ ёд карданд хомуш гашт. Гуфтанд, ки хомушӣ аз вай аломати ризо бошад. Ҳасан бинни Усмонро қазо доданд. Дар аҳди у дар шаҳрҳои Хуросон ба илм ва зӯҳди у ҳеҷ касро нишон надоданд.

Ва боз Омир бинни Умар бинни Умрон буд ва боз Исҳоқ бинни Иброҳим бинни ал-Хити буд. Ва баъд аз узл ба Тӯс вафот ёфт, дар санаи сомона ва миатайн (208 ҳ—823—824).

Ва дигар Саид бинни Халаф ал-Балхи буд, ки вайро қазо доданд дар салхи Ҷумоди ул-аввали санаи салоса ашара ва миатайн (213 ҳ—828). Ба ваҷҳе қазо ронд, ки бар вай мисл заданд, аз адл ва инсоф ва шавқат бар ҳалқи худои таоло. Ва суннатҳои неку ниҳод ва аз он ҷумла ин дарғот ва қисмати оби Бухоро вай ниҳод. Ба адл ва инсоф то қавӣ бар заиф ситам накунад.

Ва дигар Абдулмаҷид бинни Иброҳим ан-Наршахиро зоид аст. Ӯро аз ҷумлаи уббод ус-солеҳин[7] гуфтандӣ. Дигар Аҳмад бинни Иброҳим ал-Баркадӣ, раҳматуллоҳ, ба рӯзгори султон Аҳмад бинни Исмоил ус-Сомони қозӣ буд ва ҳам фақеҳ[8] буд ва ҳам зоҳид.[9] Дигар Абӯзар Муҳаммад бинни Юсуф ул-Бухори, аз ҷумлаи асҳоби Имоми Шофеъӣ[10] буд.
4 раҳматуллоҳ, ва бо илм ва зӯҳд буд. Ва ӯро бар уламои// Бухоро тақдим карданди ва ӯро бисьёр биозмуданд ба ришвати пинҳон ва бар ҳар маънӣ. Ба ҳеҷ чиз хештанро олуда накард, балки ҳар рӯз адл ва инсоф аз ӯ зоҳиртар мешуд. Ва чун пир шуд аз қазо уфу хост ва ба ҳаҷ рафт ва ҳаҷ гузорид ва муддате ба Ироқ бошид ва дар талаби илми ҳадиси пайғамбар, . . ., буд. Ва шогирдӣ кард ва боз ба Бухо-

ро омад ва узлат ихтиёр кард то охири хаёт, раҳматуллоҳи алайҳи.

Дигар Абдулфазл бинни Муҳаммад бинни Аҳмад ал-Марвази ус-Суламӣ[11] ал-фақеҳ, раҳматуллоҳи алайҳи, соҳиби «Мухтасари кофӣ». Солҳои бисьёр дар Бухоро қазо[12] кард, ки ба заррае бар вай айб нагирифтанд. Ва адлу инсофи ом мекард, ки ба рӯзгори ӯ дар дуньё ба илм ва зуҳд ӯро мисл набуд. Баъд аз он вазири султон шуд ва бимурд ва шаҳид шуд.

Мусаннифи ин китоб гуяд, ки: «агар ҷумлаи уламои Бухороро зикр кунем дафтарҳо бояд ва ин ҷумла, ки мо ёд кардем аз онҳоянд, ки пайғамбар, ..., фармуд, ки уламои уммати к-анбиёи бани Исроил».

Муҳаммад бинни Ҷаъфар ан-Наршахӣ ин фаслро андар китоб наёвардааст. Аммо Абдулҳасан Абдураҳмон Муҳаммад ан-Нишопурӣ дар китоби «Хазоин ул-улум»[13] чунин овардааст, ки: ин мавзеъ, ки имруз Бухоро аст обгир будааст ва баъзе аз вай найистон будааст ва дарахтистон ва мар-
5 ғузор. Ва баъзе мавзеъ чунин//буда, ки ҳеҷ ҳайвон ноёб наёфти бадин сабаб, ки ба вилоятҳое ки сӯи Самарқанд аст бар кӯҳҳо барфҳо гудохти ва он об он ҷо ҷамъ шудӣ.

Бар сӯи Самарқанд рӯде азим аст, ки онро рӯди Мосиф хонанд.[14] Дар он рӯд об бисьёр ҷамъ шавад ва он оби бисьёр заминро биканад ва гили бисьёр берун оварад чунон, ки ин мағокҳо оканда шуд, оби бисьёр меомад ва гил меовард, то ба Битик[15] ва Фараб[16] расид ва он об дигар боз дошт. Ба ин мавзеъ, ки Бухорост оканда шуд ва замин рост шуд ва он рӯди азим Суғд шуд ва ин мавзеи оканда Бухоро шуд. Ва мардумон аз ҳар ҷониб омаданд ва он ҷо хуррамӣ гирифт. Ва мардумон аз ҷониби Туркистон омаданди ва бадин вилоят об ва дарахтон бисьёр будӣ ва шикор бисьёр будӣ. Он мардумонро ин вилоят хуш омадӣ. Ин ҷо мақом карданд Ва аввал дар хайма ва хиргоҳ истоданд ва бошиданди. Ва ба рӯзгор мардум гирд омаданд ва иморатҳо карданд. Ва мардум бисьёр шуданд ва якеро баргузиданд ва амир карданд. Ва номи ӯ Абрӯй[17] буд ва ҳануз ин шаҳр набуд. Валекин баъзе аз рустоҳо шуда буд ва аз он ҷумла яке Нур[18] буд ва Харқонрӯд[19] ва Вардона[20] ва Таровча[21] ва Сафна ва Исвона[22] ва деҳи бузург, ки подшоҳ нишастӣ Пайканд[23] буд. Ва шаҳр қалъаи Дабусӣ[24] буд ва шаҳр вайро хонданди. Ва чун рӯзгоре баромад Абрӯй бузург шуд ва зулм пеш гирифт бадин ниҳоят чунон, ки мардум беш сабр

натавонистанд кард. Деҳқонон[25] ва тавонгарон аз ин вило-
ят бигрехтанд ва ба Туркистон ва Тироз[26] шаҳре бино кар
6 данд.//Ва он шаҳрро Ҳамукат ном карданд, аз баҳри он, ки
деҳқони бузург, ки раиси он тоифа, ки аз он ҷо рафта буд,
вайро Ҳамук ном буд. Ва Ҳамук ба забони бухори гавҳар
бувад ва кат шаҳр бувад, яъне шаҳри Ҳамук. Ва ба забо
ни бухори касе, ки бузург бувад вайро Ҳамук гӯянд яъне
гавҳарест фалон:

Пас он мардумон, ки ба Бухоро монда буданд, ба наз-
дики меҳтарони худ кас фиристоданд ва фарьёд хостанд аз
ҷабри Абрӯй. Он меҳтарон ва деҳқонон ба наздики подшо-
ҳи туркон рафтанд, ва номи он подшоҳ Қаро Ҷурин турк
буд.[27] Ва онро аз ҷиҳати бузурги «Биёғу» лақаб карда бу-
данд. Ва аз Биёғу дод хостанд. Биёғу писари худ, ки Ше
рикишвар ном дошт ба лашкари азим фиристод. Чун Ше-
рикишвар ба Бухоро омад Абрӯйро дар Байканд бигрифт
ва банд кард, ва боз бифармуд то яке ҷуволеро бузург аз
кабти сурх пур карданд ва Абрӯйро дар он ҷувол карданд
то бимурд. Ва Шерикишварро ин вилоят хуш омад. Ба наз-
дики падар номае фиристод ва ин вилоятро талабид, ва
дастуре хост то ба Бухоро бошад. Ва аз Биёғу ҷавоб омад,
ки «он вилоятро ба ту бахшидам». Шерикишвар кас фири-
стод ба Ҳамукат то он мардумонро, ки аз Бухоро гурехта
буданд бо зануну фарзандон боз ба Бухоро оварданд. Он-
гоҳ боз марсум шуд, ки ҳар ки аз Ҳамукат омада буд вай
аз ҷумлаи хос бувад аз баҳри он, ки ҳар ки тавонгар буд ва
деҳқони бузург буд, гурехта буд ва дарвешон ва фақирон
монда буданд. Чун он қавм боз омаданд, он қавм, ки бечо-
7 ра монда буданд хидматкорони он қавм шуданд. Ва дар//
миёни он қавм деҳқони бузурге, буд. он деҳқонро Бухорху
дот гуфтандӣ аз баҳри он, ки деҳқонзодаи қадим буд ва
зиёъ[28] бештар уро буд. Ва ағлаби ин мардумон кадеварон[29]
ва хидматкорони у буданд.Ва Шерикишвар шаҳристони[30]
Бухороро бино кард ва деҳаи Мамостин[31] ва Сақматин[32] ва
Самтин[33] ва Фараб бино кард. Бист сол подшоҳи кард. Баъд
аз он подшоҳ дигар, ки шуд Искаҷкат[34] ва Шарғ[85] ва Роми-
тин[36] бино кард. Баъд аз он деҳаи Фарахши баровард ва
чун духтари малики Чинро ба Бухоро арӯс оварданд, ан-
дар ҷиҳози у бутхонае оварданд аз Чин. Ва ин бутхонаро
ба Ромитин ниҳоданд.

Ва ба рӯзгори хилофати амиролмуъмини Абубакри[37]
Сиддиқ, ба Бухоро сим заданд аз нуқраи холис. Пеш ба

Бухоро сим набуд. Ва ба рузгори Муовия[38] Бухоро кушода
шуд ба дасти Қутайба бинни Муслим. Ва Тағшода подшоҳ
шуд, сиву ду сол мулк дошт аз ҷиҳати Қутайба бинни Мус-
лим. Чун Абумуслим уро ба Самарқанд кушт ба рузгори
Наср Сайёр, ки амири Хуросон буд. Баъд аз Қутайба даҳ
сол Тағшода мулк дошт ва уро Абумуслим, раҳматуллоҳ,
бикушт. Ва баъд аз вай Сукон бинни Тағшода,[39] бародари
8 у, ҳафт сол мулк дошт,//андар кохи Фарахшӣ кушта шуд,
ба фармони халифа, гавғо бархост; у низ кушта шуд, ҳам
дар кушки худ дар моҳи Рамазон, куросие бар канор ниҳо-
да буд ва Қуръон мехонд. дар он ҳол уро бикуштанд ва ҳам
дар он кушк вайро дафн карданд. Ва баъд аз у бародари
у Буньёт бинни Тағшода[40] ҳафт сол мулк дошт ва андар ко-
хи Фарахши кушта шуд, ба фармони халифа. Ва сабаби он
баъд аз ин ёд карда шавад. Ва баъд аз он Бухоро ба дас-
ти фарзандони Тағшода ва худдом ва наберагони у мебуд
то ба рузгори амир Исмоили Сомони,[41] ки мулк аз дасти
фарзандони Бухорхудот берун шуд, баъд аз ин ёд карда
шавад, зикри он.

## ДАР ЗИКРИ ХОТУНЕ, КИ БА БУХОРО ПОДШОҲ БУД ВА ФАРЗАНДОНИ У, КИ ПОДШОҲ БУДАНД БАЪД АЗ ВАЙ

Муҳаммад бинни Ҷаъфар гуяд: Чун Бедун Бухорхудот бимурд[42] аз вай писари ширхора монд. Номӣ у Тағшода. Ин Хотун, ки модари ин писар буд ба мулк биншаст ва понздаҳ сол мулк дошт.[43] Ва ба рузгори у араб ба Бухоро омадан гирифтанд. Ва ҳар бор Хотун сулҳ карди ва мол додӣ. Чунин гуфтанд, ки ба рузгоре аз вай соҳибройтар касе набуд ва бособитрой мулк медошт ва мардумон уро мунқод гашта буданд. Ва одати у чунон буд, ки ҳар руз аз дари ҳисори Бухоро берун омадӣ ва бар асб истоди, бар дари Регистон. Ва он дарро Дарвозаи Алаффурушон хондаанд. Ва бар тахт нишасти ва пеши вай ғуломон ва хоҷасароён, яъне хасиён ва//хоҷагон, истоданди. Ва вай қоида ниҳода буд бар аҳли рустои, ки ҳар руз аз деҳқонон ва моликзодагон дувист барно камари заррин бар баста ва шамшер ҳамоил карда, ба хидмат омаданди ва аз дур боистодандӣ ва чун Хотун берун омадӣ ҳама хидмат карданди ва ба ду саф ис-

тоданди. Ва ӯро дар кори мулк нигариш кардӣ ва амру наҳи доди, ва онро, ки хости халъат додӣ ва онро, ки хости уқубат кардӣ. Ва инчунин аз бомдод то чаштгоҳ нишасти ва баъд аз он ба ҳисор андаромадӣ ва хонҳо фиристодӣ ва ҳама ҳашамро таом додӣ. Ва чун шабонгоҳ шудӣ ба ҳамин сифат берун омадӣ ва бар тахт нишастӣ ва аз деҳқонон ва маликзодагон ба ду саф пеши ӯ ба хидмат боистодандӣ, то офтоб фуруд рафтӣ. Онгоҳ бархости ва барнишастӣ ва ба коҳ рафтӣ ва онҳо ба ватани хеш ба русто рафтандӣ. Ва рузи дигар қавме омадандӣ ва бар ҳамин сифат хидмат кардандӣ чандон, ки навбат ба ҳамин қавм расидӣ. Ҳар сол ҳар қавмро чаҳор рӯз бадин сифат боисти омадан.

Чун ин Хотун бимурд ва писари ӯ Тағшода бузург шуда буд ба подшоҳӣ шоиста шуда ва ҳар кас тамаъ мекард дар ин мулк. Яке вазир аз Туркистон омада буд, номи ӯ Вардонхудот ва ноҳия Вардона ӯро буд ва Қутайба бо ӯ бисьёр ҳарбҳо боист кардан. Ин Вардонхудот бимурд ва Қутайба Бухороро бигрифт ва чанд бор ӯро аз ин вилоят берун кард, ки гурехта ба Туркистон рафт. Қутайба Бухороро боз ба Тағшода дод ва ӯро ба мулк биншонд ва мулк бар вай софӣ кард ва//ҳама душманони ӯро даст кӯтоҳ кард.

Ва Тағшода ба дасти Қутайба имон оварда буд ва мулки Бухоро медошт то Қутайба зинда буд. Ва аз баъди ӯ ба рӯзгори Наср Сайёр сиву ду сол мулки Бухоро ба дасти ӯ буд ва ӯро дар ислом писаре шуд ӯро Қутайба ном кард аз он, ки дӯсти бо ӯ карда буд. Ва аз баъди Тағшода писари вай Қутайба[44] ба мулк биншаст муддате мусулмон буд то риддат овард дар замони Абӯмуслим, раҳматуллоҳ. Абӯмуслим хабар ёфт ва ӯро бикушт ва бародари ӯро низ бо касони ӯ ҳалок кард.

Баъд аз он Буньёт бинни Тағшода подшоҳи Бухоро шуд ва вай дар ислом зода буд ба муддате мусулмон буд. Чун Муқаннаъ падид омад ва фитнаи сапедҷомагон ба рустои Бухоро зоҳир шуд, Буньёт бо ишон майл кард ва ишонро ёрӣ дод, то дасти сапедҷомагон дароз гашт ва ғалаба карданд. Соҳиббарид[45] ба халифа хабар фиристод. Ва халифа Маҳдӣ[46] буд. Чун Маҳдӣ дил аз кори Муқаннаъ ва сапедҷомагон фориғ кард саворон фиристод ва Буньёт ба Фарахши ба коҳ барнишаста дар маҷлис шароб мехӯрд ва аз манзар наззора мекард. Аз дур саворон дид, ки меомаданд ба таъҷил, донист ба фаросат, ки онҳо аз халифаанд. Дар тадоруки он буд, ки расиданд ва ҳеҷ сухан нагуфтанд ва шам-

шерҳо кашиданд ва сари вайро бардоштанд, ва ин дар со-
11 ли саду шасту//шаш (782—783). Ва хаймн вай ҳама биг-
рехтанд ва он саворон бозгаштанд.

Ва чун Қутайба бинни Тағшода ба сабаби риддат, ки аз вай зоҳир шуда буд, Абумуслим уро бикушт ва мар бародар ва аҳли байти уро, зиёот ва мустагалоти[47] уро ба Буньёт бинни Тағшода дод, то ба рузгори амир Исмоили Сомони бо вай мебуд. Чун Буньёт риддат овард ва кушта шуд ин зиёот мебуд дар дасти фарзандони Бухорхудот. Ва охирин касе, ки ин мамлакат аз дасти вай берун рафт Абуисҳоқ Иброҳим бинни Холид бинни Буньёт буд.

Ва Иброҳим[48] ба Бухоро буди ва мамлакат дар дасти вай буди, ҳар соле аз иртифоот[49] ва ғаллот аз тарафи Мовароуннаҳр ба наздики бародари худ Наср[50] фиристоди, то ба амирал-муъминин Муқтадир[51] расониди. Ва амир Исмоили Сомони ин зиёот ва мустағалот аз дасти вай берун кард ба сабаби он, ки Аҳмад бинни Муҳаммад Лайс, ки соҳибшурат[52] буд, рузе амирро гуфт, ки: «Ё амир! Ин зиёъ бадин некуи бо чандин галла ба Абуисҳоқ аз кӣ мондааст?»

Амир Исмоили Сомони гуфт: «Ин зиёъ мулки ишон нест, мулки султонист».[53]

Аҳмад бинни Муҳаммад Лайс гуфт: «Мулк ишонрост, аммо ба сабаби руддати падари ишон, халифа аз дасти ишон берун кардааст ва мулк байтулмол[54] гардонида ва боз бар сабили аҷрат ва ҷомагӣ ба ишон дода ва вай хизмати босазо намекунад ва чунин медонад, ки ин зиёот мулки уст». Дар ин сухан буданд, ки Абуисҳоқ Иброҳим андаромад.

12 //Амир Исмоили Сомони уро гуфт: «Ё Абуисҳоқ туро ҳар сол аз ин зиёъ чи қадар ғалла ба ҳосилояд?»

Абуисҳоқ гуфт: «Аз баъди ранҷи бисьёр ва такаллуфе соле бист ҳазор дирҳам ба ҳосил ояд».

Амир Исмоил фармуд Аҳмад бинни Муҳаммад Лайсро, ки «ин мавзеъро ту бигар ва Абулҳасан оризро[55] бигӯй, то ҳар сол бист ҳазор дирам ба вай диҳад». Бадин сабаб ин зиёъ аз дасти вай берун рафт ва ба дасти ӯ боз наёмад. Абуисҳоқ аз дуньё бирафт дар соли сесаду як (913—914) ва фарзандон ба деҳаи Сафна ва Севанҷ[56] монданд.

# ЗИКРИ БУХОРО ВА ҶОЙҲОЕ, ҚИ МУЗОФ АСТ БА ВАЙ

Абулҳасан Нишобурӣ дар китоби «Хазоин ул-улум» оварда аст, ки шаҳри Бухоро аз ҷумлаи шаҳрҳои Хуросон аст, ҳарчанд оби Ҷайҳун[57] дар миён аст.

Ва Кармина аз ҷумлаи рустоҳои Бухорост ва оби у аз оби Бухоро аст ва хироҷи у аз хироҷи Бухоро аст. Ва вайро рустои алоҳида аст ва масҷиди ҷомеъ дорад. Ва андар вай удабо ва шуаро бисьёр будаанд. Ба мисл дар қадим
13 Карминa//ро«Бодияи хурдак» хондаанд. Ва аз Бухоро то Кармина чаҳордаҳ фарсанг[58] аст.

Ва Нур ҷои бузург аст. Ва дар вай масҷиди ҷомеъ аст ва работҳои бисьёр дорад. Ва ба ҳар соле мардумони Бухоро ва ҷои дигар ба зиёрати он ҷо раванд. Ва аҳли Бухоро дар ин кор такаллуф кунанд. Ва касе, ки ба зиёрати Нур равад фазилати ҳаҷ дорад. Ва чун боз ояд шаҳрро хавоза банданд ба сабаби омадан аз он ҷойи мутабаррук. Ва ин Нурро дар вилоятҳои дигар Нури Бухоро хонанд. Ва бисьёр кас аз тобеини[59] он ҷо осудаанд. . .

Ва дигар Тавоис.[60] Ва номи ӯ Арқуд[61] аст. Ва дар вай мардумоне будаанд бонеъмат ва таҷаммул. Ва аз таҷаммулӣ ҳар касе дар хона яке ва ду товус медоштаанд. Ва араб пеш аз ин товус надида будаанд, чун дар Бухоро товус бисьёр диданд он деҳаро «Зот-ут-Тавоис» ном карданд ва номи аслии ӯ барҳост. Ва баъд аз он «Зот»-ро низ раҳо карданд ва «Тавоис» гуфтанд. Дар вай масҷиди ҷомеъ аст ва шористони азим дорад. Ва дар айёми қадим он ҷо бозор будааст ва ба фасли тирамоҳ даҳ рӯз. Расми он бозор чунон будааст, ки ҳар чи охуриён маъюб буди аз барда[62] ва сутур
14 ва дигар охуриён бо айб ҳама бадин бозор//фурӯхтанди ва бозор рад кардан имкон ва сомон набуди ва ҳеҷ шарт напазируфтӣ на фурӯшанда ва на харандаро. Ва ҳар соле бадин бозор даҳ ҳазор кас беш ҳозир омадӣ аз бозургонон ва асҳоби ҳавоиҷ чунон ки аз Фарғона ва Чоч[63] ва ҷойҳои дигар биёмаданди ва бо манфиати бисьёр боз гаштандӣ. Ва бадин сабаб аҳли ин деҳа тавонгар будаанд ва сабаби тавонгарии эшон кашоварзӣ набудааст. Ва бар шоҳроҳи Самарқанд аст ва то Бухоро ҳафт фарсанг аст.

Искаҷкат кандизи[64] бузург дорад ва дар вай мардумон тавонгар будаанд. Ва сабаби тавонгарии ишон кашоварзӣ[65] набудааст, аз баҳри он, ки зиёи он деҳа вайрон ва ободонии

он ба ҳазор ҷуфт[66] нарасидааст. Ва мардумони ӯ ҳама бозур-
гон будаанд ва аз он ҷо карбос[67] бисьёр хезад. Ва ҳар пан-
шанбеҳе он ҷо бозор будааст. Ва он деҳа аз ҷумлаи хос
мамлакаи султонист ва Абӯаҳмад ал-Муваффақ биллоҳ[68] ин
деҳаро ба муқотаа[69] дода буд ба Муҳаммад бинни Тоҳир,
ки амири Хуросон буд ва боз фурӯхт ба Саҳл бинни Аҳмад
ал-Доғунӣ ал-Бухорӣ ва баҳо гирифт. Вай он ҷо гармоба
бино кард ва кохе азим бар гӯшае бар зери лаби рӯд сох
ва то ба рӯзғори мо бақияи он кох монда буд ва онро кох
15 Доғунӣ хондаанд. Оби рӯд он кохро//вайрон кард. Ва ма
ин Саҳл бинни Аҳмад Доғуниро бар аҳли Искаҷкат зариба
будааст, ҳар соле даҳ ҳазор дирам кисмат бар хонаҳо кар
данди. Пас аз ин деҳа зариба боз гирифтанд ду се сол ва
ба султон боз гаштанд ва аз вай ёрӣ хостанд. Варасаи Саҳл
бинни Аҳмад қабола берун оварданд ба рӯзгори амир Ис-
моили Сомонӣ ва вай қабола дид дуруст. Валекин хусума
дароз шуда буд, хоҷагони шаҳр миёнҷӣ шуданд аҳли деҳа
ва варасаи Доғуниро ба саду ҳафтод ҳазор дирам сулҳ кар
данд. Ин аҳли деҳа мар ин деҳаро бихариданд, то ин зари
ба аз ишон бархост ва он мол бидоданд.

Ва бадин деҳа ҳаргиз масҷиди ҷомеъ набудааст, то ба
рӯзгори малик Шамсулмулк Наср бинни Иброҳим бинни
Тамғочхон.[71] Хоҷае будааст аз аҳли ин деҳа, ки ӯро хонсо
лор хонданди. Марди муҳташам буд бо хайли анбӯҳ[72] ва аз
ҷумла уммоли султон[73] буд. Вай масҷиди ҷомеъ бино кард
аз холис моли худ бағоят нақу. Ва моли азим харҷ кард ва
намози одина гузорид.

Аҳмад бинни Муҳаммад Наср гӯяд, ки маро хатиби Шарғ
хабар дод, ки намози одинае беш нагузориданд андар он
масҷиди ҷомеъ ва баъд аз он аиммаи[74] Бухоро раҳо накар
данд ва раво надоштанд, то он ҷо намози ҷумъа гузоранд
Ва он масҷиди одина маътал бимонд то ба рӯзгоре, ки
16 Қадр//хон Ҷабраил бинни Умар бинни Туғрулхон[75] ба Бухоро
амир шуд, ва номи ӯ Туғрулбек буд ва Қуролтегин лақаб шу
да буд. Вай чӯбҳои он масҷидро бихарид аз варасаи хонсо
лор ва он масҷидро вайрон кард ва чӯбҳоро ба шаҳри Бухо-
ро овард ва мадраса бино кард ба наздики Чӯбаи Бақколон
Ва он чӯбҳоро дар он ҷо харҷ кард ва моли беҳад он ҷо ба
кор бурд. Ва он мадрасаро мадрасаи Қулортегин хонанд ва
хоки он амир дар он мадраса бувад.

Ва Шарғ бо Искаҷкат рӯ ба рӯи аст. Ва дар миёнаи ҳар
ду ҳеҷ боғ ва замини холӣ нест, ило рӯди азим аст, ки онро

рӯди Сомҷун хонанд ва имрӯз рӯди Шарғ мехонанд ва баъзе мардум Ҳаромком хонанд. Ва пули азим будааст бадин рӯд миёни ҳарду деҳа. Ва бадин Шарғ ҳеҷ вақт масҷиди ҷомеъ набудааст. Ва ба рӯзгори Арслонхон Муҳаммад бинни Сулаймон[76] бо фармони ӯ ин пулро аз хишти пухта сохтанд бағоят маҳкам, ва масҷиди ҷомеъ бино карданд аз холис моли ӯ. Ба ҷониби Искатҷкат работе фармуд сохтан ба ҷиҳати ғарибон. Ва ин деҳаро кандизе бузург аст ва аз бузурге бо шаҳр муқобила тавон кард.

Ва Муҳаммад бинни Ҷаъфар ёд кардааст, ки ишонро дар
қадим бозоре будааст, ки дар миёни замистон ҳар соле даҳ
рӯз аз вилоятҳои дур омаданди ва бозургонӣ ва савдо кар-
дандӣ. Ва он чӣ аз он ҷо хестӣ бештар ҳалвои мағзин будӣ
аз дӯшоб карда. Ва боз он чӣ аз он ҷо хестӣ бештар қин-
торӣ[77] будӣ ва ҷӯбҳо ва моҳии шӯр, ва моҳии тоза, ва пӯс-
17 тини гӯсфандӣ ва аз//барра. Ва бисёр бозургонӣ шудӣ ва
ҳаммо имрӯз ба рӯзгори мо ҳар одина бозор бошад, ки аз
шаҳр ва навоҳӣ бозургонон он ҷо раванд ва он чӣ аз он
деҳа хезад, ки имрӯз бозургонон ба вилоятҳо баранд рӯи[78]
бошад он карбос.

Ва Муҳаммад бинни Чаъфар овардааст, ки ин деҳаро амир Исмоили Сомонӣ, раҳматуллоҳ ва ҷумлаи зиёот ва ақороти ӯро бихарид ва он ҷумларо вақф кард бар работе ки карда буд ба дарвозаи Самарқанд дар даруни шаҳри Бухоро. Ва имрӯз он работ намондааст ва он вақф низ намондааст. Ва ин Шарғ ва ин Искаҷкат хуштарин деҳҳои Бухоро будааст, ...

Зандана кандизи бузург дорад ва бозори бисёр ва мас-
ҷиди ҷомеъ. Ҳар одина он ҷо намоз гузоранд ва бозор ку-
нанд. Ва он чи аз вай хезад онро «занданаҷӣ» гӯянд, ки кар-
бос бошад, яъне аз деҳаи Зандана, ҳам некӯ бошад ва ҳам
бисёр бувад. Ва аз он карбос ба бисёр деҳҳои Бухоро
бофтанд ва онро ҳам «занданаҷӣ» гӯянд, аз баҳри он, ки
18 аввал бадин деҳа падид омадааст. // Ва аз он карбос ба ҳа-
ма вилоятҳо баранд чун: Ироқ ва Форс ва Кармина ва Ҳин-
дустон ва ғайри он. Ва ҳамаи бузургон ва подшоҳон аз он
ҷома созанд ва ба қимати дебо бихаранд...

Вардона деҳе бузург аст ва кандизе ва ҳисоре бузург дорад ва устувор. Аз қадим боз ҷои подшоҳон будааст. Ва дар вай ҷои нишасти подшоҳ ҳоло нест.[79] Ва қадимтар аз шаҳри Бухорост. ва ӯро Шоҳпур малик[80], бино кардааст ва сарҳади Туркистон аст. Ва он ҷо ҳар ҳафта як рӯз бозор

будааст ва бозургонӣ бисьёр мешуд. Ва он ҷи аз он ҷо хезад ҳам «занданаҷӣ» буда некӯ.

Афшана шористони бузург дорад ва ҳисоре устувор. Ва навоҳие ба вай мансуб бошад. Ва ҳар ҳафта як руз бозор бошад. Ва зиёъ ва биёбони ин деҳа вақф аст ба талабаи илм. Ва Қутайба бинни Муслим он ҷо масҷиди ҷомеъ бино кардааст. Ва Муҳаммад бинни Восеъ низ масҷиде бино кардааст ва дуо дар вай мустаҷоб аст. Ва мардумон аз шаҳр он ҷо раванд[81] ва табаррук кунанд.

19 Баркад деҳе қадим ва бузург аст ва кандизи азим // дорад. Ва ин деҳаро Баркади Алавиён хонанд ба дон сабаб, ки амир Исмоили Сомонӣ ин деҳаро харид ва вақф кард: ду донг бар алавиён[82] ва ҷаъфариён[83] ва ду донг бар дарвешон ва ду донг бар варасаи хеш.

Ромитин (Ромитан) кандизи бузург дорад ва деҳе устувор аст ва аз шаҳри Бухоро қадимтар аст. Ва дар баъзе катаб он деҳаро Бухоро хондаанд ва аз қадим боз мақоми подшоҳон аст. Ва баъд аз он, ки Бухоро шаҳр шудааст, подшоҳон зимистон бадин деҳа бошидаанд ва дар ислом ҳамчунин будааст. Ва Абӯмуслим, раҳматуллоҳ, чун ба Бухоро расид бадин деҳа бошида мақом кардааст. Ва Афросиёб[84] бино кардааст ин деҳаро. Ва Афросиёб ҳаргоҳе, ки бадин вилоят омада ҷуз бадин деҳа ба ҷои дигар набошидааст.[85] Ва андар кутуби порсиён чунин аст, ки вай ду ҳазор сол зиндагонӣ ёфтааст. Ва вай марде ҷодӯ будааст ва аз фарзандони Нӯҳ малик будааст. Ва вай домоди хешро бикушт, ки Сиёвуш ном дошт. Ва Сиёвушро писаре буд Кайхисрав номи вай. (Ва вай) ба талаби хуни падар бадин вилоят омад бо лашкари азим. Афросиёб деҳаи Ромитинро ҳисор кард ва ду сол Кайхисрав бар гирди ҳисор бо лашгари хеш биншаст ва дар муқобилаи вай деҳае бино кард ва он деҳаро Ромуш ном кард ва Ромуш барои хушии ӯ ном карданд. Ва ҳанӯз ин деҳа ободон аст. Ва дар деҳаи Ромуш оташхона ниҳод. Ва муғон
20 чунон гӯянд, ки он оташхона қадимтар аз оташхонаҳои // Бухорост. Ва Қайхисрав баъди ду сол Афросиёбро бигрифт ва бикушт. Гӯри Афросиёб дар дари шаҳри Бухорост ба Дарвозаи Муъбад, бар он тали бузург ки пайваста аст ба тали хоҷа имом Абӯҳафси Кабир, раҳматуллоҳи алайҳ.[86] Ва аҳли Бухороро бар куштани Сиёвуш сурудҳои аҷиб аст. Ва мутрибон он сурудҳоро «Кини Сиёвуш» гӯянд. Ва Муҳаммад бинни Ҷаъфар гӯяд, ки аз ин таърих се ҳазор сол аст, валлоҳу аълам.

Варахша[87] дар баъзе нусха ба ҷои Варахша Раҷфандун навиштаанд аз ҷумлаи деҳҳои бузург аст, мисли Бухоро будааст ва кадимтар аз шаҳри Бухоро. Ва ҷон подшоҳон будааст ва хисоре устувор доштааст ончунон, ки подшоҳон борҳо хисор кардаанд. Ва рабазе будааст ӯро мисли рабази шаҳри Бухоро. Ва Варахшаро дувоздаҳ ҷӯйбор аст ва вай (яъне Варахша) андаруни бораи Бухорост. Ва дар ӯ кохе будааст ободон чунон ки мисл задандӣ ба некӯйи ӯ. Ва ӯро Бухорхудот бино кардааст. Зиёдат аз ҳазор сол аст аз баровардани он кох. Ва ин кох вайрон ва маътал шуда буд солҳои бисьёр.
21 Боз Хунукхудот[88] ободон кард ва // боз вайрон шуд. Боз Буньёт бинни Тағшода Бухорхудот дар ислом иморат кард ва ҷои нишасти хеш он ҷо сохт, то ҳам дар он кушта шуд.

Ва амир Исмоили Сомонӣ, раҳматуллоҳ, мардумони он деҳаро бихонд ва гуфт: «Ман бист ҳазор дирам ва ҷӯб бидиҳам ва сохтагии он бикунам, ва баъзе иморат барҷой аст, шумо ин кохро масҷиди ҷомеъ созед».

Он мардумони деҳа нахостанд ва гуфтанд, ки масҷиди ҷомеъ дар деҳои мо рост наёяд ва раво набошад. Ва ин кох то ба рузгори амир Аҳмад бинни Нӯҳ бинни Наср бинни Аҳмад бинни Исмоил-ус-Сомонӣ[89] бар ҷой буд, вай ҷӯбҳои он кохро ба шахр овард ва сарое, ки ӯро буд, бар дари ҳисори Бухоро, ба иморат машғул шуд. Ва ин деҳаро ҳар понздаҳ рӯзе бозор аст ва чун бозор охирини сол бошад бист рӯз бозор кунанд ва бисту якӯм рӯз наврӯз кунанд ва онро наврӯзи кашоварзон гӯянд. Ва кашоварзони Бухоро аз он ҳисобро нигоҳ доранд ва бар он эътибор кунанд. Ва наврӯзи муғон баъд аз он ба панҷ рӯз бошад.

Ва Байкандро аз ҷумлаи шаҳрҳо гуфтаанд. Ва аҳли Байканд бадон ризо надодаанд, ки касе Байкандро деҳа хонад. Ва агар касе аз аҳли Байканд ба Бағдод рафтааст ва ӯро пурсидаанд, ки аз куҷоӣ?—Гуфтааст, ки аз Байканд, нагуфтааст, ки аз Бухоро. Ва ӯ масҷиди ҷомеъи бузург дорад ва би-
22 ноҳои олӣ.//То ба таърихи соли дувисту чиҳил (854—855) бар дари вай работҳои бисьёр будааст.

Ва Муҳаммад бинни Ҷаъфар дар китоб овардааст, ки Байкандро зиёдат аз ҳазор работ[90] будааст, ба адади деҳҳои Бухоро. Ва сабаб он буда аст ки ин Байканд ҷои муаззам нек аст. Аҳли ҳар деҳе он ҷо работе бино кардаанд ва ҷамоатеро нишонда ва нафакаи ишонро аз деҳа мефиристодаанд. Ва зимистон, ки вакти ғалабаи[91] кофирон[92] мешуд,

аз ҳар деҳе он ҷо мардуми бисьёр ҷамъ омада ғазв[93] мекардаанд. Ва ҳар қавме ба работи хеш фуруд меомадааст.

Ва аҳли Байканд ҷумла бозургон будаанд. Ва бозургонии Чин ва дарьё кардандӣ. Ва бағоят тавонгар будаанд. Ва Қутайба бинни Муслим бисьёр ранҷ дид ба гирифтани ӯ, ки бағоят устувор буд. Ва уро шаҳристони рӯин хондаанд. Ва қадимгар аз шаҳри Бухорост. Ва ҳар подшоҳе, ки дар ин вилоят будааст мақом он ҷо сохтааст. Ва аз Фараб то Байканд биёбонест дувоздаҳ фарсанг ва рег дорад он биёбон.

Ва Арслонхон Муҳаммад бинни Сулаймон[94] ба рӯзгори хеш Байкандро иморат фармуд. Ва мардумон дар вай гирд омаданд ва имаратҳои нек карданд. Хоқон хештанро сарое фармуд бо такаллуфи азим.[95]

Ва оби Ҳаромком он ҷо равад. Ва пайвастаи Байканд на-
истонҳост ва обгирҳои азим ва онро «Поргини фарох» хон-
data ва Қароқӯл низ хонанд. Ва аз мардумони мӯътабар шу-
нидам, ки миқдори бист (фарсанг дар) фарсанг аст. Ва ан-
23 дар китоби «Масолик // ва мамолик»[96] овардааст, ки онро «Бу-
ҳайра Сомҷан» хонанд. Ва фазли оби Бухоро ҳам он ҷо
ҷамъ ояд. Ва андар он ҷо ҷонварони оби бошанд ва дар ҷум-
лаи Хуросон он миқдор мург ва моҳӣ ба ҳосил наёяд, ки аз
он чо ба ҳосил ояд.

Ва Арслонхон фармуд то ҷӯи алоҳида кананд Байкандро чунин, ки бо байни иморатҳои ӯ расад, ки оби Ҳаромком гоҳе он ҷо расидӣ, гоҳе нарасидӣ. Ва Байканд бар болои кӯҳ аст, валекин кӯҳ баланд нест. Ва хоқон бифармуд то ҷӯе дар кӯҳ канданд, санг бағоят раста падид омад чунон, ки ҳеҷ дарз набуд ва андар ин кор мутаҳайир шуданд. Ва ба харвоҳо[97] равған ва серка сарф шуд то санг нармтар гардад. миқдори як фарсанг беш натвонистанд кандан ва халқи бисьёр ҳалок шуд. Баъд аз ранҷи бисьёр ва моли бисьёр, ки харҷ шуд бигзоштанд. Ва қиссаи фатҳи Байканд ба ҷойгоҳи ӯ гуфта шавад, ... .

Фараб, ки аз ҷумлаи шаҳрҳост ва навоҳии алоҳида дорад.
Ва аз лаби Ҷайҳун то Фараб як фарсанг аст ва чун об хе-
зад ним гардад. Ва гоҳ бошад, ки то Фараб оби Ҷайхун расад.
Ва Фараб масҷиди ҷомеи бузург дорад ва деворҳо ва сақфи
он аз хишти пухта кардаанд, чунон, ки дар вай ҳеҷ чӯб нест.
Ва дар вай амире буда, ки вайро ба ҳеҷ ҳодиса ба Бухоро
24 набоистӣ // омадан ва қозие буда, ки бо бедодии Шаддод[98]
ҳукмҳо рондӣ. Ва адади деҳҳои Бухоро бисьёр аст, ин чанд
адад, ки маъруфтар ва қадимтар буд ёд кардем.

## ЗИКРИ БАЙТУТТИРОЗ,[99] КИ БА БУХОРО БУДААСТ ВА ҲАНУЗ БАРҶОЙ АСТ

Ва Бухороро коргоҳе будааст миёни ҳисор ва шаҳристон наздики масҷиди ҷомеъ. Ва дар вай бисот ва шодуравонҳо бофтандӣ. Ва яздиҳо ва болишҳо ва мусалиҳо ва пардаҳои фундуқӣ аз ҷиҳати халифа бофтандӣ, ки ба яке шодуравонҳо хироҷи Бухоро харҷ шудӣ. Ва аз Бағдод ҳар сол омили[100] алоҳида биёмадӣ ва ҳар чӣ хироҷи Бухоро будӣ аз ин ҷома иваз бурдӣ. Боз чунон шуд, ки ин коргоҳ маътал монд ва он мардумон, ки ин саноат мекарданд пароканда шудаанд. Ва андар шаҳри Бухоро устодон буданде, ки муайян буданд мар ин шуғлро. Ва аз вилоятҳо бозургонон биёмадандӣ чунон, ки мардум занданаҷӣ мебурданд, аз он ҷомаҳо бурдандӣ то ба Шом ва Миср ва дар шаҳрҳои Рум ва ба ҳеҷ шаҳри Хуросон наёфтандӣ. Ва аҷаб он буд, ки аҳли ин саноат ба Хуросон рафтанд баъзе ва он чӣ олате, ки шуғл буд бисохтанд ва аз он ҷома бофтанд бо ин обу тоб наёмад. Ва ҳеҷ подшоҳ ва амир ва раис ва соҳибмансаб набудӣ, ки вайро аз ин ҷома набудӣ. Ва ранги вай сурх ва сафед ва сабз будӣ.[101] Ва имруз занданаҷӣ аз он ҷома маъруфтар аст ба ҳама вилоятҳо.

25 // ЗИКРИ БОЗОРИ МОХ

Ба Бухоро бозоре будааст, ки онро бозори Мохрӯз хондаанд. Соле ду бор, ҳар боре як рӯз бозор кардандӣ ва ҳар боре, ки бозор буд дар вай бутон фурухтанди.[102] Ва ба ҳар як рӯз зиёдат аз панҷоҳ ҳазор дирам бозургонӣ шудӣ.

Ва Муҳаммад бинни Ҷаъфар андар китоб овардааст, ки: «Ин бозор ба рӯзгори мо будааст ва ман бағоят аҷаб доштаме, ки онро аз баҳри чӣ кардаанд. Пурсидам аз пирон ва машоихи Бухоро, ки сабаби ин чӣ будааст, гуфтаанд: аҳли Бухоро дар қадим будпараст будаанд, ин бозор марсум шуда буд. Аз он таърих боз дар вай бут фурӯхтандӣ ва ҳоло низ ҳамчунон мондааст».

Ва Абулҳасан Нишобурӣ дар китоби «Ҳазоин ул-улум» овардааст, ки дар қадим подшоҳе буда ба Бухоро номи ӯ Мох, ин бозор вай фармуд, сохтан. Ва дуредгарон ва наққошонро фармуд, ки сол то сол бутон тарошидандӣ, бадин бозор ба рӯзи муайян ҳозир кардандӣ ва фурӯхтандӣ ва мар-

...мон харидандӣ. Ва ҳар гоҳ он бут гум шудӣ ё шикаст, ё
кӯҳна шудӣ чун рӯзи бозор шудӣ дигаре харидандӣ ва он
кӯҳнаро биандохтандӣ. Ва он ҷо, ки имрӯз масҷиди ҷомеи
Мох аст, саҳрое будааст бар лаби рӯд ва дарахтони бисьёр
чунон, ки дар сояи дарахтон бозор будӣ. Ва он подшоҳ ба-
дин бозор омадӣ ва бар тахт нишастӣ бадин мавзеъ, ки им-
рӯз масҷиди Мох аст, то мардумон рағбат кардандӣ ба хари-
26 дани бут. Ва ҳар кас хештанро буте // харидӣ ва ба хона бур-
дӣ. Боз ин мавзеъ оташхона шудӣ ва дар рӯзи бозор чун
мардум ҷамъ шудандӣ ҳама ба оташхона андаромадандӣ ва
оташ парастандӣ.[103] Ва он оташхона то ба вақти ислом ба
ҷой буд. Чун мусулмонон қувват гирифтанд ва он масҷидро
бар он мавзеъ бино карданд ва имрӯз аз масҷидҳои мӯъ-
табари Бухорост.

## ЗИКРИ ИСОМИ БУХОРО

Аҳмад бинни Муҳаммад бинни Наср гӯяд, ки номҳои Бухоро бисьёр аст ва дар китоби хеш Нумиҷкат[104] овардааст ва боз ҷои дигар дидам Бумискат овардааст, ва ба ҷои дигар ба тозӣ навиштааст «Мадинат ус-Суфрия», яъне Шаҳристони руин, ва ба ҷои дигар ба тозӣ «Мадина-ут-туҷҷор», яъне шаҳри бозургонон. Ва номи Бухоро аз он ҳама маъруфтар аст ва ба ҳеҷ шаҳре аз Хуросон чандин ном нест. Ва ба ҳадисе номи Бухоро Фохира омадааст.

Ва хоҷа имом Зоҳид, воиз Муҳаммад бинни Алӣ ан-Нуҷободӣ ҳадисе ривоят кардааст аз Салмони Форсӣ,[105] ... , ки ӯ гуфт

«Расул, ... , фармуд, ки Ҷабраил, ... гуфт: «Ба замини
машриқ буқъатест,[106] ки онро Хуросон гӯянд, се шаҳр аз ин
Хуросон рӯзи қиёмат ороста биёранд ба ёқути сурх ва марҷон.
27 Ва нуре аз ишон бармеояд ва гирд ба гирди // ин шаҳрҳо
фариштагони бисьёр бошанд тасбеҳ ва таҳмид ва такбир
меоранд. Ин шаҳрҳоро ба арасот оранд боиззу ноз, чун арӯ-
се, ки ба хонаи шуяш баранд. Ва ҳар шаҳреро аз ин шаҳрҳо
ҳафтод ҳазор алам бувад, дар зери ҳар аламе ҳафтод ҳазор
шаҳид бувад ва ба шифоати ҳар шаҳиде ҳафтод ҳазор му-
ваҳҳили порсигӯй наҷот ёбанд. Ва ба ҳар тарафи аз ин шаҳр-
ҳо; аз рост ва чап ва аз пеш ва аз пас даҳрӯза роҳ бувад,
ки ҳама шаҳид бошанд рӯзи қиёмат».

Ҳазрати расул... гуфт: «Ҷабраил номи ин шаҳрҳо бигӯй!»

Ҷабраил... гуфт: «Номи яке аз ин шаҳрҳоро ба тозӣ Қосимия хонанд ва ба порсӣ Яшкард, дуввумро ба тозӣ Самарон хонанд ва ба порсӣ Самарқанд, сеюмро ба тозӣ Фохира хонанд ва ба порсӣ Бухоро».

Расул... гуфт: «Ё Ҷабраил чаро Фохира хонанд!»

Гуфт: «Аз баҳри он, ки Бухор рӯзи қиёмат бар ҳама шаҳрҳо фахр кунад, ба бисьёрии шаҳид».

Расул... фармуд: «аллоҳума борик фи фахаратин ва таххар қулубаҳу биттақво ва зок аъумолаҳум ва аҷҷалҳум раҳимо фи умматӣ». Ва аз баҳои ин маънӣ аст, ки ба раҳмдилии бухориён аз машриқ то мағриб гувоҳӣ медиҳанд ва ба эътиқод ва покии ишон.

## ЗИКРИ БИНОИ АРКӢ[107] БУХОРО

Аз аҷоиби он Аҳмад бинни Муҳаммад бинни Наср гӯяд,
28 ки Абдулҳасан Нишобурӣ // дар «Хазоин ул-улум» овардааст, ки сабаби биноӣ кӯҳандизи Бухоро, яъне ҳисори арки Бухоро он бувад, ки Сиёвуш бинни Қайковус аз падари хеш бигрехт ва аз Ҷайҳун бигзашт ва наздики Афросиёб омад. Афросиёб ӯро бинавохт ва духтари хешро ба занӣ ба вай дод. Ва баъзе гуфтаанд, ки ҷумлаи мулки хешро ба вай дод. Сиёвуш хост, ки аз вай асаре монад дар ин вилоят, аз баҳри он, ки ин вилоят ӯро ориятӣ[108] буд. Пас вай ин ҳисори Бухоро бино кард ва бештар он ҷой мебуд. Ва миёни вай ва Афросиёб бадгӯи карданд[109] ва Афросиёб ӯро бикушт ва ҳам дар ин ҳисор бадон мавзеъ, ки аз дари шарқӣ андарой андаруни дари Қоҳфурӯшон ва онро дарвозаи Ғурриён хонанд, ӯро он ҷо дафн карданд. Ва муғони[110] Бухоро бадин сабаб он ҷойро азиз доранд,[111] ва ҳар соле ҳар марде он ҷо як хурӯс бадӯ бикушанд пеш аз баромадани офтоби рӯзи наврӯз. Ва мардумони Бухороро дар куштани Сиёвуш навҳаҳо аст чунон, ки дар ҳама вилоятҳо маъруф аст ва мутрибон онро суруд сохтанд ва мегуянд. Ва қавволон онро гиристани муғон хонанд. Ва ин сухан зиёдат аз се ҳазор сол аст.

Пас ин ҳисорро бадин ривоят вай бино кардааст ва баъзе гуфтанд Афросиёб бино кардааст. Ва ин ҳисор вайрон гашт ва солҳо вайрон бимонд, чун Бедун Бухорхудот ба мулк
29 нишаст, шӯи он Хотун буд, ки ёд кардем // ва падари Тағшода буд, кас фиристод ва ин ҳисорро ободон кард. Ва он кох, ки буд вай ободон кард ва номи хеш бар оҳан навишт

ва бар дари кох махкам кард. То ба рузгори мутарҷим он оҳани навишта бар дари он кох буд.

Валекин Аҳмад бинни Муҳаммад Наср гӯяд: чун ҳисорро вайрон карданд ва он дарро низ вайрон карданд. Ва Аҳмад бинни Муҳаммад, бинни Наср овардааст ва Муҳаммад бинни Ҷаъфар ва Абдулҳасан Нишобури гуфтаанд, ки: чун Бедун Бухорхудот ин кохро бино кард вайрон шуд, боз бино кард ва боз вайрон шуд, чанд бор бино мекард ва боз вайрон мешуд. Ҳукаморо ҷамъ карданд ва тадбире хостанд бар он иттифоқ афтод, ки ин кохро бар шакли банотуннаъш,[112] ки бар осмон аст бино кунад, ба ҳафт сутуни сангин. Барон сурат вайрон нашуд. Ва аҷаби дигар он аст, ки аз он гоҳ боз, ки ин кохро бино карданд ҳеҷ подшоҳе аз ин кох дар вай баҳазимат нашудааст, илло, ки зафар вайро буд. Ва аҷиби дигар он аст, ки то ин кохро бино карданд, ҳеҷ подшоҳе дар вай намурдааст, на дар куфр ва на дар ислом. Ва чун подшоҳро аҷал наздик шудааст сабабе падид омадааст, ки аз он кох берун омадааст ва ба ҷои дигар вафот ёфтааст. Аз вақти бинои ин кох то вайрон шудани вай ҳамчунин будааст.

Ва ин ҳисорро ду дар аст; яке дари шарқӣ ва дигар дари ғарбӣ. Дари шарқиро дари Ғурриён хонанд ва дари ғарбиро
30 дари Регистон хонанд//ва ба рузгори мутарҷим дари Алаффурӯшон хондаанд. Ва дар миёни Ҳисор роҳе будааст роҳ аз ин дар то бадон дар. Ва ин ҳисор ҷои бошиши подшоҳон ва амирон ва сарҳангон будааст. Ва зиндон ва девонҳои[113] подшоҳӣ ва кох, ҷои нишасти подшоҳон будааст аз қадим боз ва сарои ҳарам ва хазина дар вай будааст. Ва ба рӯзгори мутарҷим ин ҳисор вайрон шуд ва соле чанд баромад. Арслонхон ободон фармуд кардан ва ҷои нишасти худ он ҷо сохт ва амири бузургеро бар ин ҳисор кутвол[114] сохта буд, то ба шароит нигоҳ медошт. Ва ин ҳисорро дар чашми халқ ҳурмате азим буд.

Ва чун Хоразмшоҳ[115] ба Бухоро расид, дар шуҳури санаи арбаа ва салосуна ва хамсамиа (534 ҳ—1139—1140), амир Занги Али халифа буд ва бо фармони султон Санҷар[116] волии Бухоро буд, уро бигрифт ва бикушт ва ҳисорро вайрон кард ва ду сол зиёдат вайрон бимонд. Ва чун дар шуҳури санаи ситта ва салосуна ва хамсамиа (536 ҳ—1141—1142) Албтегин[117] аз ҷониби Гӯрхон[118] волии Бухоро шуд, ҳам дар ин сол бифармуд, то ҳисорро ободон карданд ва ҷои бошиши худ онҷо сохт. Ва ҳисор некутар аз он шуд, ки буд. Дар

моҳи рамазони санаи самон ва салосуна ва ҳамсамиа (538 ҳ —1144) ҳашами ғуз[119] ба Бухоро расид. Айнуддавла ва Қарочабек ва Шоҳоби вазир мақҳур гаштанд ва ҷанге ва ранҷе азим шуд ва ҳашами ғуз ҳисор бигрифтанд ва Шоҳоби вазирро бикуштанд ва ҳисор вайрон карданд. Ва ҳамчунон вайрон бимонд, чун дар шуҳури санаи ситтуна ва ҳамсамиа
31 (560 ҳ—1164—1165) хостанд//шаҳри Бухороро рабаз зананд ва кадводан рабаз аз хишти пухта мебоист. Қадводан ҳисорро ба бурҷҳои ӯ, ки аз хишти пухта буд, боз карданд ва ба рабази шаҳри Бухоро харҷ карданд. Ва он ҳисор ба якборагӣ вайрон шуд ва аз он коҳ ҳеҷ иморате дигар ва нишоне намонд.

Дар шуҳури санаи арбаа ва ситтамиа (604 ҳ—1207—1208) Хоразмшоҳ Муҳаммад бинни султон Такаш[120] Бухороро бигрифт ва боз ҳисорро ободон кард ва хитоён мақҳур шуданд.[121] Боз дар шуҳури санаи ситта ашара ва ситтамиа (616 ҳ—1219—1220) лашкари тотор биёмад ва амири ишон Чингизхон[122] буд ва бар дари қалъа дувоздаҳ рӯз ҷанг карданд ва қалъаро бигрифтанд ва вайрон карданд.

## ЗИКРИ МАНЗИЛҲОИ ПОДШОҲОН, КИ БА БУХОРО БУДААСТ

Аз дари ғарбии ҳисори Бухоро то ба дарвозаи Мӯъбад, ки Регистон хонанд. Дар ин Регистон саройҳои подшоҳон будааст аз қадим боз дар ҷоҳилият. Ва дар рӯзгори оли Сомон[123] амири саид Наср бинни Аҳмад бинни Исмоил ус-Сомонӣ[124] ба Регистон сарое фармуд ва сарое сохтанд бағоят некӯ ва моли бисьёр дар вай харҷ кард. Ва бар дари сарои хеш сарои уммол фармуд бино карданд, чунон, ки ҳар омилеро алоҳида девоне будӣ андар сарои хеш бар дари сарои султон, чун: девони вазир ва девони муставфӣ ва девони соҳибшурат ва девони соҳибмуайяд ва девони шараф ва девони мамлакаи хос ва девони муҳтасиб ва девони авқоф ва девони казо. Бадин тартиб девонҳо фармуд бино ниҳодаанд.[125]

Ва ба рӯзгори амири рашид Абдулмалик бинни Нӯҳ бинни Наср бинни Аҳмад бинни Исмоил вазири вай Аҳмад бинни Ҳасан бинни ал-Утбӣ, раҳматуллоҳ,[126] ки муаллифи
32 «Китоби Яминӣ» аст, // ки гӯрхонаи ӯ ба маҳаллаи дарвозаи Мансур дар ҷавори гармобаи хон аст, дар муқобилаи мадраса масҷиде бино кард бағоят некӯ, чунон ки он мавзеъ аз он масҷид камол гирифт. Чун амири рашид аз шутур

биафтод ва бимурд дар шаб ғуломон ба саро андаромаданд ва ба ғорат машғул шуданд. Хосагон ва канизон мунозаат карданд ва саройро оташ заданд то ҳама бисӯхт. Ва дар вай ҳар чӣ зароиф буд аз заррина ва симина ҳама ночиз шуд ва чунон шуд, ки аз биноҳо асаре намонд.

Ва чун амири садид Мансур бинни Нӯҳ[127] ба мулк биншаст, он дар моҳи Шавволи сол ба сесаду панҷоҳ (961) ба Ҷӯи Мӯлиён фармуд, то он саройҳоро дигарбор иморат карданд. Ва ҳар чӣ ҳалок ва зоеъ шуда буд беҳтар аз он бо ҳосил карданд. Онгоҳ амири садид ба сарой биншаст, ҳанӯз сол тамом нашуда буд, ки чун «шаби сурӣ», чунон ки одати қадим аст, оташе азим афрӯхтанд пораи оташ биҷаст ва сақфи сарой даргирифт ва дигарбора ҷумлаи сарой бисӯхт. Ва амири садид ҳам дар шаб ба Ҷӯи Мӯлиён рафт, то ҳам дар он шаб хазина ва дафина ҳамро берун бурд ва ба дасти мӯътамадон ба Ҷӯи Мӯлиён фиристод. Чун рӯз шуд маълум карданд, ки ҳеҷ ғоиб нашуда буд ҷуз яке бингони заррин. Ва вазири вай аз моли холиси худ бингоне фармуд,
33 ки вазни ӯ ҳафтсад мисқол[128] буд ва ба хазина // фиристод.
Ва аз он гоҳ боз ин мавзеъ регистон бимонд ва хароб шуд. Ва дигар сарои подшоҳон ба Ҷӯи Мӯлиён будааст, ки беҳтар аз мақоми нафиси биҳиштонии Ҷӯи Мӯлиён дар Бухоро ҷой ва манзиле набудааст, чаро ки ҳама ҷои ӯ сароҳо ва боғҳо ва чаманҳо ва бӯстонҳо ва обҳои равони аладдавом. Дар марғузорҳои ӯ дарҳам печида аз миёни ҳамдигар ҷӯйҳо мегузаштаанд ва ба ҳазор ҷониб ба тарафи марғузорҳо ва ба гулзорҳо мерафтаанд. Ва ҳар кас, ки тамошои обҳои равон мекард дар ҳайрат мешуд, ки аз куҷо меояд ва ба куҷо меравад. Ва устодони нодируласр ва меъморон чунон тарҳ кашиданд ва соҳибдавлате гуфта байт:

Оби ҳайвон ба чаман омаду бо шеван рафт,
Нолаҳо кард, ки мебояд аз ин гулшан рафт.

Ва дигар аз дари Регистон то Даштак ба тамом хонаҳои мавзунмунаққаши олии сангин ва меҳмонхонаҳои мусаввар ва чаҳорбоғҳои хуш ва сарҳавзҳои некӯ ва дарахтҳои каҷам хиргоҳе буда ба навъе, ки заррае офтоб аз ҷониби шарқӣ ва ғарбӣ ба нишастгоҳи сарҳавз намеафтода. Ва дар ин чаҳорбоғҳо меваҳои алвон фаровон аз ношпотӣ ва бодом, ва фундуқ ва гелос ва унноб. Ва ҳар мевае, ки дар биҳишти анбарсиришт ҳаст дар он ҷо багоят неку ва латиф будааст.

## ЗИКРИ ҶӮИ МӮЛИЁН ВА СИФАТИ Ӯ

Дар қадим ин зиёи Ҷуи Мӯлиён мулки Тағшода будааст ва вай ҳар касе аз фарзандон ва домодони худро ҳиссае додааст. Ва амир Исмоили Сомонӣ, раҳматуллоҳи алайҳи, ин зиёъро бихарид аз Ҳасан бинни Муҳаммад бинни Толут,
34 ки // сарҳанги ал-Мустаин бинни ал-Муътасим[129] буд. Ва амир Исмоил ба Ҷуи Мӯлиён саройҳо ва бӯстонҳо сохт ва бештар бар мавoлиён[130] вақф кард, ва ҳанӯз вақф аст. Ва пайваста ӯро аз ҷиҳати мавoлиёни хеш дил машғул будӣ, то рӯзе амир Исмоил аз ҳисори Бухоро ба Ҷӯи Мулиён наззора мекард, Симонулкабир мавлои падари ӯ пеши у истода буд. Ӯро бағоят дӯст доштӣ ва некӯ доштӣ.

Амир Исмоил гуфт: «Ҳаргиз бувад, ки худованди таоло сабабе созад то ин зиёъро аз баҳри шумо бихарам ва маро зиндагонӣ диҳад то бинам, ки ин зиёъ шуморо шудааст, аз он ки ин зиёъ аз ҳамаи зиёи Бухоро бақиматтар аст ва хуштар ва хушҳавотар». Худои таоло рӯзи кард, то ҷумла бихарид ва ба мавoлиён дод, то Ҷуи Мавoлиён ном шуд ва оммаи мардум Ҷӯи Мӯлиён гӯянд.

Ва пайвастаи ҳисори Бухоро саҳрое аст, ки онро Даштак хонанд ва ҷумла наистонҳо будааст. Амир Исмоил, раҳматуллоҳ он мавзеъро ҳам бихарид аз Ҳасан бинни Муҳаммад бинни Толут ба даҳҳазор дирам. Ва ҳам соли аввал даҳ ҳазор дирам аз баҳри най ба ҳосил омад. Амир Исмоил он мавзеъро вақф кард бар масҷиди ҷомеъ. Ва баъд аз амир Исмоил аз фарзандони ӯ, ҳар кӣ амир шуд хештанро ба Ҷӯи Мулиён бӯстонҳо ва кӯшкҳо сохт ба сабаби хушӣ ва хуррамӣ ва нузҳати ӯ.

Ба дарвозаи Нав[131] мавзее аст, ки онро Қораки Алавиён хонанд ва бар дари шаҳр. Ва он ҷо амир Мансур бинни Нӯҳ кӯшке сохт бағоят некӯ, чунон ки ба вай мисл задандӣ аз
35 некӯи ва сол бар сесаду // панҷоҳу шаш (966— 967) буд. Ва ин зиёи Қораки Алавиён мамлакаи султонӣ буд, то ба рӯзгори Насрхон бинни Тамғочхон.[132] Вай ин зиёъ аҳли илмро дод, аз он ки ба шаҳр наздик буд, то фуқаҳоро кашоварзӣ осонтар бувад ва ивази вай он зиёъро дуртар бигрифт. Ва Ҷӯи Мӯлиён ва Қораки Алавиён маъмур буд то охири аҳди Сомониён.[133] Чун мулк аз Сомониён бирафт он саройҳо хароб шуд. Ва ба Бухоро дорулмулк муайян набуд, магар ҳисор, то ба рӯзгори малик Шамсулмулк Наср бинни Иброҳим Тамғочхон, ки ӯ Шамсобод бино кард.

## ЗИКРИ БИНОИ ШАМСОБОД

Малик Шамсулмулк ба дарвозаи Иброҳим зиёъҳои бисьёр харид қариб ним фарсанги ба дарвоза, боғ ва бустонҳо сохт бағоят неку ва молҳои бисьёр ва хазинаҳои бисьёр андар он иморатҳо харҷ кард ва онро Шамсобод ном ниҳод. Ва пайвастаи Шамсобод чарогоҳе сохт аз ҷиҳати сутурони хоса ва онро Ғуруқ ном кард. Ва онро деворҳои устувор сохт ва миқдори як мил[134] ва андар вай кохе ва кабутархонае сохт. Ва андар он Ғуруқ, ҷонварони ваҳшӣ дошти чун: гавазнон ва оҳувон ва рубоҳои ва хукон ва ҳама омухта буданд ва деворҳои баланд бар вай буд, ки натавонистандӣ гурехтан. Чун малик Шамсулмулк аз дуньё бирафт бародари ӯ Хизрхон[135] ба мулк нишаст ва ин Шамсободро иморатҳое зиёдат фармуд ва бағоят бонузҳат буд. Ва чун ӯ низ аз дуньё бирафт писари ӯ Аҳмадхон[136] подшоҳ шуд, ин Шамсободро ти-
36 мор накард то хароб шуд. // Чун Маликшоҳ аз Хуросон биёмад[137] ва ба Бухоро расид харобии бисьёр кард ва чун ба Самарқанд рафт, Аҳмадхонро бигрифт ва ба Хуросон бурд ва боз ба Мовароуннахр фиристод. Ва Шамсобод тамом вайрон шуда буд. Ва хештанро сарое ба Ҷӯйбор фармуд, бино карданд. Ва андар он бустон оби равон ва он ҷӣ такомил буд баҷой оварданд. Ва муддати сӣ сол он сарой дорулмулки Бухоро буд.

Чун Арслонхон ба мулк биншаст ҳар вақт, ки ба Бухоро будӣ дар он сарой будӣ. Баъд аз он чунон савоб дид, ки вайрон кунанд, фармуд, то он саройро бардоштанд ва ба ҳисор бурданд ва он мавзеъ хароб бимонд. Ва аз баъди чанд сол Арслонхон ба маҳаллати Дарвоза андар кӯи Булайс сарое фармуд бино кардаанд ва андар вай гармобаи хос фармуд сохтанд. Ва яке гармобаи дигар бар дари сарой, чунон ки мисли он гармоба набуд. Ва солҳои бисьёр он сарой дорулмулки Бухоро буд. Ва баъд аз он фармуд, то он саройро мадрасаи фуқаҳо сохтанд ва он гармоба, ки дар дари сарой буд ва деҳҳои дигар бар он мадраса вақф карданд. Ва сарои хоси худро ба дари Саъдобод фармуд, то бино карданд.

## ЗИКРИ ОЛИ КАШКАСА[138]

Муҳаммад бинни Ҷаъфар ан-Наршахӣ андар китоб овардааст, ки Кутайба бинни Муслим ба Бухоро даромад ва Бу-

хоро бигрифт, аҳли Бухороро фармуд, то як нима аз хонаҳо ва зиёи хеш арабро доданд. Қавме буданд дар Бухоро, ки ишонро Кашкасон гуфтандӣ. Ва ишон мардумоне буданд бо
37 хурмату қадр ва манзилат//ва дар миёни аҳли Бухоро ишонро шараф зиёда будӣ. Ва ишон аз деҳқонон набуданд, ғурабо буданд, асил ва бозургонон буданд ва тавонгар буданд. Пас Қутайба илоҳ кард андар қисмати хонаҳо ва асбоб. Ишон хонаҳо ва асбоби хеш ҷумла гузоштанд ба араб ва аз беруни шаҳр ҳафтсад кӯшк бино карданд. Ва он рӯз шаҳр ҳамин қадар буд, ки шаҳристонаст. Ва ҳар касе гирд бар гирди кӯшки хеш хонаҳои чокарон ва атбои хеш бино карданд. Ва ҳар касе бар дари кушки худ бӯстон ва сарое сохт ва бадон кӯшкҳо берун омаданд. Ва он кӯшкҳо имрӯз вайрон шудааст ва бештар шаҳр шуда. Бар он мавзеъ ду се кӯшк мондааст, онро «Кӯшки муғон» мехонанд ва он ҷо муғон бошидаанд ва оташхонаҳои хуш ва хуррам будааст ва зиёи ишон бағоят азиз.

Муҳаммад бинни Ҷаъфар чунин тақрир кардааст, ки мо ба рӯзгори амири Ҳамид чунин шунидем: зиёи «Кӯшки Муғонро» қимат бадон сабаб аст, ки подшоҳон ба Бухоро мақом кардаанд ва ғуломон ва наздикони подшоҳ рағбат намудаанд ба харидани он зиёҳо, то қимати ҳар ҷуфте аз ин зиёъ ба чаҳор ҳазор дирам шуд. Чун ин сухан ба амир расид бигуфт чунонаст ки ӯ донистааст: пеш аз ин, ки подшоҳон ба Бухоро мақом кардандӣ қимати ин зиёъ бештар будӣ ва агар касе хостӣ, ки як ҷуфти гов[139] замин харад дар сол натавонистӣ ва агар биёфтӣ ҳар ҷуфте ба дувоздаҳ ҳазор дирам санги нуқра боистӣ харидан. Ва акнун нарх арзон
38 шудааст, ки ҳар ҷуфт замин ба чаҳор дирам санги // нуқра мебояд, ки мардумонро сим камтар мондааст.

Аҳмад бини Муҳаммад Наср гӯяд ки ба рӯзгори мо ин зиёи «Кӯшки Муғон» чунонест, ки ба ройгон медиҳанд ва касе намехоҳад. Ва он чӣ бихаранд бимонад ройгон, ба сабаби зулм ва бешафқати ба раият.

## ЗИКРИ РӮДҲОИ БУХОРО ВА НАВОҲИИ ОН

Аввал рӯди Кармина аст ва он рӯди азимаст.

Дуввум рӯди Шопурком[140] аст ва оммаи Бухоро Шофурком хонанд. Ва овардаанд андар ҳикоят, ки яке аз фарзандони Кисро[141] аз оли Сосон аз падари хеш хашм ғирифт ва бадин вилоят омад ва номи ӯ Шопур буд ва пур ба забони

форси писар бошад, чун ба Бухоро расид Бухорхудот ӯро неку дошт. Ва ин Шопур шикордӯст буд. Як рӯз ба шикор рафт ва бадон ҷониб афтод ва дар он таърих он ҷо ҳеҷ деҳа набуд ва ободонӣ набуд, марғузоре буд ва ҷойгоҳи шикор ӯро хуш омад. Он ҷойгоҳро аз Бухорхудот ба муқотаа бигрифт,[142] то он ҷойгоҳро ободон кунад. Бухорхудот он мавзеъро ба ӯ дод. Ин Шопур рӯди азим барканд ва ба номи худ кард, яъне Шопурком. Ва бар он рӯд рустоҳо ниҳод ва кох бино кард. Ва он ҳаволиро рустоҳои Обавия хонанд. Ва деҳаи Вардона бино кард ва кох сохт ва ҷои нишасти хеш кард ва он ҷо мулки азим шуд ва аз паси вай ба фарзандони вай мерос монд. Он рустоҳо ва бадон рӯзгор,
39 ки Қутайба бинни Муслим ба Бухоро омад // аз фарзандони Шопур Вардонхудот буд ва ӯ подшоҳе азим буд ва ба деҳаи Вардана нишасти ва бо Тағшода Бухорхудот мунозаат карди. Қутайбаро бо вай ҳарбҳои бисьёр афтод ва охир Вардонхудот бимурд ва Қутайба мулки Бухороро ба Тағшода дод ва ин қисса дар фатҳи Байканд ва Бухоро гуфта шавад.

Ва Рӯди сеюмро Харқонат-ул-улье хонанд.

Ва рӯди чаҳорумро Харқонруд хонанд.

Ва рӯди панҷумро Ови Хатфар хонанд, рӯди бағоят азим ва бузург аст.

Ва рӯди шашумро Сомҷун хонанд.

Ва рӯди ҳафтумро Байконрӯд хонанд.

Ва рӯди ҳаштумро Фаровез-ул-Улье хонанд. Ва ин рӯд рустоҳои бисьёр дорад.

Ва рӯди нуҳумро Фаровез-ус-Сифло хонанд ва низ Коми Даймун хонанд.

Ва рӯди даҳумро Арвон хонанд.

Ва рӯди ёздаҳумро Кайфур хонанд.

Ва рӯди дувоздаҳумро рӯди Зар хонанд.

Ва ин рӯд дар рӯди шаҳр аст. Ва ҳар рӯде, ки ёд кардем рустоҳои бисьёр дорад ва оби бисьёр дорад. Ва чунин овардаанд, ки ҳама рӯдҳоро мардумон кандаанд, магар рӯди Ови Хатфарро, ки об худ кандааст бе заҳмати халқи он мавзеъ. Ва ҳоло Бухориён рӯди Нафар хондаанд.

## ЗИКРИ ХИРОҶИ БУХОРО ВА НАВОҲИИ ОН

Ба рӯзгори оли Сомон ва умарои Сомон яке бор ҳазор ҳазор ва саду шаст ва ҳашт ҳазору панҷсаду шасту шаш дирам ва панҷ донгу ним будааст бо хироҷи Кармина. Ва

40 аз баъди он ба ҳар тараф хироҷ шуда // ва баъзе зиёъ ба об ғарқ шуда султон хироҷ аз он мавзеъ бардоштааст. Ва онро, ки об бурда хироҷи онро низ вазъ кардааст. Ва баъзе ба дасти алавиён ва фуқаҳо афтодааст, султон хироҷи онро низ вазъ кардааст. Ва баъзе зиёъ султонӣ шуда ва хироҷ аз девон пок шудааст, чун Байканд ва бисьёр рустоҳои дигар ва хироҷи Қармина аз уммоли Бухоро берун рафтааст.

## ЗИКРИ ДЕВОРИ БУХОРО, КИ МАРДУМОН ОНРО ДЕВОРИ КАМПИРАК ГӮЯНД

Аҳмад бинни Муҳаммад Наср гуяд: ин фасл Муҳаммад бинни Ҷаъфар Наршахи бадин тартиб наёвардааст, валекин баъзе аз ин дар аснои сухан рондааст. Ва Абдулҳасан Нишобури дар «Хазоин ул-улум» ба тартиб овардааст, ки чун хилофат ба амириалмӯъмин Маҳдӣ расид, яъне падари Ҳорунаррашид ва ҳеҷ кас аз хулафои Аббос аз вай порсотар набудӣ, пас амирии ҷумла Хуросон Абдулаббос бинни ал-Фазл бинни Сулаймони Тӯсиро[143] дод дар соли саду шасту шаш (782—783) ва ӯ биёмад то ба Марв ва он ҷо биншаст.

Пас вуҷуҳ[144] ва меҳтарон ва бузургони Бухоро ба наздики ӯ рафтанд. Ва меҳтарони Суғд низ ҷумла ба Марв рафтанд ба саломи амири Хуросон. Ӯ аз ҳоли вилояти ишон пурсид.

Аҳли Бухоро гуфтанд: «Моро. ки аз кофирони турк ранҷе аст, ки баҳар вақт ногоҳ меоянд ва деҳҳо ғорат мекунанд ва акнун ба тозагӣ омадаанд ва деҳи Сомдунро ғорат кардаанд ва мусулмононро асир карда бурданд».

Абулаббоси Тӯсӣ гуфт: «ҳеҷ тадбире доред то бифармоем» Язид бинни Ғурак, малики Суғд он ҷо буд ғуфт:

41 «Бақои амири Хуросон бод! Ба рӯзгори пешин // дар ҷоҳилият туркон вилояти Суғдро ғорат мекарданд. Ба Суғд зане подшоҳ будааст. Ӯ Суғдро бора баровардааст ва вилояти Суғд аз туркон амон ёфта». Абулаббоси Тӯсӣ бифармуд мар Муҳтадӣ бинни Ҳумод бинни Амр уз-Зӯҳлиро, ки амири Бухоро буд аз ҷониби ӯ, то Бухороро бора занад, чунон ки ҳама рустоҳои Бухоро андаруни он бора бувад, ба шакли Самарқанд, то дасти туркон ба вилояти Бухоро нарасад. Ин Муҳтади бинни Ҳумод бифармуд, то ин девор бизананд ва дар фарсанге дарвозаҳо ниҳанд ва ба ҳар нимаи миле як бурҷи устувор бароранд. Ва Саид бинни Халаф ал Бухорӣ, раҳматуллоҳи алайҳи, ки қозии Бухоро буд ин шуғлро қиём

намуд то ба рӯзғори Муҳаммад бинни Яҳьё бинни Абдуллоҳ бинни Мансур бинни Ҳалчад бинни Варрақ тамом шуд дар соли дувисту понздаҳ (830—831). Ва ҳар амире, ки будӣ баъд аз он иморат мефармуд ва нигоҳ медошт ва маунат ва харҷи азим бар мардумони Бухоро буд. Ва ҳар соле моле азим бибоисти ва ҳашарҳои бисьёр то ба рӯзгори амир Исмоили Сомонӣ, раҳматуллоҳ, ки ӯ халқро раҳо кард, то он девор хароб шуд ва гуфт: «То ман зинда бошам бораи вилояти Бухоро ман бошам».

Ва он чӣ пазируфт тамом кард ва пайваста бо тани хеш ҳарб мекард ва нагузошт, ки ба вилояти Бухоро душманон зафар ёбанд.

## ЗИКРИ РАБАЗИ БУХОРО

Мардумони шаҳри Бухоро аз Аҳмад бинни Холид, ки ами-
42 ри Бухоро буд, аз дасти амири // Хуросон Муҳаммад бинни
Абдуллоҳ бинни Талҳат ат-Тоҳир[145] ин дархост карданд, ки
шаҳри моро рабазе мебояд, то шаб дарвозаҳо барбандем ва
аз дуздон ва роҳзанон дар амон бошем. Пас ӯ фармуд, то
рабазе бино карданд бағоят некӯ ва устувор. Ва бурҷҳо сох-
танд ва дарвозаҳо ниходанд. Ва ин ба таърихи дувисту сиву
панҷ (849—850) буд, ки тамом шуд. Ва ин рабазро ба ҳар
вақт, ки лашкаре қасди Бухоро карди иморат тоза кардандӣ.
Ва Арслонхон[146] ба рӯзгори хеш бифармуда, то дар пеши он
рабази қадим рабази дигар бино кунанд. Чунон ки ҳарду
муттасил ва маҳкам шуд. Ва он низ хароб шуд дар шуҳури
санаӣ ситтуна ва хамсамиа (560 ҳ—1164—1165). Хоқони оди-
ли олам Рукн уд-дуньё в-аддин Маъсуд Қилич Тамғочхон[147]
Нуруллоҳ, мауззаа, бифармуд, то беруни он рабази қадими
шаҳри Бухоро рабазе заданд ва боз вайрон шуд. Дар шуҳу-
ри санаи арбаа ва ситтамиа[148] (604 ҳ — 1207—1208) Хоразм-
шоҳ Муҳаммад бинни султон Такаш Бухороро бигрифт ва
боз рабаз фармуд ва фасил задан ва ҳардуро нав карданд.
Ва дар шуҳури санаи ситта ашара ва ситтамиа (616 ҳ—
1219—1220) боз лашкари тотор омад шаҳрро бигрифт ва боз
вайрон шуд.

## ЗИКРИ ДИРҲАМ ВА СИМ ЗАДАН БА БУХОРО

Нахустин касе, ки сим зад ба Бухоро подшоҳе буд номи ӯ Қоно Бухорхудот. Ва ӯ сӣ сол бар Бухоро подшоҳ буд. Ва

дар Бухоро бозургонӣ ба карбос ва гандум будӣ. Ӯро хабар
доданд, ки ба вилоятҳои дигар сим задаанд, у низ бифармуд,
43 то ба Бухоро // сим заданд аз нуқраи холис. Ва бар он сура-
ти хеш бифармуд бо тоҷ ва ин ба рӯзгори хилофати амир-
алмӯъминин Абӯбакри Сиддиқ,[149] ... буд, то ба рӯзгори Ҳо-
руннаррашид[150] Ғитриф бинни Ато амири Хуросон шуд дар
моҳи рамазон ба соли саду ҳаштоду панҷ (801).

Ва ин Ғитриф бародари модари Ҳорунаррашид буд ва модари Ҳорунаррашидро Хайзурон ном буд, духтари Ато аз Яман аз шаҳре, ки онро Ҷараш гӯянд. Ва асир афтода буд ба Табаристон ва аз он ҷо ӯро ба наздики Маҳдӣ[151] овар-данд. Маҳдиро аз вай ду писар омад; яке Мӯсо ал-Ҳодӣ[152] ва дуюми Ҳорунаррашид. Ва чун кори Хайзурон бузург шуд, ин Ғитриф[153] ба наздики вай омад ва бо ӯ мебуд. Ҳорунар-рашид Хуросон ба вай дод ва бадон таърих дар дасти мар-думон сими Хоразм раво нашуда буд ва мардумон он сим-ро ба нохушдилӣ гирифтандӣ. Ва он сими Бухоро аз дасти мардумон берун шуда буд. Чун Ғитриф бинни Атто ба Ху-росон омад ашроф ва аъёни Бухоро ба наздики ӯ рафтанд ва аз вай дархостанд, ки моро сим намондааст дар шаҳр, амири Хуросон фармояд, то моро сим зананд ва ба ҳамон сикка заданд, ки сими Бухоро дар қадим будааст. Ва симе мебояд, ки ҳеҷ кас аз дасти мо берун накунад ва аз шаҳри мо берун набарад, то мо бо сим миёни хеш муомилат бику-нем. Ва бадон таърих нуқра азиз буд.

Пас аҳли шаҳрро ҷамъ кардаанд ва аз ишон рой хостанд,
бар ин маъни дар он иттифоқ карданд, ки сим зананд аз
шаш чиз: зар ва нуқра ва машк[154] ва арзиз ва оҳан ва мис.
44 Ҳамчунон карданд ва ба он сиккаи // пешин ба номи Ғитриф
заданд, яъне сими «ғитрифӣ» ва оммаи мардумон «ғидрифӣ»
хондандӣ. Ва сими қадим аз нуқраи холис буд. Ва ин сим,
ки ба ахлот заданд сиёҳ омад, аҳли Бухоро нагирифтанд.
Султон хашм кардашон ва ба қаҳрия мегирифтанд.[155] Ва қи-
мат ниҳоданд шаш ғидрифӣ ба як дирам санги нуқраи холис
ва султон бо ҳамин қимат гирифт, то роиҷ шуд. Ва бадин
сабаб хироҷи Бухоро гарон шуд ба ҳар он, ки хироҷи Бухоро
дар қадим дувист ҳазор дирами нуқра буд чизе кам, чун
«ғидрифӣ» заданд ва шаш дирам санги нуқра роиҷ шуд.
Султон бо ҳамин ғидрифӣ бар ишон лозим кард чун «ғидри-
фӣ» азиз шуд ва чунон шуд, ки дирами «ғидрифӣ» ба дира-
ми нуқра равон шуд. Ва султон нуқра нахост ва «ғидрифӣ»
хост. Хироҷи Бухоро аз дувист ҳазор дирами нуқра кам чизе

буд баякбор ҳазор—ҳазор дирам ва шасту ҳашт ҳазору пансаду шаст ва ҳафт дирами «ғидрифӣ» баромад.

Муҳаммад бинни Ҷаъфар овардааст: «ба соле дувисту бист дирами нуқраи покиза ба ҳаштоду панҷ дирами «ғидрифӣ» будааст». Аҳмад бини Наср гӯяд: «Дар шуҳури санаи иснайни ва ишруна (ва ҳамсамиа) (1128) буд, ки мо ин китобро тарҷума кардем сад дирами нуқраи холис ба ҳафтод дирами «ғидрифӣ» буд ва зари сурх мисқол ба ҳафту ним дирами «ғидрифӣ» буд».

Муҳаммад бинни Ҷаъфар овардааст, ки ин «ғидрифӣ» ба
45 кӯшки // Мохак[156] задаанд дар шаҳри Бухоро. Ва дар сими «ғидрифӣ» нуқра бештар аз ахлоти дигар аст. Ва гуфтаанд, ки дар ҳар дираме як ҳубба[157] зар аст ва дар ҳар даҳ дирам[158] ба вазни ним дирам санг то чаҳор донг[159] ва ним бошад. Ва ба Бухоро адле пашиз бисьёр задаанд, ҳар касе аз оли Сомон ва аз подшоҳони дигар баъд аз оли Сомон, зикри он карда нашуд чун дар он аҷибе набуд.

## ЗИКРИ ИБТИДОИ ФАТҲИ БУХОРО

Муҳаммад бинни Ҷаъфар чунин овардааст, ки чун Убайдуллоҳ Зиёдро Муовия[160] ба Хуросон фиристод вай аз оби Ҷайҳун бигзашт ва ба Бухоро омад. Ва подшоҳи Бухоро Хотуне буд аз баҳри он, ки писари ӯ, Тағшода, хурд буд. Пас Убайдуллоҳ Зиёд Байканд бикшод ва Ромитин ва бисьёр барда кард ва чаҳор хазор бардаи бухорӣ хештанро гирифт. Ва ин ба охири соли панҷоху се ва аввали соли панҷоҳу чаҳор (673) буд. Чун ба шаҳри Бухоро расид сафҳо баркашид ва манҷаникҳо рост кард. Хотун кас ба туркон фиристод ва аз ишон ёрӣ хост ва кас ба Убайдуллоҳ Зиёд фиристод ва ҳафт рӯз мӯхлат хост ва гуфт:

«Ман дар тоати туам» ва ҳадьяҳои бисьёр фиристод. Чун дар ин ҳафт рӯз мадад нарасид дигарбора ҳадьяҳо фиристод ва ҳафт рӯзи дигар замон хост. Лашкари турк бирасид ва дигарон ҷамъ шуданд ва лашкар бисьёр гашт. Ва ҳарбҳои бисьёр карданд ва баохир кофирон ба ҳазимат шуданд ва мусулмонон дар паи ишон рафтанд ва бисьёр бикуштанд. Ва Хотун ба ҳисор андаромад ва он лашкарҳо ба вилояти хеш бозгаштанд. Ва мусулмонон бисьёр ғанимат ёфтанд
46 аз силоҳ ва ҷома ва заррина ва симина ва барда гирифтанд. // Ва як пои мӯзаи Хотун бо ҷӯраб гирифтанд ва ҷӯраб ва мӯза

аз зар буд мурассаъ ба ҷавоҳир, чунон, ки қимат карданд дувист ҳазор дирҳам омад.

Убайдуллоҳ Зиёд фармуд, то дарахтон меканданд ва деҳҳоро хароб мекарданд ва шаҳрро низ хатар буд. Хотун кас фиристод ва амон хост. Сулҳ афтод бар ҳазор бор ҳазор дирам.[161] ва мол боз бифиристод ва мол бигрифт ва бозгашт. Ва он чаҳор ҳазор барда бо хештан бурд. Чун вай аз аморати Хуросон маъзул шуд дар соли панҷоҳу шаш (676) ва Саид бинни Усмон амири Хуросон шуд, аз Ҷайҳун бигзашт ва ба Бухоро омад. Хотун кас фиристод ва гуфт:

«Бар ҳамон сулҳам, ки бо Убайдуллоҳ Зиёд кардаам» ва аз он мол баъзе фиристод, ки ногоҳ лашкари Суғд ва Кешу Нахшаб расиданд ва адади ишон яксаду бист ҳазор мард буд. Хотун аз сулҳ ва он чӣ фиристода буд пушаймон шуд.

Саид гуфт: «Бар ҳамон қавлам» ва он мол боз фиристод ва гуфт: «Моро сулҳ нест!».

Онгоҳ лашкарҳо ҷамъ шуданд ва дар муқобилаи якдигар истодан ва сафҳо баркашиданд. Худои таоло саҳм дар дили кофирон андохт, то он ҳама лашкарҳои кофирон боз рафтанд бе харб. Хотун танҳо монд. Боз кас фиристод ва сулҳ хост ва мол зиёдат кард ва ба тамоме фиристод.

Саид гуфт: «ман акнун ба Суғд ва Самарқанд меравам ва ту ба роҳи манӣ, аз ту гараве бояд то роҳ бар ман нагирӣ ва маро наранҷонӣ».

Хотун ҳаштод тан аз маликзодагон ва деҳқонони Бухоро ба гарав ба Саид дод. Саид аз дари Бухоро боз гашт ва рафт ва ҳанӯз меравад.

Ва дар ҳикоят овардаанд, ки ин Хотун бар яке аз чокарони шӯи хеш ошиқ буд ва мардумон гуфтандӣ, ки Тағшода
7 писари вай аз ин // мард аст ва вай ин писарро бар шӯи хеш бастааст ва ин писар аз Бухорхудот нест.

Ҷамоате аз лашкари вай гуфтанд, ки мо ин мулки вайро ба худотзодаи дигар медиҳем, ки вай бешак подшоҳзода аст. Ва Хотун аз ин қасди ишон огоҳ буд ва тадбир мехост, то ишонро аз худ дафъ кунад. Чун ин сулҳ афтод бо Саид ва Саид аз вай гарав хост, Хотун ҳилла кард ва он қавмро, ки ин қасд карда буданд ба гарав дод, ки то аз ишон ҳам боз раст ва ҳам аз Саид.

Ҳикоят кунанд, ки чун Саид бо Хотун сулҳ кард, Хотунро гуфт: «Бояд ба саломи ман берун ой». Хотун ҳамчунон кард ва ба саломи вай берун омад ва гуфт, ки «ба саломи меҳтарони ман низ берун ой». Хотун ба саломи ҳар яке аз

вуҷӯҳи лашкари вай берун омад. Ва яке аз вуҷӯҳи лашкари ӯ Абдуллоҳ Ҳозим[162] буд бифармуд, то оташе азим афрӯхтанд андар хаймаи ӯ ва ӯ истода буд ва бағоят ҳаво гарм буд. Ва ин Абдуллоҳ марди сурх буд ва чашмҳои ӯ низ сурх шуда буд аз тоби оташ, ва сари вай бузург буд, чунон ки мисл заданди ӯро байғория[163] ва марди бимнок буд, силоҳ бардошт ва шамшер баркашид ва биншаст. Чун Хотун ба наздики ӯ даромад аз ӯ битарсид ва зуд бигрехт ва мегуфт:

Б а й т:

Хубат орост эй ғулом эзид
Чашми бад дур ҷуз наёмезад.

Ҳ и к о я т. Ҳам Сулаймон Лайсӣ мегӯяд, ки чун Саид бо Хотун сулҳ кард ба Бухоро Саид бемор гашт. Хотун ба иёдати у даромад, кисае дошт пурри зар. Даст дар киса кард ва
48 ду чиз аз киса берун кард//ва гуфт: «ин яке аз баҳри хештан нигоҳ медорам, то агар бемор шавам бихӯрам ва он дигар туро медиҳам, то бихӯрӣ ва беҳтар шавӣ».

Саидро аҷаб омад, ки чист, ки ин Хотун бо ин иззат ва бузургӣ медиҳад. Чун Хотун берун рафт Саид нигоҳ кард, хурмо буд кӯҳна гашта. Қасони худро фармуд, то панҷ шутур хурмои тоза бор карданд ва ба наздики Хотун бурданд. Хотун ҷуволҳо бикшод ва хурмои бисьёр дид, киса бикшод ва он хурмои хеш берун кард ва бо он хурмоҳо муқобала кард ва ҳамчунон буд, ки Хотун дошт. Ва ба узр омад ва гуфт: «Моро аз ин ҷинс бисьёр набошад ва ин ду хурморо солҳои бисьёр нигоҳ доштаам аз баҳри беморӣ».

Овардаанд, ки ин Хотун зане буд ширин ва боҷамол. Саид бар вай ошиқ шуд ва аҳли Бухороро аз ин маънӣ сурудҳост ба забони бухорӣ.

Ва дар ривояте овардаанд, ки дар он вақте ки Саид ба Бухоро омада буд, Қусам бинни Аббос, . . . , ба Бухоро омад. Саид ӯро икромӣ кард ва гуфт:

«Аз ин ғанимат ҳар касеро як тир бидиҳам ва туро ҳазор тир».

Қусам . . . гуфт: «Нахоҳам ба ҷуз, як тир, чунон ки фармони шариат аст».

Ва аз баъди он Қусам, ... ба Марв рафт ва он ҷо фавт шуд ва баъзе гуфтанд ба Самарқанд фавт шудааст ва аллоҳу аълам.

Ва чун Саид аз корҳои Бухоро фориғ шуд ба Самарқанд ва Суғд рафт ва ҳарбҳои бисьёр кард ва зафар ӯро буд. Ва он рӯз Самарқандро подшоҳе набуд ва аз Самарқанд сӣ ҳазор тан барда кард ва моли бисьёр овард.

Чун ба Бухоро расид Хотун кас фиристод ва гуфт: «Чун ба саломат боз гаштӣ он гарав ба мо бидеҳ».

49 Саид гуфт: «Ман ҳанӯз // аз ту эмин нашудам, гарав бо ман бошад, то ман аз Ҷайҳун бигзарам».

Чун аз Ҷайҳун бигзашт Хотун боз кас фиристод.

Гуфт: «—Бош то ба Марв расам», чун ба Марв расид боз кас фиристод, гуфт: — «То ба Нишобур расам»: чун ба Нишобур расид, гуфт: «То ба Куфа расам ва аз он ҷо ба Мадина».

Чун ба Мадина расид ғуломонро бифармуд, то шамшерҳо ва камарҳо аз ишон бикшоданд ва ҳарчӣ бо ишон буд аз ҷомаи дебо ва зарру сим ҳамаро аз ишон бигрифтанд ва ишонро гилемҳо иваз доданд ва ба кашоварзӣ машғулашон карданд.

Ишон бағоят тангдил шуданд ва гуфтанд: «Ин мардро чӣ хорӣ монд, ки бо мо накард ва моро ба бандагӣ гирифт ва кори сахт мефармояд. Чун дар истихфоф[164] хоҳем ҳалок шудан, боре бафоида ҳалок шавем».

Ба сарои Саид андаромаданд ва дарҳо бар бастанд ва Саидро бикуштанд ва хештанро низ ба куштан доданд. Ва ин вақте буд, ки Язид бинни Муовия[165] халифа буд ва Муслим бинни Зиёд бинни Абийҳ[166] амири Хуросон шуд ва ба Хуросон омад ва аз он ҷо лашкарҳо сохта ба Бухоро расид.

Хотун он лашкар ва сохтагӣ бидид, донист ки бо ин лашкар Бухоро натавонад муқовамат кардан. Кас фиристод ба наздики Тархун, малики Суғд ва гуфт: «—Ман туро ба занӣ бошам ва Бухоро шаҳри туст, ки биёӣ ва дасти араб аз ин мулк кӯтоҳ созӣ».

Тархун биёмад бо саду бист ҳазор мард. Ва Бедун низ аз Туркистон бо лашкари бисьёр биёмад. Хотун бо Муслим сулҳ карда буд ва дарвозаҳо кушода ва дарҳои кӯшк, ки дар берун буд, ҳам кушода, Бедун бирасид ва аз он рӯи Хар-
50 қонрӯд фуруд омад. Хабар оварданд Муслимро, ки // Бедун расид ва Хотун ба вай байат кард ва дарвозаҳои шаҳр бастанд.

Муслим бинни Зиёд кас ба наздики Муҳаллаб[167] фиристод ва гуфт: «Бигӯй то биравад ва ин лашкар бинад, ки ба чӣ андозааст. Ва он чӣ шарти тилоягӣ бошад ба ҷой орад!».

Муҳаллаб ҷавоб дод, ки «чун манеро кас бадин кор нафиристад, ман марди машҳурам, касеро фирист, ки агар басаломат боз ояд туро хабари дуруст биёрад ва агар ҳалок шавад дар лашкари ту шикасте пайдо наёяд».

Муслим гуфт: «Ҳар оина туро бояд рафтан!»

Муҳаллаб гуфт, ки «агар ҳар оина маро бояд рафтан аз ҳар аламе марде бо ман фирист ва аз рафтани ман касеро огоҳ макун!»

Ҳамчунон кард ва писари амми хешро бо ӯ фиристод. Ва ишон шаб бо ӯ рафтанд ва маълум карданд бе он, ки сипоҳи душманро хабар будӣ. Чун рӯз шуд Муслим бинни Зиёд намози бомдод гузорид ва рӯ ба мардумон кард ва гуфт: «Ман дӯш Муҳаллаброба тилоягӣ фиристодаам». Хабар дар лашкар фош шуд ва араб бишнавиданд ва гуфтанд: «Амир Муҳаллаброба бадон фиристодааст, то беш аз мо ғанимат бигирад ва агар ҳарб будӣ моро бо вай фиристодӣ». Зуд ҷамъе савор шуданд ва бар асари Муҳаллаб рафтанд, то ба лаби рӯд.[168] Муҳаллаб чун ишонро бидид гуфт:

«Хато кардед, ки биёмадед, ман пинҳон будам ва ишон ошкор, ҳамеоянд ҳам акнун кофирон ҳамаро бигиранд». Муҳаллаб бишмурд мусулмонон нӯҳсад кас буданд.

Гуфт:

«Валлоҳ, ки пушаймон шавед аз он чӣ кардаед!» Онгоҳ саф баркашиданд ва тилояи лашкари Бедун ишонро бидиданд. Мусулмонон зуд бӯқ заданд ва ҳама ба якбор савор
51 шуданд // ва сафҳо баркашиданд. Ва малики турк бар ишон тохт ва араб дармонданд.

Муҳаллаб гуфт: «Ман донистам, ки ҳамин шавад»

Гуфтанд: «Тадбир чист?».

Гуфт: «Пештар равед!» Боз гаштанд.

Ва Бедун ишонро андар ёфт ва чаҳорсад танро аз мусулмонон бикушт ва боқӣ бигрехтанд, то лашкаргоҳ.

Бомдоди дигар шуд ва Бедун аз об бигзашт ва наздики амири Хӯтан[169] омад, ки миёни ишон нимфарсанг буд[170] ва ҷанг дар пайваст. Муҳаллаб пеш андаромад ва ҳарб сахт шуд ва кофирон ҳамла карданд ва ӯро дар миён гирифтанд.

Муҳаллаб бонг кард, ки «Маро андарьёбед!»

Муслим хира шуд ва гуфт: «Ин бонги Муҳаллаб аст».

Абдуллоҳ Худон он замон дар пеши Муслим истода буд хомӯш.

Муслим гуфт: «Чӣ будааст туро, ки сухан намегӯӣ?»

Гуфт: «Биллоҳ, ки агар Муҳаллаброба бими ҳалок набошад

вай фарьёд накунад. Ман боре барнишинам ва он чӣ бар ман аст бикунам. Агар боре ҳалок шавам раво дорам». Ва бар ҳар хазимат, ки мешуд Муҳаллаб овоз медод.

Муслим гуфт: «Як соат сабр кунед».[171] Дар ин миён Муслим хон хост ва нон хӯрд.

Абдуллоҳ Худон гуфт: «Чи вақти нон хӯрдан аст, худованд сер кунад туро, ҳалок шудаӣ хабар нест ва марди ҳарб набудаӣ»

Муслим гуфт: «Акнун тадбир чист?»

Гуфт:

«Саворонро бигӯй, то пиёда шаванд ва ба ҳарбгоҳ раванд».

Ҳамчунин карданд Абдуллоҳ бинни Худон битохт ва наздики Муҳаллаб рафт ва Муҳаллаб сахт дар миён монда буд, гуфт: «Сипаси хеш нигаред!».

Чун нигоҳ карданд мардондро диданд, ки ба мадади ишон меомаданд, қавидил шуданд ва барҷастан гирифтанд ва
2 корро сахт карданд. // Дар ин миён Бедун кушта шуд. Мусулмонон такбир гуфтанд, кофирон ба як бор ҳазимат шуданд ва мусулмонон бар асари кофирон ҳамерафтанд ва мекуштанд, то димор аз ниҳоди кофирон баровар данд ва бисьёр ғанимат гирифтанд ва он рӯз қисмат карданд. Ҳар савореро ду ҳазору чаҳорсад дирам расид. Хотун кас фиристод ва сулҳ хост ва Муслим бо вай сулҳ кард ва моли азим бистуд.

Хотун гуфт: «Аз ту дархост мекунам, ки Абдуллоҳ Ҳозим маро намой, чунон ки сурати ӯст, ки як бор дидаам ва беҳуш шудаам. Ва маро чунон менамояд, ки ӯ одамӣ нест».

Муслим Абдуллоҳ Ҳозимро бихонд[172] ба меҳмонхонае, ки дошт ва [173] ба Хотун намуд ва ҷебаи хаззи нилгун медошт ва дастори сурх. Чун Хотун ӯро бидид, саҷда кард ва ҳадьяҳо фиристодаш аз аҷаб. Ва Муслим музаффар ва бо ғаниматн бисьёр боз гашт ва ба Хуросон рафт.

## ЗИКРИ ВИЛОЯТИ ҚУТАЙБА БИННИ МУСЛИМ ВА ФАТҲИ БУХОРО ВА ҚИСМАТИ МОВАРОУННАҲР МИЁНИ АРАБ ВА АҶАМ[174]

Чун Қутайба бинни Муслим амири Хуросон[175] шуд, аз дасти Ҳаҷҷоҷ,[176] ба Хуросон омад ва ҷумлаи Хуросонро рост кард ва фатҳи Тахористон[177] бар дасти ӯ баромад. Ва аз

Ҷайҳун бигзашт дар соли ҳаштоду ҳашт (707). Аҳли Бай-
канд хабар ёфтанд, Байкандро ҳисор карданд, бағоят усту-
вор буд. Ва Байкандро дар қадим Шористон гӯянд ва Шо-
ристони рӯин хондаанд аз устуворӣ.
Қутайба ҳарбҳои бисьёр сахт кард ва муддати понздаҳ
рӯз мусулмонон бечора шуданд ва ранҷ диданд ва ҳилла кар-
данд. Ва қавме дар зери девор ҳафра карданд бар бурҷ ва
53 андаруни ҳисор ба сутургоҳе баромаданд ва девор ҳафра //
карданд ва рахна андохтанд ва ҳанӯз мусулмонон ба ҳисор
намерасиданд аз рахна даромаданд. Қутайба овоз баровард,
ки «ҳар, ки барин рахна барояд дияти вай медиҳам ва агар
кушта шавад, ба фарзандони вай медиҳам». То ҳар касе рағ-
бат карданд ба даромадан ва ҳисорро гирифтанд ва марду-
мони Байканд амон хостанд. Қутайба сулҳ кард ва мол бис-
туд. Ва Варқоъ бинни Наср Баҳилиро бар ишон амир кард.
Ва ӯ рӯй ба Бухоро овард. Чун ба Хунбун[178] расид хабар
додан, ки аҳли ҳисор хилоф карданд ва амирро куштанд.
Қутайба фармуд лашкарро, ки бираведа Байкандро ғо-
рат кунед ва хун ва моли ишон мубоҳ кардам. Ва сабаб он
буд, ки андар Байканд марде буд ӯро ду духтар буд боҷа-
мол. Варқоъ бинни Наср ҳардуро берун овард, ин мард гуфт:
«Байканд шаҳри бузург аст, ҷаро аз ҳама шаҳр ду духтари
ман мегирӣ?» Варқоъ ҷавоб надод. Мард биҷаст ва корде
бизад, Варқоро ба ноф андар омад валекин коре наёмад ва
кушта нашуд.
Чун хабар ба Қутайба расид бозгашт, ҳар ки дар Бай-
канд аҳли ҳарб буд ҳамаро бикушт ва он чӣ боқӣ монда буд
барда кард, чунон ки андар Байканд касе намонд ва Бай-
канд хароб шуд. Ва аҳли Байканд бозургонон буданд ва
бештар ба бозургонӣ рафта буданд ба вилояти баладаи Чин
ва ҷои дигар. Ва чун боз гаштанд фарзандон ва занон ва
ақрабои хешро талаб карданд ва бихариданд аз араб. Ва
боз Байкандро низ ободон карданд. Гуфтаанд, ки ҳеҷ шаҳ-
ре набувад, ки ҷумла он шаҳр вайрон шуд ва холӣ бимонд
ва боз ба дасти ҳамон шаҳриён зуд ободон гашт, магар Бай-
канд.
Ҳ и к о я т. Овардаанд, ки чун Қутайба Байкандро бикшод
54 дар бутхонае // яке буте симин ёфт ба вазн чаҳор ҳазор ди-
рам. Ва симин ҷомаҳо ёфт, ҷумлаҳоро гирд кард ва барка-
шид саду панҷоҳ ҳазор мисқол баромад. Ва ду донаи марво-
рид ёфт ҳар яке чун байзаи кабӯтар.

Қутайба гуфт: «Ин марворидҳо бадин бузургӣ аз куҷо овардаед?»

Гуфтанд: «Ду мурғ овардааст ба даҳон гирифта ва бадин бутхона андохта».

Пас Қутайба зароифҳо ҷамъ кард ва бо он ду дона марворид ба наздикии Ҳаҷҷоҷ фиристод ва нома навишт ба фатҳи Байканд ва қиссаи ин ду дона марворид дар нома ёд кард. Ҳаҷҷоҷ ҷавоб навишт, ки «он чӣ ёд карди маълум шуд ва аҷаб омад маро аз ин ду донаи марвориди бузург ва аз он мурғоне. ки овардаанд ва аз ин аҷабтар саховати ту, ки чунин чизи фохир ба даст овардӣ ва ба наздики мо фиристодӣ, ...» Пас Байканд солҳои бисьёр хароб бимонд.

Чун Қутайба аз кори Байканд фориғ шуд ба Хунбун рафт ва ҳарбҳо кард ва Хунбун ва Тороб ва бисьёр деҳаҳои хурд бигирифт ва ба Вардона рафт. Ва он ҷо подшоҳе буд Вардонхудот ном ва бо вай ҳарбҳои бисьёр кард ва баоқибат Вардонхудот бимурд ва Вардона ва бисьёр деҳаҳо бигрифт.

Ва андар миёни рустоҳои Бухоро, миёни Тороб[179] ва Хунбун ва Ромитин лашкарҳо гирд омаданд бисьёр ва Қутайбаро дар миён гирифтанд. Ва Тархун, малики Суғд, бо лашкари бисьёр биёмад ва Хунукхудот бо сипоҳе азим ва Вардонхудот бо сипоҳи хеш ва малик Кӯрмағонун, хоҳарзодаи фағфури[180] Чинро ба музд гирифта буданд, бо чиҳил ҳазор мард омада буд, то ӯро ёрӣ диҳанд, ба ҷанги Қутайба лашкарҳо ҷамъ шуданд ва кор бар Қутайба сахт шуд. Ва Қутайба ва ёрони ӯ бесилоҳ буданд. Қутайба нидо кард, ки пешсилоҳ аз худ
55 дур накунанд ва лашкарҳо раҳо накунанд. Ва силоҳ // аз ин ҷиҳат кимат шуд, чунон ки найзае ба панҷоҳ дирам шуд ва сипаре[181] ба панҷоҳ дирам, ё шаст дирам ва зиреҳ[182] ба ҳафтсад дирам.

Ҳайён ан-Набатӣ[183] мар Қутайбаро гуфт: «Ман худ он меҷӯям,[184] то фардо маро амон деҳ».

Чун бомдод шуд Ҳайён Набатӣ ба наздики малики Суғд кас фиристод ва гуфт: «Бар ман насиҳате аст бар ту бояд, ки ҳарду ба як ҷо ҷамъ шавем».

Тархун гуфт: «Равост чӣ вақт ҷамъ шавем?»

Ҳайён гуфт: «Бадон вақт, ки лашкар ба ҳарб машғул гардад ва ҳарб сахт шавад».

Ҳамчунон карданд, чун ҳарб сахт шуд.

Ҳайён Набатӣ Тархунро дид ва гуфт: «Мулк аз дасти ту рафтааст ва туро хабар нест».

Гуфт: «Чигуна?»

Гуфт «Мо ин ҷо чандоне тавонем будан, ки ҳаво гарм шавад. Ва акнун ҳаво сард аст, вақти рафтани мо шудааст ва то мо инҷоем ин туркон бо мо ҳарб кунанд ва чун аз ин ҷо рафтем ҳарбҳо бо ту бисьёр кунанд аз барои он, ки вилояти Суғд ҷои хуш аст ва мисли ӯ андар дуньё нест, ба хуши ишон Суғдро бо ту куҷо монанд то ба Туркистон раванд ва ту дар ранҷ дармонӣ ва мулки ту ишон бигиранд».

Тархун гуфт: «Ҳилаи ман чист?»

Гуфт: «Он ки бо Қутайба сулҳ кунӣ ва чизе бидиҳӣ ва чунон намоӣ ба туркон, ки моро аз Ҳаҷҷоҷ мадад расидааст бар роҳи Кеш ва Нахшаб лашкаре азим. Ва ту гӯй ман боз мегардам то ишон низ боз гарданд. Ва чун ту бо мо сулҳ карда бошӣ ва аз мо аҳд гирифта бошӣ мо туро бад нахоҳем ва наранҷонем ва ту аз ин ранҷ берун оӣ».

Тархун гуфт: «Маро некӯ насиҳат кардӣ ҳамчунин кунам, имшаб боз гардам».

Чун шаб шуд Тархун кас фиристод ба наздики Қутайба ва сулҳ кард ва мол фиристод ва ду ҳазор дирам ва буқ заданд[185] ва равон шуданд.

Деҳқонон ва амирон гуфтанд: «Чӣ буд?»

56 Гуфт: // «Зинҳор ва ҳуш бошед, ки Ҳаҷҷоҷ лашкаре азим фиристод аз ҷониби Кеш ва Нахшаб то аз паси мо бароянд ва моро дар миён гиранд. Ва ман боз мегардам ба вилояти хеш».

Кӯрмағонуни турк кас фиристод ва хабар пурсид, аз ин ҳол ӯро хабар доданд. Ӯ низ буқ зад ва бозгашт ва вилоят ғорат мекарданд ва мерафтанд. Худои таоло он балоро аз сари мусулмонон бозгардонид. Ва чаҳор моҳ буд, ки Қутайба андармонда буд. Ва дар ин муддат хабари Қутайба ва ёрони ӯ ба Ҳаҷҷоҷ нарасида буд. Ҳаҷҷоҷро дил бадин ҷониб машғул мебуд ва дар масҷидҳо Қуръон мехонданд ва хатмҳо мекарданд ва дуоҳо мегуфтанд. Қутайба ва ёрони ӯ боз ба Бухоро рафтанд. Ва ин чаҳорӯм бор буд, ки ба Бухоро омада буд ва ҳарб карда ва мол бистуда ва лахте аз вилоят ғорат карда ва баъзеро кушта ва баъзеро асир карда ва барда, то ба Марв рафтӣ ва боз омадӣ ба вилояти Бухоро . . . .

## ЗИКРИ ФАТҲИ БУХОРО ВА ЗОҲИР ШУДАНИ ИСЛОМ ДАР Ӯ

Муҳаммад бинни Ҷаъфар овардааст, ки Хотун, модари Тағшодаро шавҳар мурда буд, Бухорхудот, подшоҳзода пи-

сари вай хурд буд ва мулк ин Хотун медошт ва зикри он карда шудааст,[166] бо Убайдуллоҳ бинни Зиёд ва бо Саид бинни Усмон бинни Аффон. Ва ҳар бор, ки лашкари ислом ба Бухоро омадӣ ғазо кардӣ тобистон ва зимистон боз рафтӣ. Ва ин Хотун бо ҳар кӣ биёмадӣ лахте ҳарб кардӣ ва боз сулҳ кардӣ. Чун писари вай хурд буд ҳар касе аз аҳлон бадин мулк тамаъ кардандӣ ва ба ҷанг Бухорхудот Бухороро гирифта буд. Ҳар боре аҳли Бухоро мусулмон шудандӣ ва боз чун
57 араб боз гаштандӣ//риддат овардандӣ. Ва Қутайба бинни Муслим се бор ишонро мусулмон карда буд, боз риддат оварда кофир шуда буданд. Ин бори чаҳорум Қутайба ҳарб карда шаҳр бигрифт ва аз баъди ранҷи бисьёр ислом ошкоро кард ва мусулмонӣ андар дили ишон биншонд, ба ҳар тариқе кор бар ишон сахт кард ва ишон ислом пазируфтанд ба зоҳир ва ба ботин будпарастӣ мекарданд. Қутайба чунон савоб дид, ки аҳли Бухороро фармуд як нима аз хонаҳои хеш ба араб доданд, то араб бо ишон бошанд ва аз аҳволи ишон бохабар бошанд, то ба зарурат мусулмон бошанд. Бадин тариқ мусулмонӣ ошкоро кард ва аҳкоми шариат бар ишон лозим гардонид ва масҷидҳо бино кард ва осори куфр ва расми габрӣ бардошт. Ва ҷидди азим мекард ва ҳар ки дар аҳкоми шариат тақсире кардӣ уқубат мекард. Ва масҷиди ҷомеъ бино кард ва мардумонро фармуд, то намози одина оварданд то аҳли Бухороро эзиди таоло савоби ин хайр захираи охирати ӯ кунад.

## ЗИКРИ БИНОИ МАСҶИДИ ҶОМЕЪ

Қутайба бинни Муслим масҷиди ҷомеъ бино кард андар ҳисори Бухоро ба соли наваду чаҳор (713). Ва он мавзеъ бутхона буд. Мар аҳли Бухороро фармуд, то ҳар одина дар он ҷо ҷамъ шудандӣ, чунон ки ҳар одина мунодӣ фармудӣ, ҳар ки ба намози одина ҳозир шавад, ду дирам бидиҳам. Ва мардумони Бухоро ба аввали ислом дар намоз Қуръон ба порсӣ хондандӣ ва арабӣ натавонистандӣ омӯхтан. Ва чун вақти рукӯъ шудӣ, марде будӣ, ки дар паси ишон бонг задӣ بكنيتا نكينت[187] ва чун саҷда ҳостандӣ кардӣ бонг кардӣ نكونيا نكونى.

58 Муҳаммад бинни // Ҷаъфар андар китоб ёд кардааст, ки масҷиди ҷомеи Бухороро дидам бар вай дарҳои босурат ва

руи онро тарошида ва боқиро барҳол гузошта. Гуфт: «Пурсидам аз устоди хеш, ки он дарҳо ба аввал кӣ ниҳода буд?»

Ва марде, ки умр ёфта буд гуфт: «Сабаби он чунон бувад, ки ба замон[188] гуфтандӣ ба беруни шаҳр ҳафтсад кушк буд, ки тавангарон он ҷо бошидандӣ ва ишон гарданкаштар буданд ва ба масҷиди ҷомеъ бештар кас ҳозир нашудандӣ ва дарвешон рағбат намудандӣ бадон ду дирам то бигиранд, аммо тавонгарон *рағбат накардандӣ. Як рӯзи одина* мусулмонон ба дари кушкҳо рафтанд ва ишонро ба намози одина хонданд ва илхоҳ карданд. Ишонро аз боми кӯшк санг мезаданд, ҳарб шуд ва дасти мусулмонон қавӣ омад ва дарҳои кӯшкҳои ишон барканданд ва биёварданд. Ва бадон дарҳо ҳар касе сурати бути хеш карда буданд, чун масҷиди ҷомеъ зиёдат шуд, он дарҳоро ба масҷиди ҷомеъ харҷ карданд ва[189] руи сурат битарошида ва боқи бигзошта рост карданд».

Аҳмад бинни Муҳаммад бинни Наср гӯяд: «Имрӯз аз он дарҳо яке мондааст бадон мавзеъ, ки аз бомҳо фуруд ой бар дари масҷиди ҷомеъ, чун хоҳӣ ба сарои амири Хуросон равӣ нахустин дар бимонӣ, дари дуввум аз бақияти он дарҳо аст ва асари тарошидагӣ бар вай падид аст ҳанӯз».

Ва он масҷид, ки андар ҳисор аст, Қутайба бино кардааст, мардумон дар вай намоз мекарданд. Чун мусулмонӣ зиёдат шуд ва рағбати мардумон ба ҳар рӯз ба ислом бештар мешуд пас бадон масҷид нағунҷиданд, то ба рӯзгори Фазл бинни Яхьё бинни Холиди Бармакӣ чун амири Хуросон шуд
59 ба рӯзгори Ҳорунаррашид. // Мардумони Бухоро ҷамъ шуданд ва иттифоқ карданд ва поргини ҳисор[190] бино карданд ва миёни ҳисору шористон масҷиди ҷомеъ бино карданд андар соли саду панҷоҳу чаҳор (770—771).[191] Андар масҷиди ҷомеи ҳисор намози одина гузориданд. Ва чун масҷиди ҷомеъ фарсуда ва масҷиди ҷомеи ҳисор маътал шуд ва девони хироҷ шуд ва хеч касро дар имората масҷиди бузург он асар набуд, ки Фазл бинни Яҳьё Бармакиро ва вай бисьёр мол харҷ кард. Ва баъд аз он, ҳар касе зиёдат мекарданд то ба рӯзгори амир Исмоили Сомонӣ, раҳматуллоҳ. Вай бисьёр хонаҳо харид ва ба миқдори сулсе аз масҷиди ҷомеъ зиёдате кард. Ва нахустин касе, ки моҳи Рамазон ба масҷидҳо қандилҳо фармуд, ин Фазл бинни Яҳьё Бармакӣ буд.

Ҳ и к о я т. Овардаанд, ки ба рӯзгори амири Саид Наср бинни Аҳмад бинни Исмоил андар моҳи Рамазон рӯзи одина буд ба вақте ки мардум дар масҷиди ҷомеъ даршуда буданд масҷид боякбор фурӯъ рафт ва халқи бисьёр дар вай ҳалок

шуданд. Ва дар ҷумлаи шаҳр тазъият шуд. Ва баъзеро берун оварданд ва ҳанӯз дам мезаданд ва соате будӣ бимурдандӣ. Ва баъзе даст ва пой шикаста буданд. Дар ҷумлаи шаҳр халқи бисьёр халок шуданд, чунон, ки баъди он шаҳри Бухоро холӣ монд. Ва боз мардумони шаҳр истодагӣ карданд ва пайвастагони султон ҳар касе ёрӣ доданд. Ва Абӯ... Қозӣ,[192] *раҳматуллоҳ, қиём карда буд он шуғлро, то ба як сол тамом* шуд. Бори дигар боз соли дигар вайрон шуд, ҳарду ҷониби қибла фурӯъ рафт, валекин мардумон он ҷо набуданд. Боз ободон карданд ва дар муддати панҷ сол манораро Абуубайдуллоҳ ал-Ҷайҳонӣ[193] баровард аз холис моли хеш андар
60 соли сесаду шаш (918—919) // ва ӯ вазири султон буд бадон таърих. Ва ин масҷиди ҷомеъ пайвастаи ҳисор буд, то охири аҳди[194] Иброҳим Тамгочхон ӯ ба мулк биншаст.

Тамгочхонро писари дигар буд Шамсулмулк Наср бинни Иброҳим, ӯ қасди Бухоро кард. Сайфас ҳисори Бухоро устувор кард.[195] Шамсулмулк бар дари ҳисори Бухоро ҷанг кард. Аз манораи масҷиди ҷомеъ ба ҳисор тир андохтанд ва аҳли ҳисорро аз он ранҷ буд. Шамсулмулк фармуд то аз ҳисор оташ андохтанд ва сари манора аз чӯб буд, бисӯхт ва сӯхтаҳо ба масҷиди ҷомеъ фуруд омад ва масҷиди ҷомеъ низ бисӯхт. Чун малик Шамсулмулк ҳисорро бигрифт ва мулки Бухоро ӯро мусаллам шуд, фармуд, то масҷиди ҷомеъ боз бино карданд. Андар миёни ҳисор ва миёни масҷиди ҷомеъ хандақ фармуд канданд ва сари манораро аз хишти пухта сохтанд мақсура. Ва он сарой, ки мақсура дар ӯст, аз ҳисор дуртар фармуд. Ва хоҷагон ва тавонгарон ҳар касе ёрӣ доданд то ин иморат тамом шуд. Ва ин сӯхтани масҷиди ҷомеъ ба соли чаҳорсаду шаст (1067—1068) буд ва дар соли чаҳорсаду шасту як (1068—1069) буд, ки тамом шуд.

Мухамад бинни Абубакр гӯяд: ки «Аз сиқот шунавидам, ки ин мақсура ва минбар ва меҳроб, ки дар Бухорост малик Шамсулмулк фармуд то ба Самарканд тарошиданд ва мунаққаш карданд ва ба Бухоро оварданд». Ва ин масҷид бадин сифат мебуд то ба рӯзгори Арслонхон Муҳаммад бинни Сулаймон. Ӯ фармуд то масҷиди ҷомеъ аз ҳисор дуртар карданд, то халале падид наёяд, чунон ки ба вақти Шамсулмулк. Ва Арслонхон дар шористон хонаҳои бисьёр харид ва
61 аз масҷиди ҷомеъ он ҷӣ // ба ҳисор наздиктар буд фармуд ниҳоданд. Ва манора ба наздики ҳисор бифармуд то он манора аз он ҷо барканданд ва ба шористон фармуд ниҳоданд, чунон ки мисли ӯ дар ҳеҷ ҷой набудӣ дар ғояти такаллуф ва

некӯӣ. Ва чун тамом шуд ва сари вай ниҳоданд ва андаке монд то тамом шавад чашм расид ва манора фурӯ афтод (ва) дар масҷиди ҷомеъ зад, миқдори сулсе аз масҷид фурӯ рафт ва чӯбҳои наққошӣ ва дуредгарӣ карда ҳама бишкаст. Дигарбора Арслонхон фармуд, то манора баровара-нд ва такаллуф дар устувории ӯ карданд ва сари вай аз хишти пухта карданд ва ҷумла аз моли холиси худ кард. Ва он масҷиди ҷомеъ, ки Арслонхон фармуд дар пансаду понздаҳ (1121—1122) буд.

Дар ҷумлаи масҷид панҷ миёнсарой аст ва ин ду, ки ба шористон аст бо манора кардаи Арслонхон аст ва он сарои бузург ва мақсура кардаи Шамсулмулк аст. Ва дар миёни инҳо ду миёнсарой аст аз қадим. Он, ки ба наздики ҳисор аст аз бақияти амир Исмоили Сомонӣ аст, раҳматуллоҳ, андар соли дувисту навад (902—903) кардааст. Ва он дигар, ки ба ҷониби сарои амири Хуросон аст кардаи амири ҳамид Нӯҳ бинни Наср бинни (Аҳмад бинни) Исмоили Сомонӣ аст ба соли сесаду чиҳил (951—952), аз ҳиҷрати нубувия ...

## ЗИКРИ НАМОЗГОҲИ ИД

Чун Қутайба бинни Муслим масҷиди ҷомеъ бино кард андаруни ҳисор буд, аз андаруни шаҳр ва он ҳаволиро регистон мехонанд, он мавзеъро намозгоҳи ид кард. Ва мусулмононро берун овард то намози ид карданд. Ва мардумонро фармуд //, то силоҳ бо худ берун оваранд, ба сабаби
62 он, ки ислом ҳанӯз нав буд ва мусулмонон аз кофирон эмин набуданд. Ва имрӯз суннат мондааст, то ҳар, ки аҳли силоҳ бошанд бо хештан, берун оранд. Ва он дарвозаро дарвозаи сарои Муъбад хонанд. Ва ин Муъбад ул-Хайл амири Бухоро будааст ва бадин намозгоҳ солҳои бисьёр намози ид гузоридаанд, намеғунҷидаанд. Амири садид Мансур бинни Нӯҳ бинни Наср[196] бар роҳи Самтин ҳоитхо ва боғҳои бонузҳат бихарид ба қимати бисьёр ва моли бисьёр дар он харҷ карда, онро намозгоҳи ид сохт ва минбар ва меҳроби некӯ фармуд ва милҳое фармуд сохтанд, то мукаббирон бар он милҳо такбир гӯянд, то мардумон бишнаванд. Ва аз мавзеи намозгоҳ то ба дари ҳисори Бухоро миқдори ним фарсанг будӣ, ҳама пурмардум будӣ. Ва солҳои бисьёр намози ид он ҷо карданд ва ин таърих соли сесаду шаст буд (970—971). Он намозгоҳ то ба рӯзгори Арслонхон буд. Арслонхон фармуд,

то намозгоҳ ба наздики шаҳр карданд, то мардумонро ранҷ набошад ва агар вақте душмане қасди шаҳр кунад мардумони шаҳр ғоиб набошанд.

Ба дарвозаи Иброҳим боғе буд мар подшоҳонро, ки онро Шамсобод хондандӣ, боғ вайрон шуда буд, ки дар вай кашоварзӣ кардандӣ. Ва хоқони турк[197] фармуд, то он ҳамаро барбаст карданд ва деворҳои баланд бар ӯ заданд ва минбар ва меҳроб сохтанд аз хишти напухта. Дар вай милҳои мукаббирон сохтанд ва онро дар соли пансаду сездаҳ буд (1120) аз ҳиҷрати нубувия ...

## ЗИКРИ ҚИСМ КАРДАНИ ШАҲРИ БУХОРО ДАР МИЁНИ АРАБ ВА АҶАМ

63 //Муҳаммад бинни Ҷаъфар аз Ҳотим ал-Фақеҳ ривоят кунад, ки чун Қутайба бори чаҳорум ба Бухоро омад ва Бухороро бигирифт ва сулҳ кард бадон, ки ҳар сол дувист ҳазор дирам халифаро диҳанд ва даҳҳазор дирам амири Хуросонро ва аз хонаҳо ва зиёъҳо як нима ба мусулмонон диҳанд ва алафи сутурони араб ва ҳезум ва он чӣ харҷ гардад. Касоне, ки аз беруни шаҳр бошанд ҳам диҳанд. Ва андар шаҳр кӯшкҳо буд ва баъзе маҳалатҳо пароканда, дур аз якдигар бошанд.

Чун русто ва шаҳристонро ҳафт дарвоза будааст; дари аввалро дари Бозор гуфтаанд, ки он рӯз ба ҳеҷ дарвоза ба наздики шаҳр бозор набудааст магар бар ин дарвоза ва мо дари Атторон мехонем. Пас Қутайба қисмат кард шаҳристонро аз он ҷо, ки аз дари Атторон андароӣ, то ба дари Ҳисор ва аз он ҷо то ба дари Нун мар рабиъа ва музарро дода буд ва боқи аҳли Ямапро. Ва чун ба шаҳристон андарои нахустин кӯе, ки ба дасти чап аст, онро кӯи Риндон[198] хонанд ва аз паси он калисои тарсоён будааст ва он ҷо масҷиде аст ва он масҷидро масҷиди бани Ҳанзала хонанд.

Ва чун аз дари шаҳр(истон) андарои ба дасти рост кӯе аст, ки онро кӯи Вазир бинни Аюб бинни Ҳассон хонанд ва он куйро кӯи Қох низ хонанд. Ва ин Вазир бинни Аюб сарҳанге будааст, аз сарҳангони Қутайба ва падараш Аюб амири Бухоро будааст. Аввал касе, ки дар ислом дар Бухоро амир шудааст аз дасти Қутайба бинни Муслим ӯ будааст. Ва пайваста амирони Бухоро дар ин кӯи Қох будаанд ва он ҷо
64 сарое будааст алоҳида аз баҳри амирони Бухоро//Ва деҳко-

не будааст, ки ӯро Хина ном ва чун ислом овард Аҳмад ном гашт ва ин куи Қох ҷумла уро будааст ва дар ин кӯй кохе будааст мар ин деҳқонро ва амирони Бухоро пайваста дар ин кох будандӣ. Ва баъди у ин кох аз дасти худованди ӯ берун шуда буд.

Соли саду панҷоҳ (767—768) варасаи ин деҳқон Кадраи Хина ном пеши Абуҷаъфар Давопакӣ,[199] ки халифа буд, даъво карданд ин кохро ва қабола берун оварданд, ҳадди аввали ӯ бораи шаҳристон пайвастаи Ҷубаи Баққолон, ҳадди дуввум ҳам бораи шаҳристон, ки пайвастаи бозори писташирканон аст; ҳадди сейум роҳи рост, ки аз дари Нун барои то миёни шористон, аз дари Атторон то ба дари Нун ҷумла як маҳалатаст, ки рубъи шаҳристон аст дар ин қабола ёд карда будаанд. Ва як ҳазор дукон андар ин шаҳри Бухоро ва хафтоду панҷ пора деҳаи хос ба руди Бухоро ва Фаровези Улъё, ки ба рузгори ислом шуда буд, ин ҷумларо пеши халифа даъво карданд ва қаболаҳо арза доштанд ва гувоҳон гувоҳӣ доданд. Халифа фармуд, то сиҷил карданд ва ба Бухоро оварданд ва ҷумларо боз гирифтанд. Боз баъди он фарзандони ишон пора-пора ба ҳар кас фурӯхтанд, то пароканда гашт дар дасти мардумон. Ва чун аз дари Атторон бигзарӣ дари Бани Саъд оянд ва масҷиди Бани Саъд. Ва Ҳасан бинни Алои Сугдӣ марде бузург будааст, ва ӯро кӯшке дар шористон бағоят олӣ будааст, чунон ки ҳеҷ подшоҳро набудааст мисли он. Ва куи Алоъ ба дарвозаи Алоъ бино кардааст ва ин ҳазира у сохтааст. Ва ҳар моҳе ӯро як хазору дувист динор аз ин ҳазира ғалла ба ҳосил омадааст. Ва
65 андар шористон мустагалҳо доштааст//.

Ҳ и к о я т. Ба рӯзгори Ҳасан[200] бинни Тоҳир, ки амири Хуросон буд, ӯро вазире буд номи ӯ Ҳафс бинни Ҳошим. Ӯ тамаъ кард, ки ин амлокро аз ишон бихарад ва нафурӯхтанд, бадон сабаб банд кард ва уқубати бисьёр кард. Ва ҳар ҳафта ба як бор ишонро ба наздики хеш хондӣ ва харидори кардӣ. Чун нафурӯхтандӣ боз ба зиндон фиристодӣ ва уқубат зиёдат фармудӣ, то понздаҳ сол барин баромад. Ва ишон уқубат ва ранҷи бисьёр мекашиданд ва амлоки хеш намефурӯхтанд. Рӯзе Ҳафс бинни Ҳошим ишонро бихонд ва гуфт: «Рӯзгоре дароз гашт, то шумо дар уқубат мондаед охир чӣ чизро меёбед?».

Ҳасан бинни Алоъ гуфт: «Яке аз се корро меёбам; ё он ки ту бимирӣ, ё худовандгори ту бимирад, ё мо бимирем!».

Ҳафс фармуд, то он рӯз банду уқибат зиёдат карданд. Аз

ин сухан як моҳ барнаёмада буд, ки амири Хуросон бимурд ва ғавғо бархост ва зиндон бишкастанд ва Ҳафс бинни Ҳошим бигрехт ва сарон ӯро ғорат карданд. Ва Ҳафс ҳамчунон мутавори[201] буди, ки бимурд ва Ҳасан бинни Алоъ бо бародарони хеш ба Бухоро боз омаданд.

Чун аз дари Бани Саъд бигзари дари Бани Асад аст. Ва ин дарро дар ҷоҳилият дари Муҳра хондаанд. Ва чун аз он дар беруне ой ва ба поён фурудои, сарои амири Хуросон аст.

Ва дарвозаи дигарро дари Габрия[202] хондаанд аз баҳри он, ки чун аз дарвоза берун ои ҳисор дар пеш бошад. Ва имрӯз он маҳалла вайрон шудааст ва он маҳалларо Фағсодраҳ мехонанд. Ва акнун он ҷойгаҳ гуристонҳо шудааст.
66 Ва хонаҳои араб бештар ба он//дарвоза будааст. Ва он дарвоза устувортарини дарвозаҳост ва камари бузург дорад ва дарозии он миқдори шаст гом аст. Ва зери он камар хонаҳои бисьёр аст. Ва ин иморатро амире кардааст, ки номи ӯ Суноштегин[203] аст ва ҳам бадин мавзеъ гурхонаи уст.

Ва дарвозаи дигарро дари Ҳақраҳ аст. Ва Хоҷа имом Абуҳафси Қабири Бухорой,[204] раҳматуллоҳи алайҳ, бадон маҳалла мебудаанд. Ва ишон аз Бухоро ба Бағдод рафта ва шогирдии имом Муҳаммад Ҳусайни Шайбонӣ,[205] раҳматуллоҳ, карда. Ва мисли вай касе дар вилоят набуда. Ва вай аз ҷумлаи матохирини бухорост, ҳам зоҳид буд, ҳам олим ва Бухоро ба сабаби вай Қубатулислом шудааст. Ва сабаб он, ки аҳли Бухоро бо илм шуданд ва илм дар вай фош шуд ва аимма[206] ва уламо муҳтарам гаштанд сабаб ӯ шудааст.

Ва писари ӯ Абуабдуллоҳро[207] илм бадон дараҷа будааст, ки чун қофила аз ҳаҷ гаштӣ уламои ишон ба наздики Хоҷа имом Абуҳафс омаданди ва аз ӯ масъалае пурсиданди ӯ гуфти: «Аз Ироқ меой, ҷаро аз уламои Ироқ напурсидӣ?».

Гуфтӣ: «Дар ин масъала бо уламои Ироқ мунозира кардам, ишон ҷавоб натавонистанд гуфтан ва маро ғуфтанд: «чун ба Бухоро расӣ ин масъаларо аз Хоҷаимом Абуҳафси Бухорой пурс, ё аз фарзандони ишон бипурсед онгоҳ вай ин масъаларо ҷавоби босавоб гуфтӣ».

Ва Хоҷа Абуҳафс ҳар шабонарӯзе ду бор хатми Қуръон кардӣ бо он, ки мардумонро илм омухтӣ Ва чун заиф ва пир шуд як бор хатм кардӣ ва чун заифтар шуд нимае аз Қуръ-
67 он бархондӣ, то аз дуньё бирафт...//

Ҳикоят. Овардаанд, ки Яҳьё бинни Наср гуфт: «Ба

наздики Хоча Абӯҳафс будам намози бомдод гузорида буд ва руй ба қибла нишаста ва чизе мехонд, чун офтоб баромад сипас нигарист, қавм ҳозир нашуда буданд то илм гуфтӣ. Бархост ва чаҳор ракъат намоз гузорид ва суратулбакарат ва ол-умрон ва суратуннисоъ ва суратулмоидатун бархонд андар ин чаҳор ракъат намоз. Ва чун салом дод ҳанӯз қавм ҳозир нашуда буд, бархост ва дувоздаҳ ракъат намоз бигузорид ва то суратулраъд хонд».

Муҳаммад бинни Толути Ҳамадонӣ аз «Фазл ул-хитоб»[208] ривоят кардаанд, ки ба Бухоро амире будааст, номи ӯ Муҳаммад Толут, рӯзе Хашвияро, ки вазири ӯ буд гуфт: «Мебояд, ки ба зиёрати Хоча имом Абӯҳафс равем ва ӯро дарьёбем», Ва ин Хашвия аз муҳимтарини Бухоро буд ва мӯҳташам.

Хашвия гуфт: «Туро наздики ӯ нашояд рафтан ва чун ту ба наздики ӯ даррави пеши ӯ сухан натвонӣ гуфт аз ҳайбати ӯ».

Гуфт: «Ҳар оина биравам».

Пас бо вазир ба наздики Хоча имом Абӯҳафс рафт. Ва ишон дар масчид буданд ва намоз мегузориданд. Баъд аз намози пешин чун салом доданд вазир[209] андаромад ва гуфт:

«Амир омадааст дастуре ҳаст то дарояд?».

Гуфт: «Ҳаст» ва рӯй ба қибла нишаста буд ва амир андаромад ва салом кард ва биншаст ва ҳеч сухан натвонист гуфтан.

Хоча, раҳматуллоҳи алайхи гуфт. «Чӣ ҳочат дорӣ?».

Ҳарчанд чаҳд кард, ки сухан гӯяд (ҳеч) натавонист гуфтан.

Чун амир Ҳашвияро дид гуфт: «Хоча Абӯҳафсро, чигуна ёфтӣ?».

Гуфт: «Ҳамчунон, ки ту гуфтӣ, ҳайрон фурӯъ мондам. Чанд бор ба наздики халифа рафтам ва бо халифа сухан
68 гуфтам,//маро муҳобати халифа аз он сухан боз надошт ва ин чо аз ҳайбати ишон сухан натвонистам гуфтан».

Ривоят кардаанд аз Мухаммад бинни Салом Байкандӣ, ки вай бозӯҳд ва боилм буд, гуфт,ки «ба хоб дидам расулро... ба Бухоро дар бозори Харқон. Ва бозори Харкон аз сари кӯи Муғон то кӯи Деҳқонон, онро дар қадим бозори Харқон хондаанд, гуфт: «Расулро дидам дар ҳамон шутуре, ки дар хабар омадааст, нишаста ва кулоҳи сафед бар сар ниҳода ва халқе анбӯҳ ба пеши ӯ истода ва шодӣ мекарданд ба омадани расул... ва мегуфтанд, расулро... ба кучо фуруд

орем ва онгоҳ ба хонаи Хоҷа имом Абӯҳафс, раҳматуллоҳу алайҳи, фуруд оварданд. Хоҷа Абӯҳафсро дидам пеши расул... нишаста ва китоб мехонад ба муддати се рӯз. Расул... ба хонаи Хоҷа Абӯҳафс бошиданд ва ӯ китоб мехонд ва расул... мешунавид ва дар ин се рӯз хеҷ бар вай рад накард ва ҳама савоб дошт».

Ва имрӯз сарои Хоҷа Абӯҳафс, раҳматуллоҳи алайҳи намондааст. Ҳарчанд, ки мардум он ҷо иморат карданд, лекин осори вай мондааст ва савмаа[210] низ андар он хона барҷой аст ва он мустаҷобуддаъват аст. Ва вафоти ӯ ба таърихи дувисту ҳафтдаҳ будааст (832). Ва хоки ӯ ба Дарвозаи Нав маъруф аст, ҷои дуои мустаҷоб аст. Ва он талро тали Хоҷа имом Абӯҳафс хонанд ва он ҷо масҷидҳо ва савмааҳост ва пайваста муҷовирон мебошанд. Ва мардумон бадон хок табаррук кунанд ва он мавзеъро дари Ҳақраҳ бадон мехонанд, ки мардумони фатво он ҷо бурдандӣ, наздики Хоҷа Абӯҳафс, раҳматуллоҳи алайҳи ва фатворо ҳақ хонанд хон-
9 даанд ва аз ин//ҷиҳат ҳақраҳро ҳақ[211] хостаанд.

Ва дарвозаи ҳафтумро дари Нав мехонанд бо ин маънӣ, ки дар охири дарҳои шористон аст. Ва чун бадин дар андаройӣ ба дасти рост масҷиди қурайшиён аст, ки ба наздики сарои Хоҷа Абӯҳафс аст. Ва инро масҷиди қурайшиён бадон мехонанд, ки Муқотил бинни Сулаймон ал-Қурайшӣ он ҷо бошидааст. Ва ин Муқотил мавлои Ҳайён аст ва Ҳайён мавлои Талҳат бинни Ҳабират-ул-Шайбонӣ буда аст.

Ва ин Ҳайён марди бузург будааст ва боқадр. Ба Хуросон рафта ва сулҳ карда миёни Қутайба ва Тархун, малики Суғд, ба вақте ки Қутайбаро кофирон дар миён гирифта буданд ба дари Бухоро. Ва боз ҳамин Ҳайён ба Фарғона лашкар баргумошт то Қутайбаро куштанд[212] ва Ҳавзи Ҳайён ба вай боз мехонанд. Ва хоки Қутайба ба Фарғона маъруф аст дар ноҳияти Работи Сарханг дар деҳе ки онро Кох хонанд, осуда аст. Ва аз вилоятҳо пайваста он ҷо раванд ба зиёрат. Ва панҷоҳу панҷ сол буд, ки шаҳодат ёфт...

## ЗИКРИ ОЛИ СОМОН ВА НАСАБИ ИШОН

Чун Асад бинни Абдуллоҳ ал-Кушайри[213] амири Хуросон
0 шуд ва ба Хуросон омад//ва ҳамон ҷо буд то аз дунёъ бирафт, дар соли саду шасту шаш (782—783). Ва овардаанд, ки марди некӯкор буд ва ҷавонмард. Ва дили ӯ бадон ҷо-

ниб нигарон, ки хонадонҳои бузурги қадимро тимор карди ва мардумони асилро неку дошти ҳам аз араб ва ҳам аз аҷам. Ва чун Сомонхудот,[214] ки ҷаддаи ишон буд, аз Балх бигрехт ва ба наздики вай омад ба Марв, варо икроми кард ва ҳимоят кард ва душманони уро қаҳр кард ва Балхро боз ба вай дод. Сомонхудот ба дасти вай имон овард. Ва уро Сомонхудот бадон сабаб хонанд, ки деҳе бино кардааст ва онро Сомон[215] ном кардааст, уро ба он ном хондаанд, чунон ки амири Бухороро Бухорхудот. Чун Сомонхудотро писаре омад аз дусти у писарро Асад ном кард. Ва ин Асад ҷадди амири мозӣ, амир Исмоили Сомони аст, раҳматуллоҳи алайҳи, Исмоил бинни Асад бинни Сомонхудот ва Сомонхудот аз фарзандони Баҳроми Чубин[216] малик будааст ва аз он гоҳ боз боргоҳи сомониён ҳарруз баландтар аст, то расид он ҷо, ки расид.

Аҳмад бинни Муҳаммад бинни Наср гуяд, ки Муҳаммад бинни Ҷаъфар ривоят кардааст андар китоб аз Муҳаммад бинни Солеҳ ал-Лайсӣ ва Абулҳасан Майдони,[217] ки ба рузгори Асад бинни Абдуллоҳ ал-Қушайри марде берун омад ва аҳли Бухороро ба имон хонд ва аҳли Бухоро бештар аҳли зимма[218] буданд ва ҷузъия медоданд. Қавме иҷобат карданд ва мусулмон шуданд, малики Бухоро Тағшода буд вайро хашм омад аз баҳри он, ки дар сар кофир буд. У ба амири Хуросон Асад бинни Абдуллоҳ нома навишт, ки «ба Бу-
71 хоро марде падид омадааст ва//вилоят бар мо шурида медорад ва қавмеро ба хилофи мо берун овардааст ва мегуянд ки ислом овардем ва дуруғ мегуянд. Ислом ба забон овардаанд ва ба дил ба ҳамон кори хеш машғуланд. Ва бадин баҳона вилоят ва мулк шурида медоранд ва хироҷ мешикананд». Бадин сабаб Асад бинни Абдуллоҳ нома кард ба уммоли[219] хеш Шарик бинни Ҳарис ва уро фармуд, ки он қавмро бигирад ва ба малики Бухоро таслим намояд, то ҳарчӣ хоҳад бикунад.

Овардаанд, ки он қавм дар масҷид будаанд, ҷумла бо овози баланд мегуфтанд: «аҳшадан ло илоҳа иллавло ва аҳшадан Муҳаммадан[220] абдуҳу ва расулуҳу» ва фарьёд мекарданд, ки «Во Муҳаммадо! Ва во Аҳмадо!». Ва Тағшода Бухорхудот ишонро гардан мезад ва ҳеҷ касро заҳра набудӣ, ки сухан гуяд ё шифоат кунад, то чаҳорсад танро гардан зад ва ба дор кард ва боқиро барда кард ба номи Асад бинни Абдуллоҳ ва ба наздики у фиристод ба Хуросон. Ва ҳеҷ кас аз ин қавм аз ислом барнагашт ва ҳар ки монд бар

ислом монд. Ва ин қавмро Асад бинин Абдуллох аз ислом боз надошт. Ва чун Тағшода Бухорхудот бимурд он қавм ба Бухоро боз омаданд ва аллоҳу аълам!

## ЗИКРИ НАСР САЙЁР[221] ВА МАҚТАЛИ[222] ТАҒШОДА

Дар ҳамин соли саду шасту шаш/782--783/ буд, ки Асад бинни Абдуллоҳ бимурд ва Ҳушом бинни Абдулмалик бинни Марвон.[223] Наср Сайёрро ба Хуросон амир гардонид ва маншури Хуросон ба вай фиристод. Чун у ба Мовароуннаҳр
2 омад ва бо туркон//ғазот кард ва Фарғонаро бикушод ва ишонро пароканда кард ва ба Самарқанд боз омад. Чун ба Самарқанд расид Тағшода Бухорхудот ба наздики ӯ рафт ва Наср ӯро киромӣ кард ва ҳурмат доштӣ, ки духтари ӯро хоста буд. Тағшода зиёи Ульёи Хунбун, ки Қораки Аловиён гӯянд ба вай дода буд. Чун Тағшода ба наздики Наср Сайёр омад, Наср Сайёр бар дари сарои худ нишаста буд, ва моҳи Рамазон буд ва вақти офтоб фурӯъ шудан. Ва Наср Сайёр бо Тағшода Бухорхудот сухан мегуфт, ки ду деҳқон аз Бухоро биёмаданд, ҳарду аз хешони Бухорхудот буданд ва ҳарду бар дасти Наср Сайёр ислом оварда буданд ва бузургзодагон буданд. Ҳарду дар пеши Наср Сайёр аз Бухорхудот тазаллум[224] карданд ва ғуфтанд, ки Бухорхудот деҳаҳои моро ғасб кардааст. Ва амири Бухоро Восил бинни Амр он ҷо ҳозир буд, аз вай низ дод хостанд ва гуфтанд: «Ин ҳарду даст яке кардаанд ва мулкҳои мардумон мегиранд». Ва Тағшода бо Наср Сайёр нарм-нарм сухан мегуфт. Ишон гумон бурданд, ки Тағшода аз Наср Сайёр дармехоҳад то ишонро бикушад. Ишон азм карданд ва гуфтанд бо якдигар ки: «Бухорхудот чун моро хоҳад куштан боре дили худ хуш кунем».

Тағшода ғуфт, бо Наср Сайёр, ки: «Ин ҳарду тан бар дасти ту имон овардаанд, эй амир, бар миёни ишон ханҷарҳо чаростʼ?».

Наср Сайёр гуфт, эшонро ки: «Ин ханҷарҳо чаро бар миён медоред?».

Ишон гуфтанд: «Миёни мо ва миёни Бухорхудот адоватаст, мо хештан бар вай эмин намедорем».

Наср Сайёр Ҳорун бинни Сиёвушро фармуд, то ханҷарҳоро аз миёни ишон бикшод ва амир бар ишон рӯй турш

73 шуд. Он ҳарду деҳқон дуртар//шуданд ва тадбири куштани ишон карданд. Наср Сайёр ба намоз бархост ва иқомат кард ва имомӣ кард ва намоз бигзорид. Ва Бухорхудот бар курсие нишаста буд, намоз нагузорид, аз он ки ҳанӯз кофир буд, дар сар. Чун Наср Сайёр аз намоз фориғ шуд, ба саропарда андаромад ва Тағшодаро бихонд. Ва Тағшодаро бар дари сарой пой андар лағзид ва биафтод. Яке аз он ду деҳқон бидавид ва корде бизад, бар шиками Бухорхудот ва шиками ӯро бидарронид. Ва он дигар ба Восил андаррасид ва вай ҳанӯз андар намоз буд, дашна андар шиками Восил зад. Восил чун ӯро бидид, тез шамшер бизад ва сари он деҳқонро биандохт ва ҳарду ба як бор мурданд. Ва он, ки Бухорхудотро корд зада буд Наср Сайёр фармуд, то ӯро бикуштанд, дарҳол. Бухорхудотро ба саропарда бурданд ва Наср Сайёр ӯро бар болини худ биншонд ва такья дод ва кориҳа табибро бихонд ва фармуд то муоличати ӯ кунад. Ва Бухорхудот васият мекард ва як соат буд бимурд.[225] Чокарони ӯ даромаданд ва гушт аз вай чудо карданд ва устухонҳои ӯро ба Бухоро оварданд. Вай сивуду сол шодшоҳ буд.[226] Наср Сайёр бар Восил бинни Амр намоз карда андар саропардаи хеш гур кардаш. Ва Бишр бинни Тағшодаро ба бухорхудоятӣ нишонд ва Холид бинни Чунайдро ба Бухоро ба амирӣ нишонд. Ва аллоҳу аълам.

## ЗИКРИ ШАРИК БИННИ ШАЙХ АЛ-МАҲРӢ[227]

Марде буд аз араб, ба Бухоро бошида ва марди мубо-
74 риз буд ва мазҳаби шиа//доштӣ ва мардумонро даъват кардӣ ба хилофати фарзандони амирламӯъминин Алӣ,[228] ...Ва гуфтӣ мо аз ранчи Марвониён[229] кунун халос ёфтем, моро ранчи оли Аббос[230] намебояд. Фарзандони пайғамбар бояд, ки халифаи пайғамбар бувад. Халқе азим ба вай гирд омаданд ва амири Бухоро Абулчаббор Шуайб буд ва бо вай байат кард ва амири Хоразм Абдулмалик бинни Ҳарсама бо вай байат кард ва иттифоқ карданд ва амири Барзам[231] Мухаллад бинни Ҳусайн бо вай байат кард ва иттифоқ карданд ва пазируфтанд, ки ин даъватро ошкоро кунем ва ҳар кас, ки пеш ояд бо ӯ ҳарб кунем. Ин хабар ба Абӯмуслим[232] расид ӯ Зиёд бинни Солеҳро бо даҳ ҳазор мард ба Бухоро фиристод ва бифармуд, ки чун ба Омуй расӣ сабр кунӣ ва чосусон бифиристӣ, то аз аҳволи Шарик хоричӣ ха-

бар диҳанд ва бо эҳтиёт ба Бухоро равӣ. Ва Абӯмуслим, раҳматуллоҳ, аз Марв берун омад ва аз роҳи Омуй[233] ба як манзил ба Кашмиз[234] лашкаргоҳ зад ва аз ҳар ҷониб лашкари худ гирд карда Зиёд бинни Солеҳро гуфт: «Ман онҷоям агар туро лашкар ҳоҷат бошад хабар деҳ то бифиристам».

Зиёд ба Бухоро омад ва лашкаргоҳ зад. Ва Шарик бинни Шайх бо лашкаре азим бар дари Бухоро лашкаргоҳ зад ва ҷумлаи аҳли Бухоро бо вай иттифоқ карданд, ба ҳарби Зиёд бинни Солеҳ ва Абӯмуслим. Ва муддати сию ҳафт рӯз ҳарб карданд. Ва ҳеҷ рӯз набуд, илло зафар мар ин Шайхро будӣ ва ҳар рӯз бисьёре аз лашкари Зиёд бинни Солеҳ кушта шудӣ ва асар гаштӣ, то Сулаймон Қурайшӣ, мавлои Ҳайён Набатӣ ,бо пансад мард ба дари шаҳр рафт. Ҳамзат ул-Ҳамадонӣ аз шаҳри Бухоро берун омад дар муқобилаи ӯ. Ва Сулаймон чаҳорсад мард дар камин ниҳода буд ва худ бо сад мард пеши ҳарби Ҳамзат-ул-Ҳамадонӣ омада. Ҳамзат//пиндошт, ки мардаш ҳамин қадар беш нест, пештар омад ва ҳарб кард. Ва он чаҳорсад мард аз камин берун омаданд ва халқе бисьёрро ҳалок карданд ва боқӣ ба шаҳр андар бигрехтанд. Ва Қутайба бинни Тағшода Бухорхудот бо даҳ ҳазор мард биёмад ва аломати сипоҳ[235] ошкоро кард ва бо Зиёд бинни Солеҳ ҷанг дар пайваст. Ва бифармуд то дари кӯшкҳо бикшоданд. Ва бар дари шаҳри Бухоро ҳафтсад кӯшк буд. Аҳли кӯшкҳоро бифармуд то аломати сипоҳ ошкоро карданд. Ва дар ин кӯшкҳо мардум беш аз он буданд ки дар шаҳр, валекин дар шаҳр буд бо аҳли шаҳр[236] ва дар кӯшкҳо аз араб кас набуд. Ва Бухорхудот бифармуд аҳли русто ва аҳли кӯшкҳоро бо лашкари Шарик дарҳо баста доранд ва таом ва алаф надиҳанд ва фармуд то таом ва алаф ба лашкаргоҳи Зиёд баранд.

Ва ба ҳар тарике кор бар лашкари Шарик сахт карданд, то лашкар ба танг андармонданд ва гурусна шуданд ва сутурони ишон алаф наёфтанд ва аз кор фурӯ монданд. Тадбир карданд, иттифоқ бар он афтод, ки бар дари дарвозаи шаҳр наздиктар раванд, то аз шаҳр таом ва алаф берун оранд ва шаҳрро паси пушт кунанд ва руй сӯи хасм кунанд ва аз шаҳр низ лашкари дигар бо ишон ёр шавад. Валекин ба рӯз натавонистанд рафтан аз баҳри он, ки лашкаргоҳи Зиёд ва Бухорхудот бар роҳ буд. Ба шаб рафтанд, то расиданд ба як фарсанги шаҳр, Зиёд хабар ёфт берун омад ва роҳ бар ишон бигрифт. Ва ҳам ҳарб дарбанд карданд сахт. Ва хазимат бар лашкари Зиёд ва Бухорхудот афтод.

Бухорхудот гуфт: «Савоб он аст, ки бар соқаи лашкар
занем, ки агар мо пеши ишон берун оем ҷоеро бизананд ва
кор бар мо душвор шавад. Ва чун бар соқа занем муқадди-
76 маи ишон хешро ба шаҳр афканда бошад ба таъҷил//бозгар-
данд ва ба ҳарб боистанд ва маслиҳати мо бароянд».

Пас ҳамчунин карданд ва бимонданд то баъзе бирафтанд, онгоҳ бар соқа заданд ва ҳарб даргирифтанд ва ҳарб мекарданд ва мерафтанд, то ба Навканда расиданд.

Бухорхудот Зиёд бинни Солеҳро гуфт, ки: «Ин қавм гурӯснаанд ва имсол ишон ангур ва харбуза надидаанд ва нахӯрдаанд. Чун ба Навканда расанд бимонем, то ишон хештанро ба ангур ва харбуза машғул кунанд ва муқаддимаи ишон ба шаҳр расида буд онгоҳ бар ишон занем».

Чун ба Навканда расиданд пароканда шуданд ба талаби ангур ва харбуза ва мева. Ва муқаддима ба шаҳр расида буданд, онгоҳ Бухорхудот ва Зиёд бар ишон заданд ва ҳамла карданд ва халқе азимро бикуштанд ва боқӣ баҳазимат шуданд. Ва дар ин миён Шарик бинни Шайх, ки соҳибуддаъваи он қавм буд, аз асб биафтод ва кушта шуд.

Ва Зиёд бинни Солеҳ ба дари Моҳ, ки ҳоло масҷиди Мағок хонанд, фуруд омад, андар лаби руд ва бифармуд то оташ андар шаҳр заданд ва се шабонаруз шаҳр бисухт. Ва мунодо фармуд, ки «Ҳар кӣ берун ояд ӯро амон диҳанд». Ва Зиёд лашкарро аз шаҳр дуртар монда буд, ки ишон берун оянд. Ва писари Шарик ва яке аз калонтарони лашкараш дар ин шаб бар дари шаҳр расиданд, ҳар дуро бигирифтанд ва ба наздики Зиёд бурданд, фармуд то ҳардуро бар дор карданд. Ва дигар бор мардуми шаҳр баддил гаштанд ва бадин мунодо берун наёмаданд.

Аз баъди се рӯз Зиёд ба дари шаҳр омад ва ба кӯшки
Бухорхудот, ки бар дари Ҳисор буд, ба Регистон фуруд
омад ва фармуд, то лашкар ба дари шаҳр рафтанд ва боз
ҳарб дарпайвастанд ва ҳарб мекарданд ва такбир мегуф-
танд, чунон ки замин меларзид. Ва ҳарб сахт шуд ва тане
77 чанд аз маъруфон берун омаданд. Ва ба дари Атторон//ҳарб
шуд ва бисьёр кас аз аҳли шаҳр кушта шуданд. Ва Зиёд би-
фармуд, то ҳар киро аз шаҳр бигрифтанд. бар дари шаҳр
бар дор карданд ва оқибат шаҳрро бигрифтанд.

Ва чун Зиёд аз кори Бухоро дил фориғ кард, ба ҷониби Самарқанд рафт ва он ҷо ӯро ҳарбҳо афтод ва боз ба ҷониби Хуросон рафт. Валлоҳу аълам.

## ЗИКРИ ХУРУҶИ МУҚАННАЪ ВА УТАБОИ Ӯ АЗ САПЕДҶОМАГОҲ

Аҳмад бинни Муҳаммад бинни Наср чунин ғуяд, ки Муҳаммад бинни Ҷаъфар андар китоб ин фаслро овардааст лекин нотамом. Ва Иброҳим, ки соҳиби «Ахбори Муқаннаъ» аст ва Муҳаммад бинни Ҷарир ат-Табарӣ[237] овардааст, ки Муқаннаъ марде буд аз аҳли рустои Марв аз деҳе, ки онро Қоза хонанд. Ва номи ӯ Ҳошим бинни Ҳаким буд ва вай дар аввал козаргарӣ кардӣ ва баъд аз он ба илм омӯхтан машғул шудӣ ва аз ҳар ҷинсе илм ҳосил кард. Ва машъабадӣ ва илми низ наҷот[238] ва тилисмот биёмухт. Ва шуъбада нек дониста даъвии набувват низ мекард. Ва Маҳдӣ бинни Мансураш[239] халок кард дар санаи саду шасту ҳафт /783—784/ аз ҳиҷрат. Низ наҷот биёмухт ва бағоят зирак буд. Ва китобҳои бисьёр аз илми пешиниён хонда буд ва дар ҷодуи бағоят устод шуда буд. Ва падари ӯро Ҳаким ном буд ва сарҳанге буд, аз сарҳангони амири Хуросон ба рӯзгори Абуҷаъфар Давонақӣ[240] ва аз Балх буд.

Ва ӯро Муқаннаъ бадон хонданд, ки сару руи хешро пӯшида доштӣ, аз он ки бағоят зишт буд ва сараш кал буд ва
як чашмаш кӯр буд ва пайваста муқаннаи сабз бар сару руи
худ доштӣ. Ва ин Муқаннаъ ба рӯзгори Абӯмуслими соҳиб-
78 уддаъвати оли Аббосият, сарҳанге буд, аз сарҳанғони//Ху-
росон ва вазири Абулҷаббор Аздӣ[241] шуд. Ва вай даъвии на-
бувват кард ва муддате бар ин буд ва Абӯҷаъфар Давонақӣ
ӯро кас фиристод ва аз Марв ба Бағдод бурд ва зиндон кард.
Солҳо аз баъди он чун халос ёфт ба Марв боз омад ва мар-
думонро гирд кард ва гуфт: «Донед ки ман киам?».

Мардумон ғуфтанд: «Ту Ҳошим бинни Ҳакимӣ»!

Гуфт: «Ғалат кардаед, ман худои шумоям ва худои ҳама олам». Хокаш бар даҳон ва гуфт: «Ман худро ба ҳар кадом ном хоҳам хонам». Ва гуфт: «Ман онам, ки худро ба сурати Одам ба халқ намудам ва боз ба сурати Нуҳ ва боз ба сурати Иброҳим ва боз ба сурати Мусо ва боз ба сурати Исо[242] ва боз ба сурати Муҳаммад Мустафо, салиаллоҳу алайҳиссалом ва боз ба сурати Абӯмуслим ва боз бо ин сурат, ки мебинед».

Мардумон гуфтанд:

«Дигарон даъвии пайғамбарӣ карданд, ту даъвии худоӣ мекунӣ?».

Гуфт: «ишон нафсонӣ буданд, ман руҳониам, ки андар ишон будам ва маро ин қудрат ҳаст, ки худро ба ҳар сурат ки хоҳам бинамоям».

Ва номаҳо навишт бо ҳар вилояте ва ба доиёни хеш дод ва андар нома чунин навишт, ки: «Бисмиллоҳ ур-раҳмон урраҳим. Ман Ҳошим бинни Ҳаким саидуссодоти олӣ, фалон бинни фалон... Одам ва Нӯҳ ва Иброҳим ва Исо ва Мӯсо ва Муҳаммад ва Абумуслим, сумоилал Муқаннаъ-ул қудрат вассултон вализзат валбурҳон. Ба ман гаравед ва бидонед, ки подшоҳӣ мaрост,—алайҳи ул-лаънат, ва изз ва кирдукорӣ мaрост ва ҷуз ман худон дигар нест, — хокаш ба даҳон, — ва ҳар кӣ ба ман гаравад биҳишт ӯрост ва ҳар кӣ нагаравад дузах ӯрост».

Ҳанӯз ба Марв буд ва доиён ба ҳар ҷой берун кард ва
79 бисьёр//халқро аз роҳ берун бурд.[243] Ва ба Марв марде буд аз араб номи ӯ Абдуллоҳ бинни Амр ва ба вай бигаравид[244] ва духтари худ ба вай дод ба занӣ. Ва ин Абдуллоҳ аз Ҷайҳун бигзашт ва ба Нахшаб ва ба Кеш[245] омад ва ҳар ҷое халқро даъват кардӣ ба дини Муқаннаъ, алайҳи ул-лаънат. Ва халқи бисьёрро аз роҳ бибурд ва андар Кеш ва рустои Кеш бештар буданд. Ва нахустин деҳе, ки ба дини Муқаннаъ даромаданд ва дини ӯ зоҳир карданд деҳе буд, дар Кеш, номи он деҳа Субах ва меҳтари ишон Умар Субахӣ буд. Ишон хуруҷ карданд ва амири ишон марде буд аз араб порсо, вайро бикуштанд. Ва андар Суғд ағлаби[246] деҳаҳо ба дини Муқаннаъ даромаданд ва аз деҳаҳои Бухоро бисьёр кофир шуданд ва куфр ошкоро карданд. Ва ин фитна азим шуд ва бало бар мусулмонон сахт шуд. Корвонҳо мезаданд ва деҳаҳо ғорат мекарданд ва бисьёр харобӣ мекарданд.

Ва сабаби рафтани Муқаннаъ ба Мовароуннаҳр ин буд, ки чун хабари Муқаннаъ ба Хуросон фош шуд Ҳомид Қаҳтаба, ки амири Хуросон буд фармуд, ки ӯро банд кунанд. Ӯ бигрехт аз деҳаи хеш ва пинҳон мебуд, чандон ки ӯро маълум шуд, ки ба вилояти Мовароунаҳр халқе (азим) ба дини вай гирд омадаанд ва дини вай ошкоро карданд. Қасд кард аз Ҷайҳун бигзарад, Амири Хуросон фармуда буд, то бар лаби Ҷайҳун нигоҳбонон ӯро нигоҳ доранд. Ва пайваста сад савор бар лаби Ҷайҳун бармеомаданд ва фуруд меомаданд, то агар бигзарад ӯро бигиранд. Вай бо сиву шаш тан бар лаби Ҷайҳун омад ва амад сохт ва аз Ҷайҳун бигзашт ва ба вилояти Кеш рафт. Ва он вилоят ӯро мусаллам

80 шуд ва халқ бар вай рағбат//карданд. Ва бар кӯҳи Сом ҳисоре буд багоят устувор ва андар вай оби равон ва дарахтон ва кашоварзон. Ва ҳисоре дигар аз ин устувортар, онро фармуд, то иморат карданд ва моли бисьёр ва неъмати бешумор он ҷо ҷамъ кард ва нигоҳубинон нишонд ва сафедҷомагон бисьёр шуданд ва мусулмонон андар кори ишон оҷиз шуданд. Ва нафир ба Бағдод расид ва халифа Маҳдӣ буд, андар он рузгор тангдил шуд ва бисьёр лашкарҳо фиристод ба ҳарби вай. Ва ба охир худ омад ба Нишобур, ба дафъи он фитна. Ва метарсид ва бими он буд, ки ислом хароб шавад ва дини Муқаннаъ ҳама ҷаҳон бигирад.

Ва Муқаннаъ турконро бихонд ва хун ва моли мусулмонон бар ишон мубоҳ гардонид. Ва аз Туркистон лашкарҳои бисьёр ба тамаи ғорат биёмаданд ва вилоятҳо ғорат мекарданд ва занон ва фарзандони мусулмонон асир мебурданд ва мекуштанд. Ва ба Бухоро туркон нахустин падид омаданд.

Гурӯҳи сафедҷомагон, ки аз шиаи Муқаннаъ буданд, ба деҳе рафтанд, ки онро Нумиҷкат[247] хонанд ва ба шабе ба масҷид андаромаданд ва муаззинро бо понздаҳ тан бикуштанд ва ҳама аҳли деҳаро бикуштанд ва ин дар соли саду панҷоҳу нӯҳ буд (775—776) ва амири Бухоро Ҳусайн бинни Маоз буд.

Ва аз меҳтарони тоифаи Муқаннаъ марде буд аз аҳли Бухоро, номи ӯ Ҳаким Аҳмад ва бо вай се сарҳанги дигар буданд, номи яке Ҳашвӣ[248] ва дуввум Боғӣ ва ин ҳарду аз кӯшки Фузайл буданд ва номи сеюм Гурдак буд, аз деҳаи Ғиҷдувон. Ва ин ҳар се марди мубориз буданд ва айёр ва даванда ва таррор. Чун аҳли деҳаро бикуштанд ва хабар
81 ба шаҳр расид//аҳли Бухоро ҷамъ шуданд, ба наздики амир рафтанд ва гуфтанд: «Ҳар оина моро бо ин сапедҷомагон ҳарб мебояд кард». Ҳусайн бинни Маоз бо лашкари хеш ва қозии Бухоро Омир бинни Умрон бо аҳли Бухоро берун омаданд, дар моҳи Раҷаб, сол бар саду панҷоҳу нӯҳ (776) рафтанд то ба деҳаи Наршах ва ҳоло деҳаи Нарҷақ гӯянд ва дар муқобили ишон лашкаргоҳ заданд. Қозии Бухоро гуфт: «Мо ишонро ба дини ҳақ хонем, моро бо ишон ҳарб нашояд кардан». Пас қозӣ бо аҳли силоҳ ба деҳа андаромаданд, то ишонро ба дини ҳақ хонанд.

Ишон гуфтанд: «Мо инҳо, ки шумо мегӯед надонем».

Ҳар рӯз куфр зиёдат карданд ва насиҳат напазируфтанд. Онгоҳ ҷанг андар пайвастанд ва нахустин касе, ки ба ишон ҳамла кард, марде буд аз араб, номи ӯ Наим бинни

Саҳл. Бисьёр ҳарб кард ва чандин касро бикушт ва ба охир кушта шуд. Ва ҳазимат ба сапедҷомагон афтод ва ҳафсад мард аз ишон кушта шуд, дигарон бигрехтанд. Ва он рӯз ба охир расид. Чун бомдод шуд, расул фиристоданд ва амон хостанд ва гуфтанд: «Мо мусулмон шудем»...

Бо ишон сулҳ карданд ва сулҳнома навиштанд ва шартҳо карданд, ки пеши роҳ назананд ва мусулмононро накушанд ва пароканда шаванд, ба деҳаҳон хеш ва амири хешро тоат доранд ва аҳдҳои худой ва расули худой устувор карданд. Ва ҳама аъёни шаҳр бар он сулҳнома хатҳо навиштанд. Ва чун мусулмонон боз гаштанд, ишон низ аз он аҳд боз гаштанд ва боз ба роҳзадан машғул шуданд ва мусулмононро мекуштанд ва киштҳои сабзи саркашидаро ба ҳисори Наршах андар меоварданд. Ва кор бар мусулмонон сахт шуд.

82 //Маҳдӣ, ки ҳалифа буд вазири худ Ҷабраил бинни Яҳьёро ба ҳарби Муқаннаъ фиристод. Ва ӯ ба Бухоро омад ва ба Дарвозаи Самарқанд лашкаргоҳ зад, то ба ҳарби Муқаннаъ равад. Ҳусайн бинни Маоз наздики ӯ рафт ва гуфт: «Ту маро ба ҳарби сапедҷомагон ёрӣ деҳ, то чун аз ин кор фориғ гардем, бо ту ба ҳарби Муқаннаъ равем».

Ҷабраил иҷобат кард ва лашкар бардошт ва бирафт то ба деҳаи Наршах ва бифармуд то бар дар гирди деҳа хандақ канданд ва андаруни хандақ лашкаргоҳ заданд. Ва бифармуд то лашкар баҳуш бошанд, то сафедҷомагон берун наёянд ва бар мо шабехун назананд. Ва ҳамчунон омад, ки ӯ гуфт. Шаби нахустин берун омаданд ва бар ишон шабехун заданд ва бисьёр вайронӣ карданд. Чун Ҳусайн бинни Маоз, ки амири Бухоро буд, чунон бидид бисьёр лутф кард Ҷабраилро ва гуфт: «То ба Бухоро бошад ба Кеш наравад, чандон ки ин шуғл тамом шавад».

Ҷабраил ҳарб пайваст ва чаҳор моҳ пайваста ҳарб карданд, бомдод ва шабонгоҳ ва ҳеҷ рӯз набуд илло, зафар сапедҷомагонро будӣ. Мусулмонон бечора шуданд, тадбир ҷустанд. Малик бинни Форим гуфт: «Ман тадбир бигӯям». Бифармуд то ҷӯе канданд аз лашкаргоҳ, то ба девори ҳисор. Мардумони босилоҳ он ҷо андар фиристод ва бифармуд то харҷӣ мекananд ба чӯб ва най ба хок устувор мекарданд ва мепӯшониданд, то ба зери девори ҳисор бирасиданд. Ва миқдори панҷоҳ газ ҷое сӯроx карданд, бо сутунҳо устуворӣ карданд. Чун панҷоҳ газе ҷое барканда шуд, онро пури ҳезум карданд ва нафт бизаданд ва оташ андар

заданд, то он сутунҳо бисӯзад ва девори ҳисор биафтад.
83 Оташ амал накард аз баҳри он, ки//оташро бод бояд то амал кунад ва андар ҳисор он ҷо бодро роҳ набуд. Манҷаниқҳо биниҳоданд ва рост карданд бар он бурҷ, ки зери ӯ оканда буд, сангҳо андохтанд ҳафра шуд ва бод роҳ ёфт ва оташ кор кард ва он сутунҳо бисухт ва миқдори панҷоҳ газ биафтод. Ва мусулмонон шамшер андар ниҳоданд ва бисьёр касро бикуштанд ва боқӣ амон хостанд.

Ва боз аҳд карданд бар ҳамон ҷумла, ки аввал карда буданд, ки мусулмононро наранҷонанд ва ба деҳаҳои хеш боз раванд ва меҳтарони ишонро ба наздики халифа фиристоданд ва силоҳ бо худ надоранд. Баъди шартҳо аҳд карданд ва берун омаданд ва аз хандақ бигзаштанд ва ниҳон силоҳ бо худ доштанд. Ва меҳтари ишон Ҳакимро Ҷабраил ба Аббос, писари худ, супурд ва гуфт, ки вайро ба саропарда биншон ва пинҳон вайро бикуш. Ва ишон имтисоли амри ӯ карданд, ба саропарда бурданд. Ва ишон аз дур истода буданд. Ва Ҷабраил ба саропарда рафт. Сапедҷомагон Хашвиро, ки ёри Ҳаким буд фиристоданд ва Ҷабраилро гуфтанд: «Мо бе Ҳаким наравем!».

Ва Хашви мӯзаҳои нав пӯшида буд ва ин сухан мегуфт, ки Аббос писари Ҷабраил омаду гуфт, ки Ҳакимро куштам. Ҷабраил фармуд, то Хашвиро аз асб фуруъ кашиданд ва дарҳол бикуштанд. Сапедҷомагон бонг баровարданд ва силоҳ берун карданд ва ҷанг шуд. Ҷабраил бифармуд то лашкарҳо ҳама савор шуданд ва ҳарб андар пайвастанд аз он қавитар, ки буд. Ҳарбҳои сахт карданд то дигарбора ба ҳазимат шуданд ва халқе бисьёр аз ишон кушта шуданд ва он ки монд бигрехт.

Ва хованди деҳаи Наршах зане буд шуи ӯро Шараф[249]
84 ном буд ва ӯ//сарҳанги Абӯмуслим буд ва Абӯмуслим, раҳматуллоҳ, ӯро кушта буд. Ин занро ба наздики Ҷабраил овper and ва бо вай яке писари амм, нобино буд, бағоят палид ва бадкор. Ҷабраил он занро ғуфт, ки Абӯмуслимро биҳил кун, ӯ гуфт: «Абӯмуслим падари мусулмононро гӯянд ва ӯ падари мусулмонон нест, ки шавҳари маро куштааст».

Ҷабраил фармуд, то он занро аз миён ба ду ним заданд ва писари амми ӯро низ куштанд. Ва Гурдак ба наздики Муқаннаъ рафт. Ва Боғӣ, ки ҳам аз ишон буд дар ҳарб кушта шуд. Ва Ҷабраил сарҳои эшонро ба Суғд бурд, то дили сапедҷомагони Суғд бишканад. Ва аҳли Суғдро амире шуда буд аз нақибони[250] Муқаннаъ номи ӯ Суғдиён, аҳли

Суғд бо вай иттифоқ карданд. Ва Ҷабраилро бо аҳли Суғд ҳарбҳои бисьёр афтод ва ба охир марде аз аҳли Бухсро ин Суғдиёнро бикушт ва он қавм парокапда шуданд.

Ва Ҷабраил аз он ҷо ба Самарқанд рафт ва бо туркон ва сафедҷомагон уро харбҳои бисьёр афтод.

Ва бо амири Хуросон Маоз бинни Муслим шуд.[251] Сол бар саду шасту як буд, ки (777—778) ба Марв омад ва аз он ҷо кор сохт ва ба биёбони Омӯй фурӯ рафт. Чун ба Бухоро расид аз аҳли Бухоро деҳқонон мардони ҳарб ҷамъ карданд, понсаду ҳафтод ҳазор мард ҷамъ шуд. Маоз бинни Муслим фармуд, то олатҳои ҳарб бисьёр сохта карданд. Ва се ҳазор марди кориро бо тешаҳо ва белҳо ва кӯзҳо ва табарҳо ва аз ҳар ҷинс саноатварон, ки андар лашкар ба кор оянд муҳайё кард ва манҷаниқҳо ва арродаҳо бисохт ва ба некӯтарин таъбия[252] руй ба суи Суғд ниҳод. Ва дар
85 Суғд//сапедҷомагон бисьёр буданд ва лашкари турк бисьёр омада буд. Ва амири Ҳарӣ[253] аз Ҳарӣ даҳ ҳазор гӯсфанд оварда буд ва бо худ ҳамебурд. Маоз бинни Муслим ӯро гуфт: «Ин ҷо туркон моро хасмони наздиканд ва ишонро ба гӯсфанд рағбат бисьёр бошад, ин гӯсфандонро ба Бухоро бимон ё ба ман бифрӯш, то ба лашкар қисмат кунам». Розӣ нашуд. Хайле аз туркон баромаданд ва битохтанд ва ҷумлаи ғӯсфандонро бибурданд, андар манзиле, ки миёни Арбинҷон ва Зармон аст.[254] Лашкар дар ақиби ишон рафтанд, ишонро низ баъзе бикуштанд ва баъзе ба ҳазимат боз омаданд.

Ва Маоз бинни Муслим ба Суғд ва Самарқанд рафт ва бо туркон ва сапедҷомагон ҳарбҳои бисьёр кард, то муддати ду сол, гоҳ зафар ӯро буд ва гоҳ хасми ӯро. Ва аз баъди ду сол афв хост ва амири Хуросон Мусайяб бинни Зоҳир уз-Забӣ шуд. Ба Марв дар таърихи Ҷумодиюлаввал сол бар саду шасту се (январь, февраль 780) дар моҳи Раҷаб (март, апрель 780) ба Бухоро омад. Ва амири Бухоро Ҷунайд бинни Холид буд, ӯро амири Хуросон ба Хоразм фиристонд.

Ва ба Бухоро сарҳанге аз сарҳангони Муқаннаъ буд Кулортегин ном, бо лашкар ва ҳашами сохта бо ӯ харбҳо кард.

Муҳаммад бинни Ҷаъфар[255] овардааст, ки панҷоҳ ҳазор тан аз лашкари Муқаннаъ, аз аҳли Мовароуннаҳр, аз турк ва ғайра ба дари ҳисори Муқаннаъ ҷамъ шуданд ва саҷда ва зорӣ карданд ва аз вай дидор хостанд, ҳеҷ ҷавоб

наёфтанд, илхоҳ карданд ва гуфтанд: «Боз нагардем то дидори худованди хешро набинем».

Ғуломе буд ӯро Ҳоҷиб ном, Муқаннаъ ӯро гуфт: «Бигӯй бандагони маро, — хокаш ба даҳон, — ки Мӯсо аз ман дидор хост нанамудам, ки тоқат надошт ва ҳарки бинад маро тоқат надорад ва дарҳол бимирад».

86 Ишон тазаррӯъ ва хоҳиш зиёдат//карданд ва гуфтанд: «Мо дидор хоҳем! Агар бимирем раво бошад».

Вай ишонро ваъда кард, ки фалон рӯз биёед то шуморо дидор намоям.

Пас бифармуд то он занон, ки бо ӯ дар ҳисор буданд, сад зан буданд аз духтарони деҳқонони Суғд ва Кеш ва Нахшаб, ки бо худ медошт, Ва онро одат он буд, ки ҳар куҷо зани боҷамол буд ӯро нишон додандӣ, вай онро биёвардӣ ва бо худ бидоштӣ ва дар ҳисор бо вай ҳеҷ кас набудӣ магар ин занон ва ин ғуломи хос. Ва он чӣ ҳоҷати ишон будӣ аз хӯрданӣ ҳар рӯз як бор дари ҳисор бикшодӣ ва аз берунӣ сӯ вакиле будӣ, он чӣ бояйсти омода кардӣ ва ғулом аз вай бихостӣ ва ба ҳисор андаровардӣ ва боз дари ҳисор барбастӣ, то ба рӯзи дигар. Ҳеҷ кас рӯи зишти ӯ надидӣ аз он, ки муқаннан сабзе бар рӯи хеш доштӣ.

Пас вай он занонро бифармуд то ҳар зане оинае бигиранд, ва бо боми ҳисор бароянд ва баробари якдигар медоранд, бадон вақте ки нури офтоб ба замин афтода буд ва ҷумлаи оинаҳо ба даст гиранд ва баробар доранд бе тафовут. Халқ ҷамъ шуда буданд, чун офтоб бар он оинаҳо битофт аз шуои он оинаҳо, он ҳаволӣ пурнур шуд. Онгоҳ он ғуломро гуфт: «Бигуй мар бандагони маро, ки худой рӯи хеш ба шумо менамояд бингаред». Чун бидиданд ҳама ҷаҳонро пурнур диданд, битарсиданд ва ҳама ба якбор саҷда карданд ва гуфтанд:

«Худовандо ин қудрат ва азамат, ки дидем бас бошад. Агар зиёдат аз ин бинем заҳраҳои мо бидарад». Ва ҳамчунон дар саҷда мебурданд то Муқаннаъ фармуд он ғуломро, ки «Бигӯй бандагони маро, то сарҳо аз саҷда бардорад, ки худои шумо аз шумо хушнуд аст ва гуноҳи шуморо омӯрзид».

87 Он қавм сар аз саҷда бардоштанд//бо тарс ва бим. Онгоҳ гуфт: «Ҳама вилоятҳо бар шумо мубоҳ кардам ва ҳар кӣ ба ман нагаравад худ ва мол ва фарзандони ӯ бар шу-

мо ҳалоласт», хокаш ба даҳон. Ва он қавм аз он ҷо руй ба ғорат овардаид ва он қавм бар дигарон фахр мекарданд ва мегуфтанд: «Мо худойро дидем».

## САБАБИ ҲАЛОК ШУДАНИ МУҚАННАЪ

Саид, ки амири Ҳирот буд ба дари ҳисори вай биншаст,[256] бо лашкари бисьёр ва хонаҳо ва гармобаҳо бино карданд ва тобистон ва зимистон он ҷо бошиданд.

Ва андар ҳисор чашмаи об буд ва дарахтон ва кошоварзон. Ва хосагони вай андар ҳисор будандӣ ва сипаҳсолорон бо лашкари қавӣ. Ва андар ҳисор, ҳисори дигар буд бар сари куҳ ва ҳеҷ касро бадон ҳисор роҳ набудӣ. Вай бо он занон дар ҳисор мебуд. Ва одати вай он буд, ки ҳар рузе таом бихӯрдӣ, бо он занон ва ба шароб нишастӣ ва бо ишон шароб хурди. Ва чаҳордаҳ сола барин кори вай баромад. Чун амири Ҳирот кор бар вай танг кард ва лашкарҳои вай парокanda шуд ин сипаҳсолор, ки дар ҳисор буд дари Ҳисор бикшод ва ба тоат берун омад ва ислом пазируфт. Мусулмонон ҳисор бигрифтанд. Муқаннаъ донист, ки ҳисори андарунро натвонад доштан.

Муҳаммад бини Ҷаъфар ривоят кардааст аз Абуалӣ Муҳаммад бини Ҳорун, ки аз деҳқонони Кеш буд ва гуфт, ки ҷаддаи ман аз ҷумлаи хотунон будааст, ки Муқаннаъ аз баҳри хеш гирифта буд ва дар Ҳисор медошт. Ва мегуфт:
88 «Рӯзе//Муқаннаъ занонро биншонд ба таом ва шароб бар одати хеш ва андар шароб заҳр кард ва ҳар занеро як қадаҳи хос фармуд ва гуфт: «Чун ман қадаҳи хеш бихӯрам шумо бояд, ки ҷумла қадаҳи хеш бихуред». Пас ҳама хурданд ва ман нахурдам ва дар гиребони худ рехтам ва вай надонист. Ҳама занон биафтоданд ва бимурданд ва ман низ хештан дар миёни ишон андохтам ва хештанро мурда сохтам. Ва вай аз ҳоли ман надонист. Пас Муқаннаъ бархост ва нигоҳ кард, ҳама занонро мурда дид, наздики ғуломи худ рафт ва шамшер бизад ва сари вай бардошт. Ва фармуда буд, то се рӯз боз танӯр тафтсонида буданд, ба наздики он танӯр рафта ва ҷома берун кард ва хештанро дар танӯр андохт ва дуде баромад. (Ман) ба наздики он танӯр рафтам, аз ӯ ҳеҷ асаре надидам ва ҳеҷ кас дар ҳисор зинда набуд».

Ва сабаби худро сухтани вай он буд, ки пайваста гуф-

ти, ки: «Чун бандагони ман осӣ шавад, ман ба осмон равам ва аз он ҷо фариштагон орам ва ишонро қаҳр кунам». Вай худро аз он ҷиҳат сухт то халқ гӯянд, ки ӯ ба осмон рафт, то фариштагон орад ва моро аз осмон нусрат диҳад ва дини ӯ дар ҷаҳон бимонад. Пас он зан дари Ҳисор бикшод ва Саид Ҳарашӣ даромад ва он хазина бардошт.

Аҳмад бинни Муҳаммад бинни Наср гуяд: «Ҳанӯз он қавм мондаанд дар вилояти Кеш ва Нахшаб ва баъзе аз деҳаҳои Бухоро, чун; кӯшки Умар ва кӯшки Хиштувон ва деҳаи Размон». Ва ишон худ аз Муқаннаъ ҳеҷ хабар надоранд ва бар ҳамон дини вайанд. Ва мазҳаби ишон он аст,
89 ки намоз нагузоранд ва рӯза//надоранд ва ғусли ҷанобат
накунанд, валекин ба амонат бошанд. Ва ин ҳама аҳвол аз мусулмонон пинҳон доранд ва даъвии мусулмонӣ кунанд.

Ва чунин гӯянд, ки ишон занони хешро ба якдигар мубоҳ доранд ва гӯянд: «Зан ҳамчу гул аст ҳар кӣ бӯяд аз вай ҳеҷ кам нашавад». Ва чун марде ба наздики зане андарояд, ба хилват аломате бар дари хона бимонад, ки чун шӯи ин зан бирасад бидонад, ки ин зан бо марде дар хона аст, боз гардад ва чун он мард фориғ шавад вай ба хонаи хеш андарояд. Ва ишонро раисе бувад андар ҳар деҳе, ки ишон ба фармони вай бошанд.

Ҳ и к о я т. Чунин гӯянд, ки ишонро дар ҳар деҳе марде бошад, ки андар он деҳа ҳар кӣ зани бикр хоҳад гирифт аввал бакорати ӯ он мард зоил кунад, аз баъди он ба шӯй таслим кунанд.

Аҳмад бинни Муҳаммад ибни Наср гӯяд: «Савол кардам аз пирони русто, ки андар ин чӣ маънӣ аст, ки ин неъмати бадин бузургеро бадин як тан мондаанд ва дигарон хешро маҳрум гардонидаанд». Гуфтанд: «Расми ишон ин аст, ки ҳар кӯдаке, ки наврасида шавад то онгоҳ, ки зане ба занӣ кунад ҳоҷати хеш бадин мард раво кунад ва қасоси ӯ он аст, ки шаби аввали зани хешро ба вай монад. Ва чун он мард пир гардад дигаре ба ҷои вай насаб кунанд ва пайваста мардони ин деҳа[257] бо ин мард ин муомила мекунанд. Ва номи ин шахс, ки ин шуғл кунад «такона»[258] хонанд, валекин ба ҳақиқати ин ҳол воқиф нагаштам. Ин ҳикоят аз пирони кӯҳнаи русто шунидам ва аз он ҷамоат, ки
90 дар деҳаҳои ишонанд»...//

## ЗИКРИ БИДОЯТИ ВИЛОЯТИ ОЛИ СОМОН...

Пеш аз ин ёд карда шуда буд, ки Сомонхудотро писаре буд Асад ном кард, аз дустии Асад бинни Абдуллоҳ ал-Қушайри. Ва Асадро чаҳор писар буд; Нуҳ ва Аҳмад ва Яҳьё ва Ильёс.

Ва чун Рофеъ бинни Лайс хуруҷ кард бар Ҳорунаррашид ва Самарқанд бигрифт, Ҳорунаррашид Ҳарсама бинни Аъянро[259] ба ҳарби вай фиристод. Ва Рофеъ Самарқандро ҳисор кард, Ҳарсама дар кори вай оҷиз буд. Маъмун бо Ҳорунаррашид ба Хуросон омада буд, ба сабаби ҳамин ҳодиса ва дили Ҳорун бағоят машғул буд бадин кор. Маъмун номае кард ба фарзандони Асад ва бифармуд, то Ҳарсамаро дар ҳарби Рофеъ ёри диҳанд. Ва фарзандони Асад Рофеъро бадон доштанд, то бо Ҳарсама сулҳ кард ва миёни ишон мусоҳарат карданд ва дили Ҳорун аз он кор фориғ гашт. Ва хатари он буд, ки Рофеъ ҳамаи Хуросон бигрифти ва ин кор ба наздики Маъмун нек дар мавқеъ афтод.

Ва дар ин сафар Ҳорун ба Тус вафот ёфт.[260] Ва чун хилофат ба Маъмун расид[261] Ғассон бинни Уббод амири Хуросон шуд. Маъмун вайро фармуд то фарзандони Асад бинни Сомонхудотро вилоят диҳад аз шаҳрҳои Хуросон Ҳар якеро шаҳре муътабар дод дар ҳаққи он чӣ карда буд. Ва Ғассон бинни Уббод Нуҳ бинни Асадро ба Самарқанд амир кард ва Аҳмад бинни Асадро ба Марв амир кард ва ин дар соли дувисту ду (817—818) буд.[262]

Ва чун Ғассон аз Хуросон маъзул шуд[263] Тоҳир бинни ал-Ҳусайн амири Хуросон шуд[264] ва ин вилоятҳо бар ишон муқаррар дошт ва Нуҳ бинни Асадро, ки бузургтар буд хилъат дод. Ва вай ба Самарқанд мебуд, то аз дуньё би-
91 рафт, бародари хеш Аҳмад бинни Асадро//халифа кард. Ва ин Аҳмад бинни Асад марде буд олим ва порсо ва ба Самарқанд мебуд, то аз дуньё бирафт,[265] писари хешро халифа кард. Наср бинни Аҳмад бинни Асад чун ба ҷои падар биншаст аз халифа Восиқ[266] биллоҳ, маншури аъмоли Мовароуннаҳр бирасид,[267] ба номи вай, ба таърихи рӯзи шанбе ғурраи моҳи муборакии Рамазон сол бар дувисту панҷоҳу як (865) буд.

## ЗИКРИ БИДОЯТИ ВИЛОЯТИ АМИРИ МОЗӢ АБӮИБРОҲИМ ИСМОИЛ БИННИ АҲМАД УС-СОМОНӢ

Аввали салотини Сомониён аст[268] ва ба ҳақиқат подшоҳи сазовори боистеҳқоқ буда, марди оқил, одил, мушфиқ, соҳиброй ва тадбир ва пайваста бо хулафо изҳори тоат кардӣ ва мутобаати ишон воҷиб ва лозим донистӣ. Дар рӯзи шанбеи мунтасафи Рабиюлохири санаи сабъа ва самонуна ва миатайн (287ҳ—900) Амр [бинни] Лайсро[269] ба Балх асир кард ва бар мамлакат муставли гашт ва муддати ҳашт сол подшоҳи кард. Ва дар санаи хамса ва тисъуна ва миатайн (295ҳ — 907—908) дар Бухоро ба ҷавори раҳмати ҳақ пайваст...

Ва уро вилоят[270] ба Фарғона будааст, дар моҳи Шаввол таърих бар дувисту сиву чаҳор (849). Ва чун ӯ шонздаҳсола шуд падари у вафот ёфт. Ва амир Наср, ки бародари бузургтари у буд уро бузург доштӣ ва ӯ хидмати амир Наср кардӣ.

Ва чун Ҳусайн бинни Тоҳир ат-Тоӣ аз Хоразм ба Бухоро омад, дар Рабиюлохири сол бар дувисту шаст (874) буд ва миёни ува аҳли Бухоро ҳарбҳо афтод ва баъд аз панҷ рӯз бар шаҳр даст ёфт ва бо аҳли Бухоро узри шаҳр ва русто кард ва бисьёр касро бикушт ва хоразмиёнро баргу-
2 мошт,//то дуздӣ мекарданд ва мусодират мекарданд. Ва ба шаби мукобарат хонаҳоро бармезаданд ва ҷиноятҳои гарон менниходанд ва мол месутуданд. Аҳли Бухоро бо ӯ ба ҳарб берун омаданд ва бисьёр кас кушта шуданд ва аз шаҳр миқдори ду донг бисӯхт. Ва чун аҳли шаҳр даст қавӣ карданд ӯ муноди кард ва амон дод ва мардумон, ки ҷамъ шуда буданд ва ҳарбро омода гашта, чун хабари амон бишниданд пароканда шуданд ва баъзе ба русто рафтанд. Чун Ҳусайн бинни ат-Тоҳир донист, ки мардум пароканда шуданд шамшер андар ниҳод ва халқе азимро бикушт. Боз ғавғо карданд ва Ҳусайн бинни Тоҳир баҳазимат шуд ва ҳама рӯз ҳарб карданд. Чун шаб шуд ӯ дари кӯшкро маҳкам кард ва халқро дар кӯшк нигоҳ медоштанд, то вайро бигиранд. Ва ӯ хироҷи Бухоро битамоме гирифта буд ҳама дирами «ғидрифӣ» ва дар миёни сарой рехта буд ва мехост, ки ба нуқра сарф кунад, замон наёфт ва он шаб деворро сӯрох кард ва бигрехт, бо касони хеш бараҳна ва гурусна ва он, дирамҳои «ғидрифӣ» бимонд. Мардумон хабар ёфтанд, андаромаданд ва он мол ғорат карданд ва бисьёр кас

аз он мол тавонгар шуданд, чунон ки асари он дар фарзандони ишон бимонд ва андар шаҳр ғуфтандӣ: «Фалон кас тавонгари сарои Ҳусайни бинни Тоҳир аст».

Ва баъд аз он (Ҳусайн бинни Тоҳир) бигрехт ва пас аз вай фитнаҳои дигар ва ҳарбҳо бо аҳли Бухоро ҳар касро бисьёр шуд. Аҳли илм ва силоҳ аз Бухоро ба наздики Абуабдуллоҳ ал-Фақеҳ, писар(и) Хоҷа Абӯҳафси Кабир, раҳматуллоҳи алайҳ, ҷамъ шуданд ва вай мубориз буд бо вай тадбир карданд дар кори Бухоро. Ва ба Хуросон амире набуд
93 ва Яқуб бинни Лайс[271] Хуросонро ба ғалаба гирифта буд//ва ба Бухоро Рофеъ бинни Ҳарсама бо вай ҳарб мекард ва ба Хуросон низ фитна буд ва Бухоро хароб мешуд аз ин фитнаҳо. Пас Абуабдуллоҳ писари Хоҷа Абӯҳафс, номае кард ба сӯи Самарқанд ба Наср бинни Аҳмад бинни Асад ус-Сомонӣ ва ӯ амири Самарқанд ва Фарғона буд, аз ӯ ба Бухоро амир хостанд, ӯ бародари хеш Исмоил бинни Аҳмадро ба Бухоро фиристод. Чун амир Исмоил ба Кармина расид чанд рӯз он ҷо мақом кард ва расул фиристод ба Бухоро ба наздики Ҳусайн бинни Муҳаммад ал-Хориҷӣ, ки амири Бухоро буд. Чанд бор расули ӯ мерафт ва меомад, то қарор бадон афтод, ки амир Исмоил амири Бухоро бошад ва Ҳусайн бинни Муҳаммад-ал-Хориҷӣ халифаи ӯ шавад ва лашкари ӯ дар ин маънӣ тоат намуданд. Амир Исмоил маншури хилофати хеш ба наздики Хориҷӣ фиристод, бо алам ва хилъат. Ва Хориҷиро бо ин алам ва хилъат дар шаҳри Бухоро бигардониданд ва аҳли шаҳр шодӣ намуданд. Ва ин рӯзи сешанбе буд. Ва рӯзи одина хутба ба номи Наср бинни Аҳмад хонданд ва номи Яқуб Лайс аз хутба биафканданд, пеш аз андаромадани амир Исмоил ба Бухоро ва он рӯзи одинаи нахустин буд аз моҳи мубораки Рамазон сол бар дувисту шаст (874). Ва писари Хоҷа Абӯҳафси Кабир, раҳматуллоҳ, берун омад ба истиқбол. Ва ашрофи Бухоро аз араб ва аҷам ҳама бо вай буданд, то ба Кармина ва Абуабдуллоҳ бифармуд то шаҳрро биоростанд.

Ва амири Исмоил аз омадан ба Бухоро пушаймон шуда буд, аз он ки бо вай ҳашами бисьёр набуд ва Бухоро шӯрида буд ва ғавғо бархоста буд ва маълум набудаш, ки аҳли Бухоро ба дил бо вай чигунаанд. Чун Абуабдуллоҳ бинни Хоҷа Абӯҳафс берун омад ва бо Кармина бирафт дили вай қавӣ шуд, донист, ки Абуабдуллоҳ ҳар чӣ кунад аҳли шаҳр
94 онро ботил//натавонанд кардан, азм қавӣ гардонид. Абуабдуллоҳ ӯро бисьёр мадҳҳо гуфт ва дили вай қавӣ гардонид.

Чун ӯро ба шаҳр андаровардаид муаззам ва мукаррам доштанд. Ва Абуабдуллоҳ фармуд то аҳли шаҳр зарру сим бисьёр бар вай нисор карданд.

Ва Амир Исмоил Ҳусайн ал-Хориҷиро бигрифт ва ба зиндон фиристод ва он ғавғо пароканда шуд...

## ЗИКРИ ДАРОМАДАНИ АМИР ИСМОИЛ... БА БУХОРО

Дар рӯзи душанбе дувоздаҳуми моҳи муборакп Рамазон сол бар дувисту шаст (874) буд ва бадон сабаб шаҳр карор гирифт ва аҳли Бухоро аз ранҷ берун омаданд ва ба роҳат пайвастанд. Ва дар ҳамин сол амир Наср бинни Аҳмадро маншури вилояти ҳамаи аъмоли Мовароуннаҳр, аз оби Ҷайҳун то Ақсӣ билоди машриқ биоварданд, аз халифа Муваффақ биллоҳ ва хутбаи Бухоро ба номи амир Наср бинни Аҳмад ва ба номи амир Исмоил гуфтанд ва номи Яқуб Лайси Саффор аз хутба афтода буд. Ва амир Исмоил муддате ба Бухоро бошид ва баъд аз он ба Самарқанд рафт бе он, ки аз амир Наср ӯро фармон будӣ, писари бародари худро бар Бухоро халифа кард, Абузакариё Яҳьё бинни Аҳмад бинни Асад. Чун ба Ришхан[272] расид амир Наср хабар ёфт нохуш омадаш ба ҷиҳати он, ки бе дастуре буд. Фармуд, то ӯро истиқбол карданд, валекин худ берун наёмад ва ҳеҷ икром накард. Ва фармуд, то ӯро ба ҳисори Самарқанд фуруд оварданд ва соҳибшурати[273] Самарқанд ба исми ӯ карданд. Ва ҳамчунон бар вай дар хашм буд. Ва амири Исмоил ба салом рафтӣ, чунон ки пеш аз
5 рафтани Бухоро чунон набуд//. Ва Муҳаммад бинни Умарро халифаи вай карданд. Ва амир Исмоил ба салом омадӣ ва соате боистодӣ ва боз бирафтӣ. Ва амир Наср бо вай ҳеҷ сухан нагуфтӣ, то барин ҳолат сездаҳ моҳ баромад. Писари амми вай Муҳамад бинни Нӯҳро ва Абдулҷаббор бинни Ҳамзаро ба шифоат овард то ӯро ба Бухоро боз фиристод ва Исмат бинни Муҳаммад ал-Марвазиро вазири вай кард ва Фазл бинни Аҳмад ал-Марвазиро дабири[274] вай гардонид. Ва амир Наср бо ҳама вуҷӯҳ аъён ба сиқоти Самарқанд ба мушояати ӯ берун омаданд ва дар ин асно амир Наср рӯй суи Абдулҷаббор бинни Ҳамза кард ва гуфт: «Ё Абулфатҳ ин кудакро, ки мо ҳамефиристем, то мо аз вай чи хоҳем дидан?».

Абдулҷаббор гуфт: «Чунин магӯй, ки ӯ бандаи туст ба

шарти он, ки ҳар чи фармои амир Исмоил ҳамон кунад ва ҳаргиз бо ту хилоф накунад».

Гуфт: «Чунон аст ба ҳақиқат, ки ман мегуям».

Абдулҷаббор гуфт: «Боз чӣ ҳукм кардан?».

Амир Наср гуфт: «Андар чашмҳо ва шамоили вай хилоф ва исьён ҳамебинам».

Амир Исмоил чун ба Бухоро расид аҳли Бухоро истиқбол карданд ва ба эъзози тамом уро ба шаҳр даровարданд.

Ва яке аз дуздон халқеро ба худ гирд карда буд ва аз авбошон ва риндони русто чаҳор ҳазор мард ҷамъ шуда буданд ва ҳама дар миёни Ромитин ва Баркад роҳ мезаданд ва наздик буд, ки қасди шаҳр кунанд. Амир Исмоил Ҳусайн бинни ал-Алоъро, ки соҳибшарти ӯ буд ва ҳазиран Бухоро вай ниҳода буд ва Қуи Алоъро ба вай боз мехонанд,
96 ба ҳарби ин дуздон фиристод ва аз аҳли Бухоро//бузургон ва меҳтарон бо вай ёр шуданд ва рафтанд ва ҳарб карданд ва дуздонро ҳазимат карданд. Ва Ҳусайн бинни ал-Алоъ бар ишон нусрат ёфт ва калонтари дуздонро бигрифт ва бикушт ва сари вайро биёвард ва ҷамоате аз онҳо, ки бо вай ёр буданд бигрифт. Амир Исмоил ишонро банд кард ва ба Самарқанд фиристод.

Ва чун аз ин кор фориғ шуданд, хабар доданд, ки Ҳусайн бинни Тоҳир боз бо ду ҳазор мард ба Омӯй омадааст ва қасди Бухоро карда, Амир Исмоил лашкар ҷамъ кард он чӣ тавонист ва ба харб рафт. Хабар доданд, ки Ҳусайн бинни Тоҳир аз Ҷайҳун бигзашт бо ду ҳазор марди хоразмӣ. Амир Исмоил баринишаст ва берун омад ва ҳарб сахт карданд ва Ҳусайн бинни Тоҳир ҳазимат шуд. Ва аз лашкари вай баъзе кушта шуданд ва баъзе ба об гарқ шуданд ва ҳафтод мард асир шуданд. Ва ин ҳарби нахустини амир Исмоил буд, ки кард. Чун бомдод шуд амир асиронро бихонд ва ҳар марде ро як ҷомаи карбос дод ва боз фиристод. Ҳусайн бинни Тоҳир ба Марв рафт.

Ва амир Исмоил ба Бухоро боз омад ва дар ҳоли мулк тааммул кард ва маълум кард, ки уро бо меҳтарони Бухоро чандон ҳурмате зиёдат нест ва ба чашми ишон ҳайбате нест ва аз ҷамъ шудани ишон манфиате ба вай роҷеъ нахоҳад шуд. Савоб чунин дид, ки ҷамоате аз меҳтарони Бухорро бихонд ва гуфт: «Бояд, ки аз баҳри ман ба Самарқанд равед ва пеши амир Наср бигӯед ва узр аз ман бихоҳед».

Ишон гуфтанд: «Самъан ва тоатан».

Рӯзе чанд амон хостанд ва баъд аз он бирафтанд. Ва
7 ин ҷамоат амирони Бухоро буданд пеш аз амир Исмоил://
Абумуҳаммад Бухорхудот[275] худ подшоҳи Бухоро буд ва
Абуҳотам Ясори бағоят тавонгар буд ва ба сабаби моли
бисьёр ишонро итоат надоштӣ. Бузургони Бухоро бо ин
ҳарду ба Самарқанд рафтанд. Амир Исмоил нома кард ба
амир Наср, то ишонро банд кунад ва ба зиндон фиристад,
то вай мулки Бухоро гавонад дошт. Амир Наср ҳамчунон
кард ва он қавмро рузгоре дар он ҷо боздошт, то он гоҳ, ки
Бухоро қарор гирифт.Амир Исмоил боз ба Амир Наср нома
кард ва ишонро талабид ва аз баъди он амир Исмоил
ишонро некӯ доштӣ ва ҳоҷатҳои ишонро раво кардӣ ва ри-
вояти ҳуқуқӣ ишонро бар хештан воҷиб дидӣ.

Ва Наср бинни Аҳмад бар Исмоил вазифа ниҳода буд
аз амволи Бухоро дар соле пансад ҳазор дирам. Ва аз баъ-
ди он уро ҳарбҳо афтод ва он мол харҷ шуд ва натавонист
фиристодани дигарон. Амир Наср қосидон фиристод ба та-
лаби он мол ва вай нафиристод. Миёни ишон бадин сабаб
нохушӣ падид омад. Амир Наср лашкар ҷамъ кард ва нома
фиристод ба Фарғона ба наздики бародари худ Абулашъ-
ас ва бихондаш бо лашкари бисьёр. Ва номаи дигар ба
Шош фиристод ба бародари дигар Абуюсуф Яъқуб бинни
Аҳмад ,то бо лашкари худ биёяд ва туркони Исфиҷобро[276]
низ биёранд. Ва лашкари азим ҷамъ карданд. Онгоҳ рӯй ба
Бухоро ниҳода дар моҳи Раҷаб сол бар дувисту ҳафтоду ду
/885—886/ буд. Чун амир Исмоил хабар ёфт Бухороро холӣ
кард ва ба Фараб рафт аз ҷиҳати ҳурматдоштӣ бародар.
98 Амир Наср ба Бухоро омад, чун амир//Исмоилро наёфт ба
Байканд рафт ва он ҷо фуруд омад. Аҳли Байканд истиқбо-
лаш карданд ва зарру сим ба ӯ нисор карданд ва назилҳои
бисьёр берун оварданд.

Ва миёни амир Исмоил ва Рофеъ бинни Ҳарсама, ки
бадон таърих амири Хуросон буд дӯстӣ буд, амир Исмоил
ба вай нома кард ва аз вай ёрӣ хост. Рофеъ бо лашкари
худ биёмад ва Ҷайҳун ях карда буд аз рӯи ях бигзашт. Чун
амир Наср хабари омадани Рофеъ ёфт ба Бухоро боз омад.
Ва амир Исмоил бо Рофеъ иттифоқ карданд, ки раванд ва
Самарқандро бигиранд. Ин хабар ба амир Наср расид ба
таъҷил ба Тавоис рафт ва сари роҳ бигрифт. Амир Исмоил
бо Рофеъ ба роҳи биёбон рафтанд ва ҳама рустоҳои Бухоро
ба тасарруфи амир Наср буд ва ишон андар биёбон таом
ва алаф намеёфтанд. Ва он сол қаҳтӣ буд ва кор бар ишон

душвор шуд, то андар лашкари ишон як ман[277] нон ба се
дирам шуд ва халқе азим аз лашкари Рофеъ ба гуруснагӣ
ҳалок шуданд. Ва амир Наср нома кард ба писари худ Аҳ-
мад ба Самарқанд, то вай аз суғдӣ Самарқанд ғозиёнро
ҷамъ месохт. Ва аҳли вилоят амир Исмоилро алаф надо-
данд ва гуфтанд, ки: «Инҳо хориҷиёнанд моро ҳалол набо-
шад нусрат додани ишон».
Ва амир Наср ба сабаби омадани Рофеъ тангдил шуда
буд. Амир Наср ба Кармина рафт ва ишон бар асари ӯ ме-
рафтанд, ки Рофеъро касе насиҳат кард ва гуфт: «Ту вило-
яти худ мондаӣ ва ин ҷо омадаӣ, агар ишон, ҳарду баро-
99 дар, бо якдигар бисозанд ва туро дар миён//гиранд ту чӣ
тавонӣ кардан?». Рофеъ аз ин сухан тарсид ва расул фи-
ристод ба наздики амир Наср ва гуфт: «Ман ба ҳарб наё-
мадаам, барои омадаам, то дар миёни шумо сулҳ кунам».
Амир Насрро аз ин сухан хуш омад ва сулҳ карданд ба-
дон, ки амир касе дигар бувад Бухороро ва амир Исмоил
омили хироҷ[278] бувад ва амволи девон[279] ва хутба ба номи
вай набувад ва ҳар соле понсад ҳазор дирам бидиҳад. Ва
Наср бинни Аҳмадро бихонд ва Исҳоқ бинни Аҳмадро низ
ва хилъат дод ва амирии Бухороро ба вай дод. Ва амир Ис-
моил бадон ризо дод ва амир Наср боз гашт ва Рофеъ низ
ба Хуросон рафт ва ин дар соли дувисту ҳафтоду се (886—
887) буд.
Чун аз ин ҳол понздаҳ моҳ баромад амир Наср кас фи-
ристод ба талаби мол. Амир Исмоил мол боз гирифт ва на-
фиристод. Амир Наср номае кард ба Рофеъ, ки вай замон
карда буд. Рофеъ низ номае ба амир Исмоил кард бадин
маънӣ. Амир Исмоил илтифот накард. Амир Наср дигарбо-
ра лашкарҳо ҷамъ кард ҳама аз аҳли Мовароуннаҳр ва
Абулашъас аз Фарғона биёмад. Ва дигарбора рӯй ба Бу-
хоро оварданд ба ҳамон таври пеш. Ва рӯй ба Бухоро ни-
ҳода чун ба Кармина расид, амир Исмоил низ лашкари
худ ҷамъ кард ва ба Тавоис рафт ва ҳарб андар пайваст.
Ва корзори сахт шуд ва Исҳоқ бинни Аҳмад ба Фараб ба
ҳазимат рафт. Амир Исмоил ҳамлаи қавӣ кард бар аҳли
Фарғона ва Абулашъас ба ҳазимат рафт то Самарқанд. Аҳ-
ли Самарқанд хостанд, ки ӯро бигиранд аз он ки барода-
ри худро монда буд ва гурехта буд. Абулашъас аз Самар-
қанд боз гашт ва ба Рабинҷан омад. Ва амир Исмоил Аҳ-
100 мад бинни Мусо Мазрукро асир кард//ва ба Бухоро фирис-
тод. Ва дигарбора лашкари Бухоро ҳазимат шуд. Ва амир

Исмоил бар ҷой истода буд ва бо вай андак мардум монда буданд ва аз маъруфон Симоиулқабир бо вай буд. Амир Исмоил кас фиристод ва аз ғуломон ва маволиён ҳар кӣ гурехта буд, ҳамаро ҷамъ кард ва Исҳоқ ибни Аҳмадро аз Фараб боз овард. Ва аз ғозиёни Бухоро ду ҳазор мард низ берун омаданд ва лашкари қарӣ[280] ҷамъ карданд ва ҳамаро улуфа бидод. Ва амир Наср ба Рабинҷан рафт ва кори лашкар бисохт ва боз гашт. Ва амир Исмоил пеш пеши вай боз рафт ба деҳаи Возбадин[281] ва он ҷо ҷамъ шуданд ва ҳарб дарнайвастанд, рӯзи сешанбе понздаҳуми моҳи Ҷумодиюлохир сол бар дувисту ҳафтоду панҷ (888). Амир Исмоил бар лашкари Фаргона зафар ёфт ва Абулашьас ба ҳазимат рафт ва лашкар ҳама ҳазимат шуда буданд. Ва амир Наср бо мардуми андак бимонд, вай низ баҳазимат шуд.

Амир Исмоил ҷамоате аз хоразмиёнро бонг барзад ва аз амир Наср дур карда ва аз асб фуруд омад ва рикоби у/ро/ буса дод. Ва Симоиулкабир ғуломи падари ишон буд. Ва сипаҳсолор амир Исмоилро хабар дод аз ҳол ва Симоиулкабир кас фиристод ва амир Исмоилро хабар дод ва аз ин ҳол,[282] Наср бинини Аҳмад аз асб фуруд омад ва ниҳолин биафканд ва бинишаст. Ва амир Исмоил бирасид ва хештан аз асб биандохт ва пеш омад ва ниҳолинро буса дод ва гуфт: «Ё амир! Ҳукми худой ин буд, ки маро бар ту берун овард мо имруз ба чашми хеш мебинем ин кори бадин азимеро».

Амир Наср гуфт: «Мо мутааҷҷибем бадин кор, ки ту оварди, ки тоати амири худ надоштӣ ва фармоне, ки худои таоло бар ту карда буд нагузоридӣ».

101 Амир Исмоил гуфт: «Ё амир! Ман муқаррам, ки//хато кардам ва гуноҳ ҳама մарост ва ту авлитарӣ ба фазл, ки ин гуноҳи бузург аз ман даргузаронӣ ва авф кунӣ».

Ишон дар ин сухан буданд, ки бародари дигар, Исҳоқ бинни Аҳмад бирасид ва аз асб фуруд наёмад. Амир Исмоил гуфт: «Ё фалон! Худованди кори хешро фуру наои!». Ва дашном додаш ва хашм гирифт бар вай, Исҳоқ зуд фуруд омад ва дар пои Наср афтод ва заминро буса дод ва узр хост, ки ин асби ман тавсан аст ва аз вай зуд фуру натавон омадан. Ин сухан тамом кард, амир Исмоил гуфт: «Ё амир, савоб он аст, ки зуд ба мақарри иззи хеш боз гардӣ пеш аз он, ки ин хабар он ҷо расад ва раият бишӯранд дар миёни Мовароуннаҳр».

Амир Наср гуфт: «Ё Абоиброхим ин туи, ки маро ба чои хеш мефиристӣ?».

Амир Исмоил гуфт:

«Ин накунам чи кунам? Ва бандаро бо худовандгори хеш ҷуз ин муомила нашояд кардан, ки ҳарчӣ ки муроди ту бошад».

Ва амир Наср сухан мегуфт ва об аз чашми ӯ меборид ва пушаймонӣ мехурд бар он чи рафта буд ва бар хунҳои рехташуда. Онгоҳ бархост ва барнишаст, Амир Исмоил ва бародар Исҳоқ рикобҳо гирифтанд ва уро гардониданд. Ва Симонулкабир ва Абдуллоҳ бинни Муслимро ба мушоя фиристод. Як манзил рафтанд, амир Наср ишонро бозгардонид ва ба Самарқанд рафт. Ва он руз, ки Наср бинни Аҳмад асир буд ҳамчунон сухан мегуфт, бо он қавм, ки дар айёме, ки амир буд ва бар тахт нишаста буд ва ишон ба хидмат пеши у истода буданд. Ва амир Наср аз баъди он ба чаҳор сол вафот ёфт, ҳафт руз монда буд аз моҳи Ҷумодиюлаввал дар соли дувисту ҳафтоду нуҳ (892). Ва амир Исмоил-
102 ро//халифа карданд бар ҷумлаи уммоли Мовароуннаҳр ва бародари дигар ва писари хешро ба фармони ӯ кард.

Ва чун амир Наср аз дуньё бирафт, амир Исмоил аз Бухоро ба Самарқанд рафт ва мулк рост кард ва писари у Аҳмад бинни Насрро халифаи худ биншонд ва вай аз он ҷо ғузӣ пеш гирифт.

Ва амир Исмоил, ба Бухоро омада буд бист сол то он гоҳ, ки бародари у аз дуньё бирафт ва ҷумлаи Мовароуннахр ба вай дод. Ва чун хабари вафоти амир Наср ба амиралмуъминин Муътазид,[283] биллоҳ, расид маншури амали Мовароуннахр ба амир Исмоил бидод, дар моҳи Муҳаррам ба таърихи дувисту ҳаштод (893) Ва вай ба ҳамин таърих ба ҳарб ба Тироз рафт ва бисьёр ранҷ дид ва ба охир амири Тироз берун омад ва салом овард бо бисьёр деҳқонон ва Тироз кушода шуд ва калисои бузургро масҷиди ҷомеъ карданд ва ба номи амиралмуъминин Муътазид, биллоҳ, хутба хонданд. Ва амир Исмоил бо бисьёр ғанимат ба Бухоро омад ва ҳафт сол подшоҳӣ кард ва амири Мовароуннаҳр буд то он гоҳ, ки Амр [бинни] Лайс бузург шуд ва баъзе аз Хуросон бигрифт ва руй ба ғазв ниҳод. Ва Алӣ бинни ал-Ҳусайн,[284] ки амир буд аз Аҳмад[285] ки амири Гузгониён буд ёрӣ хост ҷавоби неку наёфт. Алӣ ибни ал-Ҳусайн аз Ҷайҳун бигзашт ва ба наздики амир Исмоил омад ба Бухоро .Амир шод шуд ва вайро, пеш рафт бо сипоҳ ва

ба эъзоз ва икром ба Бухоро даровардаид ва бисьёр неъмат ба пазди вай фиристод. Ва Али бинни ал-Ҳусайн ба Фараб рафт ва сездаҳ моҳ он ҷо бошид ва амир Исмоил пайваста ба наздики у ҳадьяҳо фиристоди ва вайро неку дошти. Ва Али бинни ал-Ҳусайн он ҷо мебуд то писараш ҳам уро бикушт дар ҳарб

Амр [бинни] Лайс нома кард ба Абудовуд, ки амири Балх буд ва ба Аҳмад бинни Фариғун, ки амири Гузгониён буд ва ба амир Исмоил, ки амири Мовароуннаҳр буд ва
103 мар ишонро ба тоати хеш хонд ва аҳдҳои неку//кард. Ва инҳо ба фармони у пеш рафтанд ва хидмат намуданд. Расул ба наздики амир Исмоил омад ва нома бидод ва аз тоат намудани амири Балх ва амири Гузгониён хабар дод ва гуфт: «Ту бадин тоат намудан сазовортари ва бузургвортари ва қадри подшоҳӣ ту беҳтар донӣ, ки подшоҳзодаӣ».

Амир Исмоил ҷавоб дод, ки: «Худованди ту бадон нодонест, ки маро бо ишон яке мекунад ва ишон маро бандаанд. Ҷавоби ман ба шамшер(у)тир аст ва миёни ман ва ӯ ҷуз ҳарб нест, бозгард ва уро хабар деҳ, то асбоби ҳарб соз кунад».

Амр [бинни] Лайс бо амирон ва бузургон тадбир кард ва аз ишон ёри хост дар кори амир Исмоил ва гуфт: «Дигар касе бояд фиристодан ва суханони хуш бояд гуфтан ва ваъдаҳои хуб бояд кардан». Пас ҷамоате аз машоихи Нишобурро ва аз хосагони хеш бифиристод ва нома бинвишт. Ва дар нома ёд кард, ки ҳарчанд амиралмуъминин ин вилоят маро дод, валекин туро бо худ шарик кардам, дар мулк бояд, ки маро ёр бошӣ ва дил бо ман хуш дорӣ, то ҳеҷ бадгуе миёни мо роҳ наёбад. Ва миёни мо дӯстӣ ва ягонагӣ буда ва он чӣ пеш аз ин гуфта будем аз роҳи густохи буд, аз сари он даргузаштем. Бояд, ки вилояти Мовароуннаҳр нигоҳ дорӣ, ки сарҳадди душман аст ва раиятро тимор дорӣ. Ва мо он вилоятро ба ту арзонӣ доштем ва ҷуз хушнудӣ ва ободонии хонумони ту нахоҳем». Ва аз маъруфони Нишобур чандеро фиристод ва пеши падар рафт ва аҳд кард ва ишонро бар хӯд гувоҳ гирифт ва гуфт: «Моро бар ҳеҷ кас
104 эътимод нест//ҷуз бар ту бояд, ки ту низ бар мо эътимод кунӣ ва ба мо аҳд кунӣ, то миёни мо дӯстӣ устувор гардад».

Ва чун хабари Амр [бинни] Лайс ба амир расиди ба лаби Ҷайҳун фиристод ва раҳо накард, то аз об бигзаранд ва чизе, ки оварда буданд аз ишон нагирифтанд ва наёварданд ва онро ба хорӣ боз гардонданд. Ва Амр [бинни] Лайс-

ро хашм омад, ҳарбро рост сохт. Ва Алӣ бинни Сурушро, ки сипаҳсолори ӯ буд бо сипоҳ фармуд, ки биравад ва ба Омуя лашкарро фуруд орад ва ба гузоштан шитоб накунад то он гоҳ бифармоем. Ва аз паси ӯ сипаҳсолори дигаре, ки Муҳаммад бинни Лайс[286] буд бо панҷ ҳазор мард бифиристод ва гуфт: «Бо Алӣ бинни Суруш тадбир кунед ва сипоҳро бидоред ва ҳар кӣ аз он ҷо ба амон ояд, амон диҳед ва неку доред ва киштиҳо сохта кунед ва ҷосусон фиристед». Ва Амр [бинни] Лайс лашкарҳо паёпай мефиристод.

Ва чун амир Исмоил хабар ёфт аз Бухоро бо бист ҳазор мард тохтан кард ва ба лаби Ҷайҳун рафт ва ногоҳ шабехун бурд ва аз оби Ҷайҳун бигзашт ба шаб. Ва Алӣ бинни Суруш хабар ёфт зӯд барнишаст ва сипоҳро силоҳ дод ва пиёдагонро пеш фиристод ва ҳарб дар пайваст. Ва аз ҳар сӯ лашкари амир Исмоил медаромадӣ ва ҳарб сахт шуд ва Муҳаммад бинни Али бинни Суруш баргашт ва ӯ низ гирифтор шуд[287] ва аз маъруфони Нишобур бисьёр гирифтор шуданд. Ва дигар рӯз амир Исмоил сипоҳи Амр [бинни] Лайсро бинавохт ва улуфа дод ва ҳамаро ба наздики Амр [бинни] Лайс фиристод. Ва бузургони лашкар бо
105 амир Исмоил гуфтанд «Инҳо, ки ба мо ҳарб карданд чун// бигрифтӣ ҳамаро хилъат додӣ ва боз пас фиристодӣ?».

Амир Исмоил гуфт: «Чӣ хоҳед аз ин бечорагон, бимонед то ба мулки хеш бираванд. Ишон ҳаргиз ба ҳарби шумо боз наёянд ва дигарон[ро] дил табоҳ кунанд».

Ва амир Исмоил боз гашт ва бо бисьёр сим ва ҷома ва зар ва силоҳ ба Бухоро боз омад.

Ва аз баъди он як сол Амр [бинни] Лайс ба Нишобур бошид ғамнок ва ғамгин ва андуҳгин ва пушаймон ва мегуфт: «Ман кини Алӣ Суруш ва писар боз хоҳам». Ва чун амир Исмоил хабар ёфт, ки Амр [бинни] Лайс тадоруки ҳарб месозад, вай мар сипоҳи хешро гирд кард ва улуфаи ишон бидод ва аз ҳар сӯ руй ба ишон ниҳод ва мар аҳл ва ноаҳлро ва ҷулоҳа ҳамаро улуфа бидод. Ва мардумро аз ин сахт меомад ва мегуфт: «Бо ин лашкар ба Амр [бинни] Лайс ҳарб хоҳад кардан». Ва хабар ба Амр [бинни] Лайс расид шод шуд. Амир Исмоил ба лаби Ҷайҳун буд Мансур Қаротегин ва Порс Байкандӣ аз Хоразм ба Омуя омаданд ва аз вилояти Туркистон ва Фарғона сӣ ҳазор мард расид. Ва бистуланҷуми Зулқаъда[288] амир Исмоил Муҳаммад бинни Ҳорунро бо муқаддимаи лашкар фиристод ва худ рӯзи дигар берун рафт ва аз Ҷайҳун бигзашт ва сипоҳ аз ҳар

ҷой ба Омуя гирд кард. Ва аз Бухоро ба шаҳри Хоразм рафтанд ва то душанбеи дигар кор рост карданд ва аз он ҷо руй ба Балх оварданд.

Ва Амр [бинни] Лайс шористони ҳисор бигрифт ва худ пеши шористон сипоҳ фуруд овард ва лашкар бурда гирд бар гирд хандақ бигрифт ва чанд руз буд то сипоҳ даромад ва борҳо устувор кард ва ба мардум чунон намуд, ки ман аз шаҳри шумо гардам ва мардумро дил хуш кард.

106 Ва амир Исмоил//Алӣ бинни Аҳмадро ба Форьёб[289] фиристод ва фармуд, то кордорони Амр [бинни] Лайсро бикуштанд ва бисьёр мол биёварданд. Ва аз ҳар ҷо касон фиристод, то касони Амр [бинни] Лайсро мекуштанд ва мол меоварданд.

Ва амир Исмоил ба Алиободи Балх фуруд омад ва се руз он ҷо мақом кард ва аз он ҷо лашкар бардошт ва чунон намуд, ки ба Намозгоҳ хоҳад фуруд омад. Ва он роҳро фарохтар фармуд карданд. Чун Амр [бинни] Лайс чунон бидид, он ҷониб дарвозаҳо устувор кард ва лашкар бадон ҷониб пеш дошт ва манҷаникҳо ва арродаҳо бадон ҷониб рост кард ва ба роҳи Намозгоҳ камин ниҳод ва ҷон лашкарро машгул кард. Пас чун бомдод шуд амири мози роҳ бигардонид ва ба роҳи дигар ба дарвозаи шаҳр рафт ва ба пули Ато фуруд омад. Амр [бинни] Лайс аз ин кор ба тааҷҷуб монд ва манҷаникҳо низ бадон ҷониб боист бурданд. Ва амир Исмоил се руз он ҷо бошид ва бифармуд то об аз шаҳр баргирифтанд ва девор ҳамеафканданд ва дарахтон ҳамеканданд ва роҳҳоро паст карданд, то рузи сешанбе бомдод, ки амир Исмоил ба андак сипоҳ барнишаст ва ба дари шаҳр рафт. Амр [бинни] Лайс берун омад ва ҳарб дарпайваст ва ҳарб сахт шуд ва лашкари вай баҳазимат шуданд. Ва лашкар дар паи ишон ҳаметохт ва баъзеро ҳамекуштанд ва баъзеро мегирифтанд, то ба ҳашт фарсанги Балх бирасиданд, Амр [бинни]) Лайсро диданд бо ду чокар, яке бигрехт, ва он дигар ба Амр [бинни] Лайс даровехт. Пас Амр [бинни] Лайсро бигирифтанд ва ҳар кас мегуфт, ки — Амр [бинни] Лайсро ман гирифтам.

107 Амр [бинни] Лайс гуфт: «Маро ин//чокари ман гирифтааст».

Ва Амр [бинни] Лайс мар он чокарро понздаҳ дона марворид додааст, қимати ҳар яке ҳафтод ҳазор дирам. Он марворидҳо аз он ғулом бистуданд. Ва гирифтани[290] Амр

[бинни] Лайс чоршанбе буд даҳуми моҳи Ҷумодиюлаввали соли дувисту ҳаштоду ҳашт (901).

Ва Амр [бинни] Лайсро пеши амир Исмоил оварданд. Амр [бинни] Лайс хост, ки пиёда шавад, амири мозӣ дастуре надод ва гуфт: «Ман имруз бо ту он кунам, ки мардумон аҷаб доранд». Ва бифармуд то Амр [бинни] Лайсро ба саропарда фуруд оваранд ва бародари хешро ба нигоҳ доштани у фиристод. Ва аз паси чаҳор руз амирро бидид.

Амр [бинни] Лайсро бипурсиданд, ки: «чигуна гирифтор шудӣ?».

Гуфт: «Ҳаметохтам асбам фуру монд, фуруд омадам ва хуфтам ва ду ғулом дидам ба сари ман истода, яке аз ишон тозиёна раҳо кард ва бар бинии ман бинихӯд. Гуфтам. «Аз ин пирмард чи мехоҳӣ?. Савганд додам мар ишонро, ки маро ҳалок накунанд. Фуруд омаданд ва пои маро бӯса доданд ва маро зинҳор доданд. Яке аз ишон маро бар асб нишонд ва мардумон ҷамъ омаданд ва гуфтанд: «Бо ту чист?». Гуфтам: — бо ман чанд марворид аст қимати ҳар яке ҳафтод ҳазор дирам. Ва ангуштари хеш бидодам ва мӯза аз пои ман берун карданд, лахте гавҳарҳои гаронбаҳо ёфтанд. Ва сипоҳ маро андар ёфт ва Муҳаммадшоҳ мардумонро аз ман боз ҳамедошт. Ва дар ин миён амир Исмоилро дидам аз дур, хостам, ки фуруд оям ба ҷон ва сари хеш савганд додам, ки фурӯмояи дили ман қарор гирифт ва маро ба саропарда фуруд овард, ва Абӯюсуф бо ман нишаст ва маро боз дошт ва чун об хостам маро ҷуллоб доданд ва
108 дар ҳаққи ман анвои//эъзоз ва икром намуданд. Пас амир Исмоил наздики ман андаромад ва маро бинавохт ва аҳд кард, ки туро накушам. Ва бифармуд, то маро дар аморӣ нишонанд ва ба ҳурмат ба шаҳр расонанд ва ба шаб маро ба шаҳри Самарқанд даровcovарданд, чунон ки аз аҳли Самарқанд ҳеҷ касро хабар набуд. Ва амир Исмоил ангуштари ман бихарид аз он кас, ки бо вай буд, ба се ҳазор дирам ва баҳои он бидод ва ба наздики ман фиристод ва нигини ангуштарӣ ёқути сурх буд».

Ва Амр [бинни] Лайс гуфт, ки «рӯзи ҳарб бо ман чиҳил ҳазор дирам буд, ки дар ҷанг бурданд ва ман бар асбе будам, ки панҷоҳ фарсанг роҳ рафтӣ ва бисьёр озмуда будам. Имруз ҳамон асб чунон суст ҳамерафт, ки хостам фуруд оям пойҳои асб ба ҷӯе фурӯ шуд, аз асб фурӯ афтодам ва аз хештан навмед гаштам. Чун он ҳар ду чокар қасди ман карданд, он кас, ки бо ман буд ӯро гуфтам: — бар асби

ман биншини ва бигрез. Вай бар асби ман биншаст нигоҳ кардам, чун абр ҳамерафт, донистам, ки он аз бедавлатии ман будааст айби асб нест».

Амр [бинни] Лайс амир Исмоилро гуфт: «Ман ба Балх даҳ харвор зар пинҳон кардаам бифармой, то биёваранд, ки имруз бадон сазовортари». Амир Исмоил кас фиристод ва биёваранд, ҷумларо ба наздики Амр [бинни] Лайс фиристод. Ва амир Исмоилро, раҳматуллоҳ, ҳарчанд илҳоҳ карданд ҳеҷ қабул накард.

Ва номаи амиралмуъминин ба Самарқанд расид ба талаби Амр [бинни] Лайс. Унвони нома чунин навишта буд, ки: «Ман Абдуллоҳ ибни ал-имом Абулаббос ал-Муътазид,
109 ...амиралмуъминин оли Абоиброҳим//Исмоил бинни Аҳмад, мавлии амиралмуъминин». Чун нома ба амир Исмоил расид андӯхгин шуд аз ҷиҳати Амр [бинни]Лайс, фармони халифаро рад натавонист кардан. Фармуд, то Амр [бинни] Лайсро дар аморӣ нишонда ба Бухоро оварданд. Ва амир Исмоил аз шарм рӯй ба вай нанамуд ва кас фиристод, ки агар ҳоҷате дорӣ бихоҳ. Амр [бинни] Лайс гуфт: «Фарзандони маро неку доранд ва ин касоне, ки маро мебаранд васият кун, то ишон маро неку доранд». Амир Исмоил ҳамчунон кард ва дар аморӣ нишонда ӯро ба Бағдод фиристод. Ва чун ба Бағдод расид, халифа ӯро ба Софи ходим супурд ва вай дар банд мебуд пеши Софи ходим, то охири аҳди Муътазид. Ва вай ду сол дар зиндон буд то кушта шуд, ба таърихи дувисту ҳаштоду (нуҳ) (901—902).

Ва чун амир Исмоил Амр [бинни] Лайсро наздики халифа фиристод халифа маншури Хуросон ба вай фиристод ва аз ақабаи Ҳалвон ва вилояти Хуросон ва Мовароуннаҳр ва Туркистон ва Синду Ҳинд ва Гургон ҳама ӯро шуд. Ва ба ҳар шаҳре амире насаб кард ва осори адл ва сирати хуб зоҳир кард. Ва ҳар ки зулм кардӣ бар раъият, гушмол додӣ. Ва ҳеҷ кас аз оли Сомон босиёсаттар аз вай набуд, бо он, ки зоҳид буд. Дар кори мулк ҳеҷ муҳобо накардӣ ва пайваста халифаро тоат намудӣ ва дар умри хеш як соат бар халифа оси нашудӣ ва фармони ӯро бағоят устувор доштӣ.

Ва амир Исмоил бемор шуд ва ранҷи ӯ бештар аз рутубат буд. Атиббоъ гуфтанд: «Ҳавои Ҷуи Мулиён туростъ».[291] Ӯро ба деҳаи Зармон бурданд, ки аз хоссаи мулки ӯ буд ва гуфтанд: «Он ҳаво ӯро мувофиқтар бошад». Ва амир он
110 деҳаро дӯст доштӣ//ва ба ҳар вақт он ҷо рафтӣ ба шикор. Ва он ҷо боге сохта буд ва муддате он ҷо бемор буд, то ва-

фот ёфт. То ӯ ҳам дар он боғ буд ба зери кавзани бузург, дар понздаҳуми моҳи Сафар ба соли дувисту наваду панҷ (25 ноябрь 907). Ва вай бист сол амири Хуросон буд ва муддати ҳукумати ӯ сӣ сол буд. Худои таоло бар вай раҳмат кунад, ки дар айёми вай Бухоро дорулмулк шуд ва ҳама амирони оли Сомон ҳазрати хеш ба Бухоро доштанд. Ва ҳеҷ амирони Хуросон ба Бухоро мақом накардаанд, пеш аз вай ва вай ба Бухоро мақом доштан муборак доштӣ ва дили вай ба ҳеҷ вилоят наёромидӣ, ҷуз ба Бухоро. Ва ҳар куҷо будӣ гуфтӣ: «Шаҳри мо чунин ва чунин», яъне Бухоро.

Ва баъд аз вафоти вай писари ӯ ба ҷои [ӯ] биншаст. Ва ӯро лақаб амири мозӣ карданд.

## ЗИКРИ ВИЛОЯТИ АМИРИ ШАҲИД АҲМАД БИННИ ИСМОИЛ УС-СОМОНӢ

Амири Хуросон шуд ва ӯро амири шаҳид хонданд.[292] Ӯ ба сирати падари хеш мерафт ва адл мекард ва инсофи раият битамоми дод. Ва раоё дар роҳат ва осоиш мебуданд. Ва аз он ҷо ба Хуросон рафт ва мамлакати хешро мутолаа мекард ва Систон бикшод. Ва ба рӯзгори амири мозӣ Систон ба номи ӯ буд ва аз он ҷо ба Бухоро омад. Ва ӯ шикор дӯст доштӣ ва ба шикор рафта буд ба лаби Ҷайҳун ва саропарда зада. Чун аз шикор боз омад қосиде омад ва номае овард аз Абулаббос, амири Табаристон, нома бархонд навишта буд, ки Ҳусайн ибни Алоъ хурӯҷ кард ва бештар аз
111 вилояти Гургон ва Табаристон гирифт ва маро//ба зарурат
мебояд гурехт. Амир дилтанг шуд ва бағоят ғамнок шуд, дуо кард ва гуфт: «Бор худоё! Агар ин мулк аз ман хоҳад рафтан, маро марг деҳ» ва ба саропарда даромад.

Расм он буд, ки яке шер доштӣ ҳар шабе бар дари он хона, ки вай хуфтӣ ба занҷир бар бастандӣ, то ҳар кӣ хостӣ, ки бар ин хона дарояд он шер вайро ҳалок кардӣ. Он шаб чун дилтанг буд, хосагон ҳама дил машғул буданд, фаромӯш карданд овардани шерро. Ӯ бихуфт, ҷамоате аз ғуломони амир даромаданд ва сарашро бибуриданд, дар панҷшанбе ёздаҳуми Ҷумодиюлохир, дар соли сесаду як аз ҳиҷрат (12 январь 914). Ва ӯро ба Бухоро оварданд ва дар гӯрхонаи навканда ниҳоданд ва ӯро амири шаҳид лақаб карданд. Ва Абдулҳасанро тӯҳмат ниҳоданд, ки ӯ гумоштааст ва ӯро ба Бухоро оварданд бар дор карданд. Ва он ғу-

ломонро, ки кушта буданд баъзе ёфтанд ва бикуштанд ва баъзе ба Туркистон бигрехтанд.

*Ва муддати вилояти ӯ шаш солу* чаҳор моҳ буд ва панҷ *рӯз.*

## ЗИКРИ ВИЛОЯТИ АМИРИ САИД АБУЛҲАСАН НАСР БИННИ АҲМАД БИННИ ИСМОИЛ УС-СОМОНӢ...

Чун аз дафни амири шаҳид фориғ шуданд писари ӯ *Насрро*[293] *саид лақаб карданд ва вай ҳаштсола буд*[294] ва вазорати у Абуабдуллоҳ Муҳаммад бинни Аҳмад ал-Ҷайҳонӣ гирифт ва сипаҳсолор Ҳамавия бинни Алӣ шуд ва ӯро соҳибвуҷуди Хуросон хондандӣ.

Ва кори амири саид ба аввал заъиф буд ва ба ҳар ҷой фитна падид омадӣ. Ва амми падари вай Исҳоқ бинни Аҳ-
112 мад ба Самарқанд байат хост//ва аҳли Самарқанд бо вай байат карданд ва писари у Абусолеҳ Мансур бинни Исҳоқ ба Нишобур хуруҷ кард ва баъзе аз шаҳрҳои Хуросон бигрифт ва кори Исҳоқ бинни Аҳмад ба Самарқанд қавӣ шуд. Амири саид сипаҳсолори худ Ҳамавия бинни Алиро фиристод ба ҳарб. Исхоқ баҳазимат шуд ва лашкар ба Самарқанд даромад. Исҳоқ дигарбора хештан рост кард ва аҳли Самарқанд бо вай берун омаданд ва бо Ҳамавия ҳарб карданд ва аҳли Самарқанд баҳазимат шуданд ва Исҳоқ бинни Аҳмад бори сеюм берун омад ва ин бор гирифтор шуд. Ва писари вай Мансур бинни Исҳоқ ба Нишобур буд бимурд ва ҳамаи Хуросон ва Мовароуннаҳр бар амири саид софӣ шуд ва дар Форс ва Кирмон ва Табаристон ва Гургон ва Ироқ хутба ба номи ӯ гуфтанд.

Ҳ и к о я т. Ба таърихи соли сездаҳӯм[295] амири саид аз Бухоро ба Нишобур рафт ва ба Бухоро халифае монд яке аз тавобеи хешро, номи ӯ Абулаббос Аҳмад бинни Яхьё бинни Асад ус-Сомонӣ.

Бадин таърих дар маҳаллаи Гардункашон оташ афтод ва оташе чунон азим, ки мардумон ба Самарқанд бидиданд он оташро, Ва аҳли Бухоро гуфтанд: — «он оташ аз осмон омад». Ва ин маҳалла ҳама бисухт, чунон ки фурӯ нишондан мутааззир шуд.

Алқисса бародарони дигари вай хурӯҷ карданд ва бисьёр фитна ангехтанд ва оқибат Абӯзакариё, ки асли фитна буд бигрехт бо мардуми андак ва бебарак ва бенаво ва ба

Хуросон рафт ва бародарони дигар амон хостанд. Амир
саид ишонро амон дод ва ба наздики хеш овард, то он фит-
113 на биёромид//.

Ҳикоят. Ҳам ба рӯзгори амири саид Наср бинни Ах-
мад бинни Исмоил дар моҳи Раҷаб сол бар сесаду бист
панҷ (май—июль 937) дар Бухоро оташ афтод ва ҷумла
бозорҳо бисӯхт ва оғози он аз дӯкони ҳарисапазе буд ба
дарвозаи Самарқанд, ки хокистар аз зери деги ҳариса бар-
дошт ва ба бом баровард. Ва бар боми ӯ мағоке буд то
оканда шуд, пораи оташ дар миёни хокистар буд ва вай
надониста буд. Бод бурд ва он оташ бар тавора зад ва он
тавора даргирифт ва аз он ҷумлаи бозорҳо даргирифт ва
маҳаллаи дарвозаи Самарқанд ҷумла бисӯхт.

Ва оташ бар ҳаво чун абр ҳамерафт ва куи Бикор ва
тимчаҳои бозор ва мадрасаи Форҷак ва тими Қафшгарон
ва бозори Саррофон ва Баззозон ва он чӣ дар Бухоро буд
бадон ҷониб, ҳама бисӯхт, то ба лаби рӯд. Ва пораи оташ
биҷаст ва масҷиди Мох даргирифт ва тамом бисӯхт. Ва ду
шабонарӯз месӯхт ва аҳли Бухоро дар он оҷиз шуданд ва
бисьёр ранҷ диданд, то рӯзи саввум бикуштанд. Ва як мох
он чӯбҳо ба зери хок месухт ва зиёда аз сад ҳазор дирам
аҳли Бухороро зиён шуд ва ҳаргиз иморатҳои Бухоро мис-
ли он натавонистанд кардан.

Ва амири саидро сиву як сол мулк буд ва подшоҳи одил
буд. Ва ӯ аз падари хеш одилтар буд ва шамоили ӯ бисьёр
будааст, ки агар ҳамаро ёд кунем дароз гардад.

Ва чун аз дунъё бирафт писари ӯ Нуҳ бинни Наср ба
мулк биншаст.

## ЗИКРИ ВИЛОЯТИ АМИРИ ҲАМИД АБӮМУҲАММАД НӮҲ БИННИ НАСР БИННИ АҲМАД БИННИ ИСМОИЛ УС-СОМОНӢ

Амири Ҳамид[296] ба мулк биншаст ба аввали Шаъбон
114 сол бар сесаду сиву як [10 апрель 943]//Абӯзар вазири ӯ
шуд ва вай қозии Бухоро буд ва ба рӯзгори вай касе аз
вай фақеҳтар набуд ва «Мухтасари кофӣ» таснифи ӯ буд.[297]

Ва чун амири саид вафот ёфт ҳар касе ҷой қарор кар-
данд. Амири ҳамид аз Бухоро берун омад ва ба Нишобур
рафт ва Абӯалӣ Исфаҳонӣ[298] амири Нишобур буд, (лаш-
кар) бифиристод, то ӯро бигирифтанд ва вилоятҳо софӣ

кард ва мухолифонро пароканда кард ва Нишобурро ба Иброҳим Симҷурӣ[299] дод. Абӯалӣ Исфаҳонӣ бо хеш гуфт, ки: «Ман мулк бар вай рост кардам вай вилоят ба дигаре дод». Абӯалӣ Исфаҳонӣ мар Абӯисҳоқ иброҳим бинни Аҳмад бинни Исмоил ус-Сомониро гуфт: «Ба Бухоро рав ва мулк бигир. Чун ман бо ту бошам, амир бо ту муқобила натавон кардан». Абӯисҳоқ лашкар бикашид ва хилоф зоҳир кард. Амири ҳамид аз Нишобур бозгашт. Абӯисҳоқ қасди ӯ кард ва миёни ишон ҳарб афтод ва амири ҳамид дар ҳазимат шуд ва то Бухоро биёмад. Ва Абӯисҳоқ, амми вай, бар асари вай ба Бухоро биёмад ва дар Ҷумодиюлохири ба соли сесаду сиву панҷ (январь 947), бо вай ҳамаи аҳли Бухоро байат карданд ва бар ҳама минбарҳои Бухоро хутба ба номи Абӯисҳоқ хонданд. Ва баъд аз муддате ӯро маълум шуд, ки лашкари вай бо вай дил бад кардаанд ва бо амири ҳамид рост шудаанд ва қасди он доранд, ки ӯро бикушанд. Аз Бухоро боз гашт ва ба Чағониён рафт. Ва амири ҳамид сипаҳсолорӣ Мансур Қаротегинро дод ва ба Марв фиристод ва Алӣ бинни Муҳаммад ал-Қазвиниро бигирифт ва банд кард ва ба Бухоро фиристод ва он фитнаро фурӯъ нишонд. Ва амири ҳамидро дар муддати мулки худ бо ҳар касе аз толибони мулки хеш ҳарбҳои бисьёр афтод ва ба таърихи сесаду чиҳилу як
115 (952—953)//вилоятҳо бар амири ҳамид софӣ шуд.

Ва амири ҳамид аз дуньё бирафт ва дар моҳи Рабиюлохири сесаду чиҳилу се (август 954). Ва муддати мулки ӯ дувоздаҳ сол буд.

Ва Аҳмад бинни Муҳаммад бинни Наср гӯяд, ки «Муҳаммад, бинни Ҷаъфар ан-Наршахӣ ин китоб ба номи ӯ кардааст ва ба аввали аҳди вай дар соли сесаду сиву ду (943—944). Ва он чӣ дар аҳди амири ҳамид будааст битамоми дар китоби хеш ёд накардааст ва ҳам чунин он чӣ баъд аз амири ҳамид моро дуруст шудааст аз ҳоли умарои Сомонӣ...»

## ЗИКРИ ВИЛОЯТИ АБДУЛМАЛИК БИННИ НӮҲ БИННИ НАСР БИННИ АҲМАД БИННИ ИСМОИЛ УС-СОМОНӢ...

Чун амири ҳамид аз дуньё бирафт ба амири рашид[300] байат карданд ва вай даҳсола буд, ки ба мулк биншаст. Ва

чун хабари вафоти амири ҳамид ба вилоятҳо бирасид, ҳар касе ба вилояте тамаъ карданд. Ашъас бинни Муҳаммад бинни Муҳаммадро ба Хуросон фиристода буд ва ӯро ба Ҳари ва Исфаҳон ҳарбҳои бисьёр афтод ва вилоятҳо софӣ кард. Ва ҳанӯз дар он кор мебуд ва ҳарб мекард, ки амири рашид аз асб биафтод ва ҳам дар он шаб вафот ёфт ва он шаби чаҳоршанбе буд ва ҳашт рӯз аз моҳи Шаввол гузашта буд ба соли сесаду панҷоҳ (20 ноябрь 961). Ва муддати мулки ӯ ҳафт сол буд. Ва чун ӯро дафн карданд лашкар бишӯриданд ва хилоф карданд ва ҳар касе тамаи мулк карданд ва фитнаҳо зоҳир шуд.

## ЗИКРИ ВИЛОЯТИ МАЛИК МУЗАФФАР АБӮСОЛЕҲ МАНСУР БИННИ НАСР БИННИ АҲМАД БИННИ ИСМОИЛ УС-СОМОНӢ

Амири садид[301] ба мулк биншаст ва лашкар ба вай бай-
116 ат карданд ва иттифоқ падид//омад баъд аз ихтилофи бисьёр. Ва байати ӯ рӯзи одина буд нуздаҳуми моҳи Шаввол ба соли сесаду панҷоҳ (ноябрь—декабрь 961) буд. Ва сипаҳсолор Албтегин дар Нишобур буд, чун хабари вафоти амири рашид ба ӯ расид қасди ҳазрат кард, то амири садидро бигирад. Ва амири садид лашкар фиристод ва чун ба Ҷайҳун расид хост, ки бигзарад натавонист гузаштан, аз он ки лашкар бисьёр омада буд. Ва хост, ки бозгардад ва ба Нишобур равад бо вилояти худ. Амири садид нома кард ба Муҳаммад бинни Абдулраззоқ ба Нишобур, то ӯро нагузорад, ки ба Нишобур дарояд. Албтегин хабар ёфт, донист, ки ба Нишобур натавонад рафтан, ҳачунон аз оби Ҷайҳун ва аз Омуй бигзашт ва ба Балх рафт ва Балҳро бигрифт ва хилоф зоҳир кард.

Амири садид Ашьас бинни Муҳаммадро фиристод ва бо Албтегин ҳарбҳо кард ва ба охир Албтегинро аз Балх берун кард. Албтегин ба Ғазна рафт. Ашьас бинни Муҳаммад бар асари вай ба Ғазна рафт ва он ҷо низ ҳарбҳо карданд ва дигарбор Албтегин аз пеши вай баҳазимат шуд ва боз ба Балх гурехт. Ва боз амири садид ӯро амон дод, баъд аз хилоф ва ҳарби бисьёр ба хидмат омад. Ва дар ин айём амири садид лашкарҳои бисьёр ба вилоятҳо фиристод ва мамлакат софӣ кард ва беш дар вилоят мунозеъ намонд. Ва вилояти Дайламон бигрифт ва бо Дайламон сулҳ кард,

бадон, ки ҳар сол саду панҷоҳ ҳазор дирами нишобурӣ бидиҳанд.

Ва амири садид аз дунъё бирафт дар рӯзи якшанбе шонздаҳҳуми моҳи Муҳаррам ба соли се саду шасту панҷ (25 сентябрь 975). Ва муддати мулки ӯ понздаҳ сол ва панҷ
17 моҳ буд ва аллоҳу аълам//.

## ЗИКРИ ВИЛОЯТИ АМИРИ РАШИД АБУЛҚОСИМ НӮҲ БИННИ МАНСУР[302] БИННИ НАСР БИННИ АҲМАД БИННИ ИСМОИЛ УС-СОМОНӢ

Чун амири садид рӯзи якшанбе аз дунъё бирафт, рӯзи душанбе писари вай ба мулк биншаст ва ба вай байат карданд. Ва Абуабдуллоҳ Муҳаммад бинни Аҳмад ал-Ҷайҳонӣ вазир шуд ва боз ба сабаби пири узр хост ва баъд аз вай ду се рӯзи дигар шуд. Онгоҳ Амир Муҳаммад бинни Абдуллоҳ бинни Азиз вазир шуд ва кори мулк боравнақ шуд. Ва Абулаббос Тош сипаҳсолори лашкар буд маъзул шуд, Абулҳасан Муҳаммад бинни Иброҳим сипаҳсолор шуд. Абулаббос Тош хилоф кард ва Нишобур бигирифт. Ва сипаҳсолор Абулҳасан ва писари вай Абуалӣ ва Абулҳасан ал-Фоиқ ал-Хосса ба Нушобур рафтанд ва ӯро ҳазимат карданд ба соли сесаду ҳафтоду ҳафт (987–988). Ва Абулаббос аз Нишобур бигрехт ва ба Гургон гурехт. Алӣ бинни Ҳасан бо вай ёр шуд ва ба Гургон даровардаш.

Ва чун сипаҳсолор Абулҳасан Муҳаммад бинни Иброҳим аз дунъё бирафт ба охири Зулқаъда соли сесаду ҳафтоду ҳашт (март 989) ва писари вай сипоҳсолор шуд. Ва баъд аз вай амири рашид аз вай бо кароҳият шуда ва ӯро маъзул кард ва сипоҳсолор Абулҳасан ал-Фоиқ ал-Хосса шуд ва ба Ҳари рафт ва бо вай ҳарб кард ва Фоиқ ал-Хосса аз вай бигрехт ва ба Марв рафт, ба таърихи Зулҳиҷҷа андар соли сесаду ҳафтоду ҳашт (март—апрель 989) аз ҳиҷрат.

Ва баъд аз вай Абулҳорис Мансур бинни Нӯҳ[303] як солу нуҳ моҳ волӣ буд, бектузиён[304] ӯро дар Сарахс банд карданд ва мулки оли Сомон аз дасти ишон берун рафт. Ва аллоҳу аълам.

## ТАВЗЕҲОТ

[1] Абӯнаср Аҳмад бинни Муҳаммад бинни Наср ал-Қубовӣ — мутарҷими китоби «Таърихи Бухоро» аз забони арабӣ ба тоҷикӣ.

[2] Абӯбакр Муҳаммад бинни Ҷаъфар ан-Наршахӣ — муаллифи китоби «Таърихи Бухоро».

[3] Муҳаммад бинни Зуфар бинни Умар дар соли 1178 «Таърихи Бухоро»-ро боз ҳам кӯтоҳтар намуда рӯйбардор кардааст.

[4] Садри судур — раиси раисон, яке аз мансабҳои олии динӣ; Садрони Бухоро дар асри XII ҳокимиятро ба дасти худ гирифта буданд.

[5] Себавайх ибни Абдулазиз ал-Бухорой аннаҳвӣ (тақрибан соли 800 вафот кардааст) донишманди фанни грамматика. Олими намоёни асри IX араб дар фанни грамматика. Абуалӣ Муҳаммад бинни ал-Мустанир Қутруб (ваф. 822) шогирди ӯ мебошад.

[6] Ин шахс аз сабаби рӯи лолагун доштани худ лақаби ғанҷорро гирифтааст. Исо ибни Мӯсо ат-Таймӣ Ғанҷор яке аз олимони маъруфи замони худ буда дар Ироқ, Ҳиҷоз ва Миср будааст. Ӯ соли 184 ҳиҷрӣ (800 мелодӣ) вафот кардааст. (Нигаред ба тарҷимаи англисии «Таърихи Бухоро» саҳ. 103, эзоҳи 8).

[7] Бандаи покдоман.

[8] Фақеҳ — қонуншиноси шариат.

[9] Зоҳид — шахси порсо, тарки дуньёкарда.

[10] Имоми Шофеъи — асосгузори яке аз чор мазҳабҳои машҳури суннӣ «мазҳаби шофеъӣ» буда, соли 767 таваллуд ёфта, соли 820 вафот кардааст.

[11] Абулфазл Муҳаммад бинни Муҳаммад ал-Марвазӣ-ус-Суламӣ (ал-ҳоким-уш-шаҳид—вазири Нӯҳ бинни Наср (943—954) буда соли 946 ба қатл расонида мешавад. (В. В. Бартольд. Соч. Т. I. М., 1963, стр. 588).

[12] Қазо кард, яъне қозигӣ кард.

[13] «Хазоин ул-улум» асарест, ки аз тарафи Абулҳасан Абдураҳмон ан-Нишопурӣ, таълиф шуда, то замони мо омада нарасидааст.

[14] Руди Мосиф — дарьёи Зарафшони ҳозира.

[15] Битик—қишлоқ дар муқобили шаҳри Чорҷӯй дар соҳили Аму дар наздикии Фараб ҷой гирифтааст. В. В. Бартольд онро Бетик хондааст. (В. В. Бартольд. Соч. т. 1, М., 1963, стр. 132).

[16] Фараб — дар соҳили рости Аму ҷой гирифта бештар бо номи «Деҳи Алӣ» «Работи Тоҳир бинни Алӣ» машҳур мебошад. (В. В. Бартольд. Соч. т. 1, стр. 132).

[17] Абрӯй — сардори шӯриши асри VI дар Бухоро. Тахмин мекунанд, ки ин шахс дар солҳои 80 асри VI дар Бухоро ҳукм рондааст. (История Узбекской ССР, т. 1, кн. 1, стр. 137).

[18] Нур—ҳозира Нурато, яке аз районҳои вилояти Самарқанд.

[19] Харконруд — яке аз каналҳои қадимӣ, ки барои обьёрӣ намудани қишлоқҳои Шопурком ва Ғиҷдувон аз дарьёи Зарафшон бароварда шудааст. Дар ин ҷо қишлоқи Харқона бояд ба назар дошта шуда бошад, ки вай дар соҳили ҳамин канал, шимолтари дарьёи Зарафшон ҷойгир аст. (ниг. ба саҳ. 92 тарҷумаи узбекии «Таърихи Бухоро»).

[20] Вардона — ҳоло бо номи «Қурғони Вардонзӣ» маълум буда, дар райони Шофиркоми вилояти Бухоро ҷой гирифтааст. Қисми зиёди ин қишлоқро соли 1868 рег пахш кардааст. (В. В. Бартольд. Соч., т. I, стр. 165).

[21] Таровча — қишлоқи дар ҷанубу ғарбии Бухоро ҷой гирифтаи Тароб дар назар дошта шудааст. (В. В. Бартольд. Указ. соч., стр. 166).

[22] Сафна ва Исвона — қишлоқҳоеанд, ки то алҳол ҷойгиршавии онҳо маълум нашудаанд (В. В. Бартольд. Указ. соч., стр. 171).

[23] Байканд — Пойканд — вайронаҳои ин қишлоқ дар ҷануби ғарбии Бухоро дар ҳудуди колхози Октябрь райони Свердлов ҳоло ҳам вуҷуд дорад.

[24] Қалъаи Дабусӣ — дар наздикии станцияи роҳи оҳани Зиёваддини РСС Узбекистон ҷой гирифтааст (В. В. Бартольд. Указ. соч., стр. 148).

[25] Деҳқонон—то асри XIII, дар баъзе вилоятҳои кӯҳи то асри XVI, дар зери ин калима заминдорони калон (феодалон) соҳибони деҳ дар назар дошта мешуд.

[26] Тироз — ҳозира шаҳри Ҷамбул.

[27] Қаро Чурин турк—ҳоқони турк, ки с. 585 Абруйро ба мағлубият дучор намудааст. Соли 588 аз тарафи Баҳроми Чубин шикаст хӯрда кушта мешавад.

[28] Зиёъ — замини зироатӣ.

[29] Қадевар — шахси вобаста аз деҳқони бузург, яъне аз заминдорони калон.

[30] Шаҳристон қисми асосии шаҳр, ки бо девори махсуси мудофиавӣ иҳота карда шудааст.

[31] Мамостин — қишлоқ дар ғарбии шаҳри Бухоро. В В. Бартольд онро Мастин ё Масти навиштааст (В. В. Бартольд. Указ. соч., стр. 169).

[32] Сақматин (баъдтар Сумитон) — қишлоқ дар соҳили канали Шаҳрруди назди Бухоро ҷой гирифтааст, ки ҳозир бо номи Чорбакр маълум аст. (Таърихи РСС Ўзбекистон, ҷ. 1, китоби 1, Тошкент, 1956, саҳ. 499).

[33] Самтин — номи деҳ, вале ҷойгиршавии он то ҳол маълум карда нашудааст. (В. В. Бартольд. Указ. соч., стр. 160).

[34] Искачкат — яке аз қишлоқҳои калонтарини назди Бухоро.

[35] Шарғ — яке аз қишлоқҳои назди Бухоро.

[36] Ромитин — Ромитани ҳозира.

[37] Абубакри Сиддиқ—яке аз чорьёрони Муҳаммад буда дар солҳои 632—634 ҳукм рондааст.

[38] Дар ин ҷо дар матн хатогӣ содир шудааст, зеро дар таърих ду Муовия ба хилофати араб нишастанд. Муовияи I дар солҳои 661—680 ва Муовияи II дар солҳои 683—684. Аммо ба Хуросон амир таин шудани Қутайба бинни Муслим ва ба Бухоро ҳуҷум қардани у дар солҳои 705—714 содир шудааст.

[39] Сукон бинни Тағшода — дар баъзе нусхаҳо Суконро бародари Тағшода нишон дода шудааст. Н. С. Лыкошин дар тарҷумаи худ ду Тағшодаро номбар кардааст.

[40] Буньёт бинни Тағшода — ҳафт сол ҳукмронӣ кардааст, шояд ӯ бародари Кутайба бинни Тағшода бошад.

[41] Исмоили Сомонӣ — Абӯиброҳим Исмоил бинни Аҳмад ус-Сомонӣ. — Исмоили I. Яке аз амирони машҳури Сомониён, аз соли 874 то соли 892 ҷонишини Наср бинни Аҳмад дар Бухоро, аз соли 892 то соли 907 амири Сомониён.

[42] Бедун Бухорхудот соли 680 аз тарафи Муслим бинни Зиёд кушта шудааст.

[43] Хотун — дар солҳои 680—695 дар Бухоро ҳукм рондааст.

[44] Ҳамон Қутайбест, ки дар тарҷумаи ӯзбеки Сукон нисбат дода шудааст.

[45] Соҳиббарид — намояндаи ҳукумати марказӣ, ки аз болои амалдорон ба тарзи махфӣ назорат мебурд. Дар замони Сомониён махсус девон буд, ки онро соҳиб ул-барид меномиданд. Вазифаи ин девон расонидани мактубҳои давлатӣ ва аз болои амалдорони маҳаллӣ назорати махфӣ бурдан буд.

[46] Маҳдӣ — яке аз халифаҳои бани — Аббосия, ки дар солҳои 775—785 ҳукм рондааст.

[47] Мустағаллот — заминҳое, ки ғалла корида мешуданд.

[48] Аз суханони «ва мамлакат дар дасти вай будӣ» маълум мегардад, ки муаллиф дар зери номи Иброҳим Исмоили I Сомониро дар назар дорад. Дар яке аз нусхаҳои истифода бурдаи Фрай Абуиброҳим омадааст, ки куняти Исмоил мебошад. Аз ин ҷо тахмини Н. С. Лыкошин «вероятно Исмаил» рост меояд.

[49] Иртифоот — ҷамъи иртифоъ — ҳосил, ҳосили зироат:

[50] Наср — бародари калони амир Исмоил мебошад, ки соли 892 вафот кардааст.

[51] Муқтадир — яке аз халифаҳои бани Аббосия мебошад, ки дар солҳои 908—932 ҳукм рондааст.

[52] Соҳибшурат — сардори гвардияи дарборӣ.

[53] Мулки султонӣ — замини султонӣ, яъне замине, ки ба хазина тааллук дошт.

[54] Байтулмол — байтулмол кардан, яъне замин, мол ва дигар боигарии шахсеро ба манфиати давлат гирифтан.

[55] Ориз — ҳисобдори лашкар, муваккали таъминоти ҳарбиён ё худ хазинадор.

[56] Севанҷ — номи деҳ, вале ҷойгиршавии он то ҳол маълум нашудааст. В. В. Бартольд ин қишлоқро ба Исвона нисбат додааст. (В. В. Бартольд, Указ. соч., стр. 171).

[57] Ҷайҳун, дарьёи Аму.

[58] Фарсанг — масофа, ки тахминан ба 6—8 км рост меояд.

[59] Тобеин шахсонеанд, ки саҳобаҳоро яъне ҳамсуҳбатони Муҳаммад пайғамбарро бо чашми худ дидаанд.

[60] Тавоис — номи деҳ ҷойгиршавии он то ҳол муайян карда нашудааст. В. В. Бартольд онро Тавовис навишта, номи кӯҳнаи онро Арфуд гуфтааст. (В. В. Бартольд, Указ. соч., стр. 149).

[61] Дар В. В. Бартольд Арфуд оварда шудааст (Бартольд В. В. Соч. т. 1, с. 740).

[62] Барда — асир, банда, ғулом.

[63] Чоч — номи қадимаи шаҳри Тошканд.

[64] Қандиз (кӯҳандиз) — қалъаи кӯҳна.

[65] Қашоварзӣ — деҳқонӣ.

[66] Ҷуфт аслан «ҷуфти гов» ченаки миқьёс, ки барои муайян кардани масоҳати замини корам истифода бурда мешуд.

[67] Карбос — номи пӯшокворӣ.

[68] Абуаҳмад ал-Муваффақ, биллоҳ (вафот 891) бародари халифа Мӯътамид (870—892), ки корҳои давлатиро адо мекард.

[69] Муқотаа (иқта) — мулки шарите, ки аз тарафи ҳоким ба шахсе барои иҷрои вазифаи ҳарбӣ ё гражданӣ тақдим карда мешуд.

[70] Муҳаммад бинни Тоҳир—амири Хуросон дар солҳои 862—873.

[71] Дар байни Иброҳим ва Тамғочхон калимаи бинни изофагӣ омадааст. Малик Шамсулмулк Наср бинни Иброҳим Тамғочхон яке аз ҳукмронони хонадони сулолаи Қарахониҳо буда, соли 1068 ба манфиати писараш Шамсулмулк аз тахти ҳукмронӣ даст кашида, соли 1080 вафот кардааст.

[72] Хайли анбуҳ — аз ҳад зиёд, беандоза.

[73] Уммол (ҷамъи омил) — шахси андозҷамъкунанда.

[74] Аимма — ҷамъи имом.

[75] Қадрхон Ҷабраил бинни Умар бинни Тугрулхон — яке аз намояндагони сулолаи Қарохониҳо буда дар солҳои 1100—1103 дар Мовароуннаҳр ҳукм рондааст. Вале дар баъзе асарҳои таърихӣ ба ҷои Қадрхон Қодирхон омадааст.

[76] Арслонхон Муҳаммад бинни Сулаймон яке аз ҳокимони сулолаи Қарохониҳо, ки дар солҳои 1102—1130 ҳукм рондааст.

[77] Кинторӣ — маънои ин калима маълум нашуд.

[78] Руи — мис.

[79] Дар яке аз нусхаҳои истифода бурдаи Ризавӣ «асаре ҳаст» омадааст.

[80] Мумкин яке аз шоҳзодаҳои сулолаи Сосониёни Эрон—Шопур писари Хусрави I (531—578) ё Хусрави II (590—628) дар назар дошта шуда бошад.

[81] Дар чопи Бухоро дар ин ҷо ибораи «гуянд, ки шайх Абуали ибни Сино дар Афшина таваллуд ёфтааст» изофа омадааст.

[82] Алавиён — авлоди Алӣ ки дар солҳои 656—661 ҳукм рондааст. Дар Эрон тарафдорони мазҳаби шиаи дувоздаҳимомия уро имоми аввалин меҳисобанд.

[83] Авлоди Имом Ҷаъфари Содиқ (вафот 765) имоми шашум, дар назар дошта шудааст.

[84] Афросиёб — подшоҳи афсонавии Туронзамин.

[85] Дар чопи Бухоро баъд аз ин калима чунин ҳикоя илова омадааст: «Гуянд, ки Афросиёбро духтаре буда, ки дарди сари доимӣ дошт, чун бар Ромитин қарор гирифт аз дарди сар халос шуд, ки ҳавои ӯ ӯро мувофиқ омад. Он ҷоро Ромитан ном кард ва оммаи халқ Ромитин гуфтаанд».

[86] Абуҳафси Қабири Бухороӣ — хоҷа имом Абуҳафс Қабири Бухороӣ яке аз фақеҳони машҳури Бухорост, ки дар соли 834 вафот кардааст.

[87] Варахша — шаҳри қадимаист, ки дар шимолу ғарбии Бухоро ҷой гирифтааст.

[88] Хунукхудот — яке аз ҳукмрони асри VIII Бухоро.

[89] Дар бораи ба тахт нишастани Аҳмад бинни Нӯҳ I маълумоти аниқ нест. Назар бо нишондоди муаллифи «Сулолаи мусулмонон» Қ. Э. Босворт, баъд аз Нӯҳи I бинни Насри II писарони у Абдулмалик бинни Нӯҳи I (954—961) ва Мансури I бинни Нӯҳи I (961—976) ҳукмронӣ кардаанд.

[90] Дар чопи Бухоро «Зиёда аз бист ҳазор» омадааст.

[91] Ғалаба — дар ин ҷо ба маънои ғулув, ҳуҷум омадааст.

[92] Дар чопи Бухоро «кофирони дашт» омадааст.

[93] Ғазв — ҷанг дар роҳи дин.

[94] Арслонхон Муҳаммад бинни Сулаймон — нигаред ба эзоҳи 76.

[95] Бо ҳашамат, бо шукуҳ.

[96] «Масолик ва мамолик» («Роҳҳо ва мамлакатҳо»)—одатан ба китобҳои ҷуғрофии бо забони арабӣ навишташуда бештар чунин ном гузошта мешуд.

[97] Харвор — ченаки вазн. Дар ҳар шаҳр бо ҳар хел миқдор истифода бурда мешавад; боре, ки як хар бардошта метавонад — тақрибан 300 кг.

[98] Шаддод — мувофиқи ривоятҳо гуё у боги Ирамро бино кардааст. Ӯ ба бераҳмӣ ном бароварда, ки дар бисьёр адабиётҳо ба ҳокимони бераҳму золим лақаби Шаддод додаанд.

[99] **Байтуттироз — аз ду реша «Байт» — хона на «Тироз» — нақшу нигор. Қоргаҳе, ки дар он матоъҳои нафиси нақшу нигордор кор карда мебароварданд.**

[100] Омил — нигаред ба эзоҳи 73.

[101] Дар чопи Бухоро баъд аз калимаи «будӣ» ҷумлаи «ва баъзеро мураккаб карданд ва онро алоча ходнанд» изофа шудааст.

[102] Дар чопи Бухоро «Ҳар боре, ки бозор будӣ бутонро фурӯхтандӣ» омадааст. Вале дар баъзе дастхатҳо ба ҷои «бут» «бозии бачагон» омадааст. (Нигаред ба тарҷимаи ӯзбекӣ, саҳ. 96).

[103] Дар чопи Бухоро баъд аз калимаҳои «оташ парастидандӣ» ҷумлаи «ва боз берун омаданди ва бут харидандӣ ва ба хона рафтандӣ» изофа омадааст.

[104] Нумиҷкат — назар ба маълумоти манбаъҳои асрҳои миёна Нумиҷкат шаҳри алоҳидае дар назди Бухоро буда баъдтар ин ду шаҳр бо ҳам пайвастаанд, аз ин ҷост, ки Бухоро гоҳо Нумиҷкат номида мешуд (нигаред ба В. В. Бартольд. Соч. т. V, М., 1968, стр. 289. Эзоҳи 32).

[105] Салмони Форсӣ — аслан эронӣ буда, яке аз саҳобаҳои Муҳаммад пайғамбар мебошад, ки соли 655 вафот кардааст.

[106] Буқъат — ҷой, макон.

[107] Дар баъзе дастхатҳо «Ҳисори арки Бухоро», омадааст. (Нигаред ба тарҷумаи ӯзбекӣ, саҳ. 97).

[108] Ориятӣ — муваққатӣ, амонатӣ.

[109] Дар чопи Бухоро баъд аз калимаҳои «бадгӯӣ карданд» боз ҷумлаи «Қаршюз» (کرشیوز) бародари Афросиёб бадғуи кард» изофа омадааст.

[110] Муғон (ҷамъи муғ) марди рӯҳонии оташпарастон, ки ба дараҷаи поинтар аз мубадон меистодааст.

[111] Дар чопи Бухоро баъд аз калимаи «доранд», «қабри уро мазори Сиёвуши вали гӯянд», омадааст.

[112] Банотуннаъш номи галаситира, ки онро ба тоҷикӣ ҳафт Додарон меномапд. Дар ин ҷо банотуннаъш ба маънои тартиби гузоштани сутунҳои сохтмон омадааст.

[113] Девон — маҳкама, идораи давлатӣ, вазоратхона.

[114] Кутвол (ё кутвол) — қалъабон, дижбон маъмури муҳофизаи қалъа.

[115] Дар ин ҷо Хоразмшоҳ Отсиз ба назар дошта шудааст, ки вай дар солҳои 1127—1156 ҳукм рондааст.

[116] Султон Санҷар — яке аз ҳукмронони сулолаи Салҷуқиён, ки дар қисми зиёди Осиёи Миёна, Эрон, Ироқ, Шом ва Осиёи Хурд ҳукмронӣ кардааст. Муизуддуньё ва-д-дин Санҷар бинни Маликшоҳ (1108—1157), ҳукмрони охирини «Салҷуқиёни бузург» буд, ки дар замони ӯ парокандашавии ин давлат сар шуда буд.

[117] Албтегин — яке аз ҳокимони Бухоро, ки соли 1141 аз тарафи қарохитоиён таин шуда буд.

[118] Гурхон — унвони султони қарохитоиҳо, ки соли 1141 ба султон Санҷар зарба зада Мовароуннаҳрро ба даст даровbooарданд.

[119] Ҳашами гуз, яке аз қабилаҳои турк — ғузҳо дар назар дошта шудааст, ки дар зери тасарруфи султон Санҷар буданд.

[120] Хоразмшоҳ Муҳаммад бинни Султон Такаш яке аз ҳукмронони давлати Хоразмшоҳиён буда дар солҳои 1200—1220 ҳукм рондааст. Дар охирҳои ҳукмронии ӯ (соли 1218) ҳуҷуми чингизиён ба Осиёи Миёна сар мешавад.

[121] Хитоиён мақҳур шуданд — бояд мағлуб гаштани қарохитоиёнро дар назар дошта бошад, ки он соли 1210 рӯй дода буд.

[122] Чингизхон — Темучин (1162—1227) асосгузори империяи муғулҳо.

[123] Оли Сомон — нигаред ба эзоҳи 133 — Сомониён.

[124] Наср бинни Аҳмад бинни Исмоил ус-Сомони — Насри II яке аз амирони сомониён, ки дар солҳои 914—943 ҳукм рондааст.

[125] Дар нусхаҳои дигар адади девонҳо ба 10 мерасад, аммо дар чопи Мударрис Ризавӣ 9-то буда, аз байн девони «амидулмулк» афтодааст.

[126] Дар ин ҷо аз тарафи тарҷумони «Таърихи Бухоро» хатоги содир шуда, номи ҳақиқии вазири Абдулмалик бинни Нуҳ, Аҳмад бинни Ҳасан ул-Утбӣ *набуда, Абуҷаъфар Утбист* ва муаллифи китоби «Ямини» Абунаср Муҳаммад бинни Абдулҷаббор Утбӣ мебошад (В. В. Бартольд. Указ. соч., стр. 162).

[127] Мансур бинни Нуҳ (Мансури I) яке аз амирони Сомониён буда дар солҳои 961—976 ҳукм рондааст.

[128] Мисқол — воҳиди вазн, ки ба 24 қирот ё ба 4,68 грамм баробар аст.

[129] Ал — Мустаин бинни ал-Муътасим — яке аз халифаҳои бани Аббос, ки дар солҳои 862—866 ҳукм рондааст.

[130] Мавлиён (мавло, ҷамъи соҳиб) — молик, баъзан ба маънои ғуломи озодшуда ва навкар омадааст. Дар ин ҷо ба маънои ғуломони озодшударо, ки ба гвардияи Исмоили Сомонӣ хизмат мекарданд дар назар дошта шудааст.

[131] Дарвозаи Нав — дар бисьёр нусхаҳои «Таърихи Бухоро» (нав) (نو) навишта шуда, дар баъзе манбаъҳои арабӣ **«Нур»** (نور) омадааст.

[132] Нигаред ба эзоҳи 72.

[133] Сомониён номи сулола, ки дар солҳои 875—999 дар Осиёи Миёна, Хуросон ва қисман Эрон ҳукмронӣ кардааст.

[134] Мил — миқьёси поймоиши масофат, сеяки фарсанг, ки аз чор ҳазор қадам ё газ иборат аст.

[135] Хизрхон — соли 1080 ба тахт нишастааст.

[136] Аҳмадхон то соли 1095 ҳукм рондааст.

[137] Маликшоҳ (1072—1092) — яке аз султонҳои Салҷуқиён, ки соли 1089 ба Мовароуннаҳр ҳуҷум кардааст.

[138] Дар тарҷумаи узбекии «Таърихи Бухоро», «Қашкашон» (саҳ. 9, 33, 34) навишта шудааст. Аммо баъзе шарқшиносон ин калимаро ба шакли «Қашкушон» қор фармудаанд (А. М. Беленицкий, И. Б. Бентович, О. Г. Большаков. Средневековый город Средней Азии. Л., 1973, стр. 239).

[139] Ҷуфти гов — нигаред ба эзоҳи 66.

[140] Дар бораи Бухоро ва анҳору заминҳои атрофи он нигаред ба В. В. Бартольд. Сочинения, т. 1, М., 1963, стр. 165—168.

[141] Кисро — шакли арабишудаи Хусрав (Хисрав) мебошад. Дар адабиёт бо ин ном бештар Хусрави I Анӯширвон (531—578) дар назар дошта мешавад.

[142] Ба муқотаа бигрифт, — яъне ба иҷора гирифт.

Ин девор, ки барои пешгирӣ кардани ҳуҷуми туркони бодиянишин сохта шуда буд ва ба дарозии 250 км тӯл кашида буд аз тарафи Абулаббос Фазл бинни Сулаймон-ат-Тусӣ вайрон карда боз, аз тарафи Маҳдӣ барқарор карда мешавад. (Нигаред тарҷумаи англисии «Таърихи Бухоро» саҳ. 127, эзоҳи 146). Вале назар ба гуфтаи В. В. Бартольд ин деворро Сулаймони Тӯсӣ, ки дар байни солҳои 783—787, ҷонишини халифа дар Хуросон буд, сохтааст (В. В. Бартольд. Указ. соч., т. 1, стр. 163).

[143] Абулаббос бинни ал-Фазл бинни Сулаймони Тӯсӣ дар солҳои 783—787 амири Хуросон шудааст.

[144] Саркардагон.

[145] Ин девор дар даврони ҳукмронии Тоҳири II (844—862) сохта шудааст.

[146] Солҳои ҳукмронии Арслонхон чӣ тавре, ки дар боло нишон дода шуд 1102—1130 мебошад.

147 Масъуд Қилич Тамғочхон — хони қарохитонҳо (1160—1178).

148 Шашсаду чаҳор.

149 Абубакри Сиддиқ — халифаи араб, ки дар солҳои 632—634 ҳукм рондааст.

150 Ҳорунаррашид — яке аз халифаҳои бани Аббосия, қаҳрамони бисьёр ҳикояҳои «Ҳазору як шаб» буда, дар солҳои 786—809 ҳукм рондааст.

151 Маҳди — нигаред ба эзоҳи 46.

152 Мусо ал-Ҳоди яке аз халифаҳои бани Аббосия, бародари калонии Ҳорунаррашид мебошад, ки дар солҳои 785—786 ҳукм рондааст.

153 Ғитриф бинни Ато амире, ки дар Хуросон дар солҳои 792—793 ҳукм рондааст )нигаред ба В. В. Бартольд. Указ. соч., стр. 260).

154 Маънои ин калима маълум нашуд.

155 Ба қаҳрия мегирифтанд — яъне маҷбуран мегирифтанд.

156 Дар яке аз нусхаҳои истифодабурдаи Ризавӣ ба ҷои Мохак, Моҳ омадааст.

157 Дар чопи Бухоро матн вайрон шуда «якчанд» навишта шудааст. Ҳубба воҳиди вазн буда тахминан баробар ба—0,071 гр. аст.

158 Дирам — миқъёси вазн тақрибан ва 3,186 гр. баробар аст.

159 Доиг воҳиди вазн, ки баробар ба шашьяки дирам мебошад (Умуман донг шашьяки ҳар як чиз мебошад).

160 Мовия — Муовия I, яке аз халифаҳои бани Умия, ки дар солҳои 661—680 ҳукм рондааст.

161 Яъне як миллион. Дар чопи Бухоро бошад як миллиону чорсад ҳазор омадааст.

162 Абдуллоҳ бинни Ҳозим сардори қабилаи қайс, ҷонишини халифа дар Хуросон, соли 72 ҳиҷри (692 мелодӣ) кушта мешавад (нигаред ба тарҷимаи англисии «Таърихи Бухоро» саҳ. 130, эзоҳи 161). Абдуллоҳ бинни Ҳозим дар Хуросон мустақилона ҳукм ронда, ҳатто аз номи худ танга сикка задааст (В. В. Бартольд. Указ. соч., стр. 242).

163 Байғория (بیغاریه) дар луғатҳо пайдо нашуд. Дар чопи Теҳрон ба яке аз нусхаҳои истифода бурдаи Ризавӣ «бутфорид» (بتفرید) омадааст. Шояд ба ҷои калимаи «бутофарид», «бутфорид» навишта шуда бошад.

164 Дар истихфофи ҳалок шудан — яъне дар ҳақирӣ мурдан.

165 Язид бинни Муовия—Язиди I, яке аз халифаҳои бани Умия, ки дар солҳои 680—683 ҳукм рондааст.

166 Муслим бинни Зиёд бинни Абиҳ—амири Хуросон дар солҳои 681—684.

167 Муҳаллаб — яке аз сарлашкарони асри VII араб.

168 Дар чопи Бухоро ба ҷои «руд», «Харқонруд» (канал) омадааст.

169 Хутан — дар Туркистони Шарқӣ ҷой гирифтааст.

170 Аз матн маълум мешавад, ки миёни Бедун ва амири Хутан ним фарсанг монда, баъд ба ҳарб медароянд. Ин ба мазмуни ҷумлаҳои болои зид мебошад, чунки Бедун на ба муқобили амири Хутан, балки ба муқобили арабҳо меҷангид.

171 Дар чопи Бухоро «як дам сабр кунед» омадааст.

172 Дар чопи Бухоро «Ҳозимро бихонд ва ба ҳамон ҷома, ки ба Хотун намуд», омадааст.

173 Дар тарҷумаи ӯзбекӣ ба ҷои «ва» Абдуллоҳ омадааст.

174 Аҷам — арабҳо мамлакатҳои ғайри арабро «аҷам» ва халқҳои онҳоро «аҷамӣ» меномиданд.

175 Қутайба бинни Муслим соли 705 амири Хуросон мешавад.

[176] Ҳаҷҷоҷ — Ҳаҷҷоҷ бинни Юсуф сарлашкари намоёни бани Уммия, ҷонишини халифа дар Ироқ буда, бо бераҳмиҳои худ ном баровардааст.

[177] Тахористон — заминҳои болооб ва миёнаи Амударьё дар асрҳои миёна бо ҳамин ном машҳур буд.

[178] Хунбун — қишлоқ аст, ки дар масоҳаи 4 фарсах аз Бухоро воқеъ гардидааст. (В. В. Бартольд. Указ. соч., стр. 169).

[179] Тароб — яке аз қишлокҳои Бухоро, ки дар наздикии Хунбун ҷой гирифтааст (В. В. Бартольд. Указ. соч., стр. 169).

[180] Фағфур — лақаби подшоҳони Чин.

[181] Дар яке аз дастхатҳои дар Ленинград маҳфуз буда ба ҷои «сипар», «шамшер» омадааст (Нигаред ба тарҷумаи ўзбекӣ, саҳ. 101).

[182] Дар яке аз дастхатҳои дар Ленинград маҳфуз буда ба ҷои «Зиреҳ», «Зиреҳи нағз» омадааст (Нигаред ба тарҷумаи ўзбекӣ саҳ. 101).

[183] Ҳайён ун-Набати яке аз наздикони Қутайба.

[184] Доир ба ин мазмун ниг. ба тарҷумаи ўзбекии «Таърихи Бухоро», саҳ. 101, эзоҳи 9.

[185] Бўқ задан — яъне шайпур кашидан.

[186] Нигаред ба сарлавҳаи «Зикри ибтидои фатҳи Бухоро.

[187] Бкинтонкинт (بکینتنا نکینت) ва нкуниёнкуни (نکونیا نکونی) калимаҳои қадимаи суғди буда дар вақти рукўъ ва саҷда гуфта мешудаанд. Ба фикри мо калимаи дуюмро «нигуниёнигунӣ» хондан ба мақсад наздиктар мебошад.

[188] Дар чопи Бухоро гуфт: «пурсидам аз устоди хеш, ки ба аввал ўро кӣ ниҳода буд, устод марди сольёфта буд гуфт: — сабаби он чунон, буд, ки беруни шаҳр ҳафтсад кушки тавонгарон он ҷо буданд».

[189] Дар тарҷумаи ўзбекӣ калимаҳои: «бинобар дарҳо хунук шуда намонданашон» ҳамроҳ карда шудааст.

[190] Поргини Ҳисор бино кардан — яъне дар пояи Ҳисор (қалъа) кандани хандак барои пур кардани об.

[191] Дар санаҳо нокисие ҷой дорад. Халифагии Ҳорунаррашид дар солҳои 786–809, Фазл бинни Яҳьё бинни Холид Бармакӣ бошад дар солҳои 794—795 амири Хуросон, буд, аз ин чост, ки масҷиди ҷомеъ солҳои 770—771 бино наёфта шояд пештар бошад.

[192] Дар чопи Бухоро ба ҷои «коз», «қозӣ» омадааст.

[193] Абуубайдуллоҳ ал-Ҷайҳонӣ — Вазири Наср бинни Аҳмад (914—943) ва муаллифи «Китоб-ул-масолик ва-ал-мамолик». Номи асосии ў Абуубайдуллоҳ набуда. Абўабдуллоҳ мебошад.

[194] Соли охири ҳукмронии Иброҳим Тамғочхон 1068 мебошад.

